**В.А.Костетский**

# АСОСҲОИ ДАВЛАТ ВА ҲУҚУҚ

**Китоби дарсӣ барои синфҳои 10-уми муассисаҳои таълими миёна**

Нашри 1

*Вазорати таълими халқи Республикаи Ўзбекистон тасдиқ кардааст*

Тошканд
«Yangiyo‘l Poligraf Servis»
2017

УДК: 34(075.3)=222.8
ББК 67.400
К72

Костетский, Василий.
Асосҳои давлат ва ҳуқуқ: Китоби дарсӣ барои синф 10-уми муассисаҳои таълими миёна / В.Костетский. — Нашри якум. — Тошканд: «Yangiyol Poligraf Servis», 2017. — 144 с.

УДК: 34(075.3)=222.8
ISBN 978-9943-4937-8-0
ББК 67.400

**Муҳаррири илмӣ:**

**Саидов А.,** доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, проф.

**ТАҚРИЗДИҲАНДАГОН:**

**Хайитбаев Ф.** — ходими илмии Маркази миллии ҳуқуқҳои инсон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ;

**Бакаева Ф.** — мудири шуъбаи таҳлил ва тадқиқоти Маркази миллии ҳуқуқҳои инсон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ;

**Аккулова С.** — омӯзгори калони кафедраи Донишкадаи бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси кормандони таълими халқи шаҳри Тошканд;

**Багдасарова Т.** — омӯзгори асосҳои давлат ва ҳуқуқи мактаби таълими умумии рақами 49-уми шаҳри Тошканд;

**Юнусова М.** — омӯзгори асосҳои давлат ва ҳуқуқи мактаби таълими умумии рақами 41-уми шаҳри Тошканд.

Китоби дарсӣ мувофиқ ба барномаи Вазири таълими халқ тайёр шудааст ва ба донишомӯзони синфи 10-уми мактабҳои таълими миёна, ҳамчунин, шавқмандони масъалаҳои ҳуқуқи инсон пешбинӣ гардидааст.

Меъёрҳои ҳуқуқии китоби дарсӣ мувофиқ ба қонунҳои дар амали Республикаи Ўзбекистон баён гардидааст. Дар омодакунии китоби дарсӣ аз материалҳои Г.М. Тансиқбоева бинобар ҳуқуқи конститутсиявӣ истифода гардидааст.

## АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ



**- дар ёд доред!**



**- вазъияти ҳуқуқӣ**



**- донишатонро санҷед**



**- супориш**



**- иқтибосҳо аз ҳуҷҷатҳои Конститутсия ва қонун**

**Аз ҳисоби маблағи Бунёди мақсадноки китоби республика чоп шудааст.**

ISBN 978-9943-4937-8-0

© Костетский В., 2017
© «Yangiyo'l Poligraf Servis», 2017

## БА ДОНИШОМӮЗОН

Ислоҳоти бузургмиқёсе, ки дар солҳои истиқлол дар кишвари мо дар амал татбиқ гардид, барои мустаҳкамсозии давлатдории миллӣ ва соҳибихтиёрӣ, таъмин намудани бехатарӣ ва ҳуқуқу тартибот, дахолатнопазирии сарҳадоти давлатамон, устувории қонун дар ҷамъият, ҳуқуқу озодиҳои инсон, фароҳам овардани муҳити ҳамбастагии миллатҳо ва тафоҳуми динӣ заминаи муҳим гардид, барои зиндагии муносиби халқамон, намоиши қудрати созандагии шаҳрвандонамон шароити зарурӣ ба вуҷуд омад.

Дар ин замони зуд ва бошиддат тағйирёбанда, ки мубориза барои шуури инсон авҷ гирифтааст, мубориза бар зидди ҷиноятгарӣ ва гирифтани пеши роҳи ҳуқуқшиканӣ, масъалаҳои пурзӯр намудани чораҳои ташкилию амалӣ дар роҳи муборизаи зидди экстремизми динӣ ва терроризм, дигар намудҳои ҷиноятҳои муташаккил яке аз масъалаҳои муҳимтарини рӯз шудааст. Аз ин рӯ, масъалаҳои боло бурдани сатҳи шуур ва маданияти ҳуқуқии мардум ҳамчун давоми мантиқии корҳое, ки дар солҳои аввали истиқлол оғоз ёфта буд, дар Стратегияи ҳаракатҳо оид ба панҷ тамоили устувори тараққиёти Республикаи Ӯзбекистон дар солҳои 2017-2021 ҳам чун тамоили алоҳида ифодаи худро ёфтааст.

Мақсади асосии омӯзгори фанни «Асосҳои давлат ва ҳуқуқ» аз баланд намудани маданияти ҳуқуқии донишомӯзон иборат аст. Ин китоби дарсӣ маҳз ба ин мақсад хизмат мекунад.

Донишомӯзи азиз! Шумо дар синфҳои поёнӣ дар бораи пайдоиши давлат ва ҳуқуқ, шаклҳои давлат, ҳокимияти халқ, меъёрҳои ҳуқуқӣ, соҳаҳои ҳуқуқ, Конститутсияи Республикаи Ӯзбекистон, сохт, мақсад ва вазифаҳои он дониш аз бар намуда будед. Донишҳое, ки дар ин китоби дарсӣ баён шудаанд, барои такмили донишҳои ҳуқуқии шумо ва барои ошноӣ бо соҳаҳои ҳуқуқ, ки дар мамлакатамон амал мекунанд, ёрӣ хоҳад расонд. Бо кӯмаки супоришҳои амалии китоби дарсӣ донишатонро боз ҳам мустаҳкам менамоед.

**РОҲИ САФЕД!**

# ФАСЛИ I. РЕСПУБЛИКАИ ЎЗБЕКИСТОН—СУБЪЕКТИ ҲУҚУҚИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

## § 1. ҲУҚУҚ—АСОСИ МУСТАҲКАМИ МУНОСИБАТҲОИ ШАХС ВА ДАВЛАТ







### АСОСИ ҲУҚУҚИИ МУНОСИБАТҲОИ ШАХС ВА ДАВЛАТ

Шаҳрвандон ва давлат ба воситаи ҳуқуқҳо ва ўҳдадориҳо ба ҳамдигар вобастаанд. Шахс, ҷамъият ва давлат—ин ҳар се арзиши асосӣ, ки дар Конститутсия ифода ёфтаанд.

Конститутсия шартномаи ба худ хоси иҷтимоиест, ки он муносибатҳои байни шаҳрванд, ҷамъият ва ҳокимияти давлатиро муқаррар менамояд. Конститутсия дар бобати баробарҳуқуқии умумии шаҳрвандон, муносибатҳои байни шаҳрванд ва давлат бар ғояи масъулияти байни ҳамдигарӣ такя менамояд. Мақсади асосии давлат ба халқ хизмат кардан аст.



Давлат иродаи халқро ифода намуда, бар манфиатҳои он хизмат мекунад. Мақомоти (органҳои) давлат ва шахсони мансабдор дар назди ҷамъият ва шаҳрвандон масъуланд.

***Конститутсияи Республикаи Ўзбекистон, моддаи 2-юм.***

Қонуни асосии Ўзбекистон ба давлат, ба мақомоти ҳукумати он, ба шахсони мансабдор, ба иттиҳодияҳои иҷтимоӣ ва шаҳрвандон ўҳдадории мувофиқи Конститутсия ва қонунҳо фаъолият карданро ба зиммаашон мегузорад.



Бартарии Конститутсия ва қонунҳои Республикаи Ўзбекистон дар Республикаи Ўзбекистон бешак эътироф мешавад.

Давлат, мақомоти он, шахсони мансабдор, иттиҳодияҳои иҷтимоӣ, шаҳрвандон мувофиқи Конститутсия ва қонунҳо кор мебаранд.

***Конститутсияи Республикаи Ўзбекистон, моддаи 15-ум.***

Мувофиқи моддаи 93-юм Президенти Республикаи Ўзбекистон кафили риоя намудани Конститутсия ва қонунҳои Республикаи Ўзбекистон мебошад.



**Супориши 1-ум.**

Тамоми рўз бо чӣ машғул буданатонро ба хотир оред: ба мактаб меравед, таълим мегиред, дар ҳаёти иҷтимоии мактаб (дар варзиш ва маҳфилҳои дигар) иштирок мекунед, ба хона бармегардед. Дар кадом ҳолатҳо бо давлат ба муносибат медароед, ҳисоб кунед ва ба шумо шахсан чӣ гуна таъсир мекунад, гўед.

## КОНСТИТУТСИЯИ РЕСПУБЛИКАИ ЎЗБЕКИСТОН — АСОСИ ҲУҚУҚИИ ИСТИҚЛОЛИ КИШВАР

Конститутсияи Республикаи Ўзбекистон пояи ҳуқуқии истиқлоли давлатамон, ифодаи олии хоҳишу иродаи мардум аст. Ҳар як давлат дар Конститутсияи худ пеш аз ҳама шакли идоракунии худро бояд ифода намояд. Зеро мақоми сиёсию ҳуқуқии давлатро ифода накарда, қоидаҳои оид ба

самтҳои устувори ҳаёти иҷтимоию сиёсӣ, иқтисодӣ, маънавию фарҳангии ҷамъиятро аниқ намудан ғайримантиқ аст.

Бо дар Конститутсия мустаҳкам шудани соҳибихтиёрии Республикаи Ўзбекистон ба истиқлоли ҳақиқӣ ва ҳуррият ноил шуд, сарватҳои рўйизаминию зеризаминӣ, дигар захираҳои табииаш, имкониятҳои иқтисодӣ, илмию техникӣ ва интеллектуалиаш ба сарвати миллӣ табдил ёфт, таърих ва фарҳанги асили халқи ўзбек нумўъ кард, номи поки шоирон, муаллимон, мутафаккирон, арбобони давлатӣ зинда шуданд. Ҳуқуқу озодиҳои инсон бо Конститутсия ва қонунҳо ҳимоя шудааст.

Ба истиқлолият расидани давлат, ба СММ ва дигар созмонҳои байналмилалӣ аъзо шудани Ўзбекистон, барои сиёсати мустақили хориҷӣ, муқаррар кардани самтҳои муносибатҳои байналмилалӣ ва монанди инҳо имкон дод.

Моддаи 1-уми Конститутсия узван ба ҳам вобаста будани истиқлоли кишвар ва арзишҳои демократии байналмилалиро муқаррар менамояд ва аз ин боис Ўзбекистон на фақат соҳибихтиёр, балки баробари ин республикаи мустақили демократӣ эълон гардид.

## МАДАНИЯТИ ҲУҚУҚӢ ВА ВОБАСТАГИИ УЗВИИ ОН БО ШАХСУ ДАВЛАТ

Бо мақсади боз ҳам боло бурдани самараи ислоҳот дар диёрамон, фароҳам овардани шароити инкишофи ҳаматарафа ва босуръати давлат ва ҷамъият, модернизатсияи кишвар ва либерализатсияи ҳамаи соҳаҳои ҳаёт Президенти кишвар Шавкат Мирзиёев Стратегияи ҳаракат оид ба панҷ тамоили устувори тараққиёти Республикаи Ўзбекистонро дар солҳои 2017-2021-ро эълон кард.

Тамоили дуюми стратегия «Таъмин сохтани устувории қонун ва самтҳои муҳимтарини боз ҳам ислоҳ намудани сохтори суду ҳуқуқ» номида шудааст. Оид ба ин самт тадбирҳои зерин бояд амалӣ гарданд:

— дар асл таъминкунии мустақилии ҳокимияти суд, боло бурдани нуфузи суд, демократисозӣ ва такмилдиҳии сохтори суд;
— таъмини кафолати ҳимояи боварионоки ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон;
— такмилдиҳии қонунҳои маъмурӣ, ҷиноятӣ, шаҳрвандӣ ва иқтисодӣ;
— такмил додани низоми мубориза зидди ҷиноятгарӣ ва гирифтани пеши роҳи ҳуқуқвайронкуниҳо;

— боз ҳам мустаҳкам намудани қонуният дар сохтори суду ҳуқуқ;
— такмилдиҳии ёрии ҳуқуқӣ (юридикӣ) ва сохтори хизматрасонӣ.

Барои таъминкунии бартарияти қонун, аввало, маданият ва шуури ҳуқуқии аҳолиро бояд боло бурд.



**Шуури ҳуқуқӣ** — яке аз соҳаҳои шуури ҷамъиятӣ буда, дар он донишҳо, мулоҳиза, баҳо, муносибати одамон ба ҳуқуқ ташаккул меёбад. Шуури ҳуқуқӣ чӣ қадар баланд бошад, маданияти ҳуқуқӣ ҳамон қадар баланд мешавад.

Инсони бомаърифат донишҳои худро оид ба ҳуқуқ беҳуда намеомӯзад. Вай донишҳои худро баррасӣ карда, дуруст фаҳмидани ҳуқуқ ва нисбат ба он дуруст амал карданро ба роҳ мемонад. Агар инсон ба аҳамияти ҳуқуқ дуруст баҳо диҳад, талаби онро ҳурмат намояд, ӯ кӯшиш мекунад, ки қонун вайрон нашавад.

Агар инсон нисбат ба ҳуқуқ беҳурматӣ намояд, вай албатта, зидди қонун ҳаракат мекунад. Зеро писанд накардани талабҳои ҳуқуқ ҳам ба шикастани меъёрҳои ҳуқуқ оварда мерасонад. Аз ин сабаб донистани ҳуқуқ аҳамияти калон дорад.

Донистани қонунҳо худ аз худ аз баланд будани маданияти ҳуқуқӣ дарак намедиҳад. Қонунҳоро нағз дониста, талабҳои онҳоро иҷро накардан мумкин. Мавҷуд будани маданияти ҳуқуқӣ на фақат донистани қонунҳо, балки ба онҳо итоат карданро ҳам дар назар дорад.



**Супориши 2-юм. Фикр карда, ба савол ҷавоб диҳед:**

Шахси дорои маданияти ҳуқуқӣ аз шахсе, ки қонунҳоро умуман ё нағз намедонад, ё гарчанд медонад, онҳоро вайрон менамояд, чӣ гуна фарқ дорад?

Шахсе, ки қонунҳоро медонад, барои ҳимояи босаводонаи манфиатҳои шахсӣ ва иҷтимоӣ аз нигоҳи юридикӣ истодагарӣ карда, бар зидди вайронкунии ҳуқуқию озодиҳои шахсӣ қодир мешавад. Аммо танҳо донистани қонун барои амал кардан ба он кофӣ нест. Ин ҷо саволи «Маданияти ҳуқуқӣ аз чиҳо тартиб меёбад?» бамаврид аст.

Ҷаҳонбинии ахлоқӣ ва эътиқод таҳкурсии маданияти ҳуқуқӣ мебошад. Агар ин таҳкурсӣ пухта ва бақувват бошад, сифати донишҳои ҳуқуқӣ ва аз онҳо истифода бурдан, муносибат ба қонун (ҳурмати он), тайёр будан ба риояи меъёрҳои ҳуқуқӣ, иштироки фаъолона дар татбиқи устувории қонун ва ҳуқуқ ҳамон қадар баланд мешавад.



**Супориши 2-юм. Фикр карда, ҷавоб диҳед:**

1. Дунёи ахлоқию маънавии инсоне, ки маданияти ҳуқуқӣ дорад, чӣ гуна бояд бошад?
2. Акмал аз фанни «Асосҳои давлат ва ҳуқуқ» ҳамеша баҳои аъло мегирад, лекин ӯ аксаран ба дарс дер меояд, ба ҷараёни дигар дарсҳо халал мерасонад. Оё маданияти ҳуқуқии Акмалро баланд гуфтан мумкин аст?
3. Мафҳуми «маданияти ҳуқуқӣ» чӣ маъно дорад?
4. Ба фикри шумо дар муносибатҳои ҳуқуқӣ рафтори инсон чӣ гуна бояд бошад?

**Супориши 3-юм.**

**Вазъиятҳои зеринро дида бароед ва рафтори дар онҳо баёншударо нисбат ба талабҳои қонун (зид ё муносиб) аниқ кунед. Фикратонро гӯед.**



**Вазъияти 1.**

Дар толори суд кори ҷиноӣ нисбат ба шаҳрванд К. муҳокима мешуд. Дар ҷараёни суд К. судя М.ро борҳо ҳақорат намуд, шаъни вайро паст зад, таҳқир кард. Судя қонунан талаб намуд, ки К. тартиброро дар толори суд вайрон накунад. Аммо К. дӯғу пӯписа намуд, ки агар ба озодӣ бароянд, судяро нобуд хоҳад кард. Танҳо вақте посбонҳо К.ро аз зали маҷлиси суд бурданд, рафтори К. поён ёфт.

**Оё К. бо рафтору кирдораш ҳуқуқи дигаронро вайрон кард? Оё ӯ қонун ва меъёрҳои ахлоқро халалдор намуд?**

**Вазъияти 2.**

Ҳангоми тайёрӣ ба супурдани хона раҳбари сохтмон супориш дод, ки партовро ба ҷангал бурда партоянд. Ҷангалбон ронанда В.-ро ҳангоми партофтани партов дастгир кард. Ронанда В. ба ҷангалбон фаҳмонд, ки ба ин ҷо партофтани партовро раҳбари сохтмон супориш додааст.

**Оё дар рафтори раҳбар ҳуқуқшиканӣ зоҳир шуд? Дар ҳаракати ронанда В. ? Онро чӣ гуна ҳуқуқшиканӣ гуфта метавонед?**



**Супориши 4-ум.**

Зарбулмасалҳои зеринро бо донишу шуури ҳуқуқӣ вобаста намоед:

- Қонун қонун аст.
- Он ҷое, ки қонун ҳаст, ҳимоя ҳам ҳаст.



**Донишатонро санҷед!**

1. Чаро ба инсон дониши ҳуқуқӣ зарур аст? Дониши ҳуқуқӣ ба чӣ оварда мерасонад?
2. Ба фикри шумо, барои он ки қонун маслиҳатгӯй ва ёвари инсон шавад, чиҳо бояд кард?
3. Байни меъёрҳои ҳуқуқ ва меъёрҳои ахлоқ чӣ гуна вобастагӣ ба назар мерасад?
4. Оё қонунҳоро надониста, бар зидди беадолатӣ мубориза бурдан мумкин аст? Ҷавобҳоятонро асоснок намоед.

# § 2. ҲУҚУҚИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

## МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ҲУҚУҚӢ ВА ПРИНСИПҲОИ ОНҲО

Мувофиқи моддаи 17-уми Конститутсияи Республикаи Ўзбекистон давлатамон субъекти комилҳуқуқи муносибатҳои байналмилалӣ аст. Сиёсати хориҷии он ба қоидаҳои баробарии соҳибихтиёрии давлатҳо, истифода набурдани зўрӣ ва таҳдид накардан, дахолатнопазирии сарҳад, бо роҳи сулҳомез ҳал намудани низоъҳо, дахолат накардан ба корҳои дохилии дигар давлат ва ба дигар меъёрҳои умумэътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ асос ёфтааст.



Республика бо мақсади таъминкунии манфиатҳои олӣ, беҳбудӣ ва амнияти давлат, халқ иттифоқ сохтанаш, ба ҳамдўстиҳо ва дигар ташкилотҳои байнидавлатӣ дохил шудан, аз онҳо баромаданаш мумкин.

***Конститутсияи Республикаи Ўзбекистон, моддаи 17-ум.***

Ҳуқуқи байналмилалӣ баъди заволи муносибатҳои авлодию қабилавӣ, пайдо шудани давлатҳои якумин ба вуҷуд омадааст. Он вақт дар байни одамони қадим қоидаҳои муайяне ташаккул ёфта буд, ки ин муносибатҳоро ба тартиб дароварда, ба расму оинҳо табдил гашта буданд. Дар ҷамъияти ибтидоию ҷамоавӣ ин маҷмўи қоидаҳои ба тартиб оварандаи муносибатҳои авлодию қабилавиро «ҳуқуқ»-и байниқабилавӣ номидан мумкин. Баъдтар инкишоф намуду ба ҳуқуқи байналмилалӣ табдил ёфт.

**Ҳуқуқи байналмилалӣ** муносибатҳои гуногуни байни давлатҳо, халқҳо ва ташкилотҳои байналмилалиро ба тартиб меандозад.

**Шартномаи байналмилалӣ** — имзо шудани як ё якчанд қарордодест, ки сарфи назар аз чӣ гуна ном гирифтан байни давлатҳо ва дигар субъектҳои ҳуқуқи байналмилалӣ хаттӣ имзо шуда, ҳуқуқу ўҳдадориҳои байниҳамдигарӣ, муносибатҳои тарафҳоро ба тартиб медарорад.

Вақте, ки **функсияҳои ҳуқуқи байналмилалӣ** мегӯем, самтҳои асосии таъсирро ба муносибатҳое, ки предмети ба тартиб даровардани байналмилалию ҳуқуқии ҳуқуқи байналмилалӣ мебошанд, фаҳмидан лозим.

Функсияҳои зерин алоҳида нишон дода мешавад:

1) *функсияи барқарорсозанда* — меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ҷамъияти ҷаҳониро муттаҳид карда, тартиби муайяни ҳуқуқи байналмилалиро аниқ намуда, онро мустаҳкам ва боз ҳам бояд барқарор намояд;

2) *функсияи ба тартиб даровардан* — ба воситаи амалӣ намудани он ба тартиби ҳуқуқии байналмилалӣ расида мешавад, ва албатта мутаносибан муносибатҳои иҷтимоӣ ба тартиб даровarda мешавад.

3) *функсияи муҳофизаткунӣ* — яъне муносибатҳои ҳуқуқии байналмилалӣ мутаносибан муҳофизат карда мешаванд. Агар ӯҳдадориҳо риоя нашавад, субъектҳои ҳуқуқшиканиҳои байналмилалӣ барои истифодаи чораҳои ҷавобгарӣ ва санксияҳо, ки аз тарафи ҳуқуқи байналмилалӣ рухсат дода шудааст, ҳақ дорад.

4) *функсияи ахборӣ ва тарбиявӣ* — аз паҳн кардани таҷрибаи ҷамъшудаи ҳаракатҳои оқилонаи давлатҳо, тарғиби имкониятҳои истифода аз ҳуқуқ, эҳтироми ҳуқуқ, аз тарбия намудан дар рӯҳи муҳофизати манфиатҳо ва арзишҳо иборат аст.

## АСОСҲОИ ҲУҚУҚИИ МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ. САРЧАШМАҲОИ ҲУҚУҚИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

Байни субъектҳои ҳуқуқи байналмилалӣ системаи меъёрҳо бар асоси созиш ба вуҷуд оварда шуда, муносибатҳои байнидавлатиро ба тартиб медароранд.

Сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дутоянд: шартномаи байналмилалӣ ва расму оинҳои байналмилалӣ. Аммо ғайр аз ин ду сарчашмаи ҳуқуқи байналмилалӣ ташкилотҳои байналмилалӣ, ҳуҷҷатҳои конференсияҳо ва маҷлисҳои байналмилалӣ мавҷуд аст. Ин ҳуҷҷатҳо барои худи ташкилотҳои байналмилалӣ ва дигар субъектҳо қоидаҳои хулқи маҷбуриро муқаррар намояд, ба сарчашмаи иловагии ҳуқуқи байналмилалӣ табдил меёбад.

Предмети ба тартиб даровардани ҳуқуқи байналмилалӣ муносибатҳои субъектҳои соҳибихтиёр ва аз якдигар мустақил ба ҳисоб меравад. Ҳуқуқи дохилии давлат муносибатҳои байни субъектҳои дохилӣ, дар доираи ҳудуди як давлат ва ваколати дохилиро ба тартиб медарорад. Давлатҳо, миллатҳо ва халқҳо, инчунин ташкилотҳои байналмилалӣ ба субъектҳои ҳуқуқи байналмилалӣ медароянд.

**Принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ** меъёрҳои ахлоқие ба ҳисоб меравindependent, ки аз тарафи давлатҳои субъектҳои муносибатҳои байналмлалӣ дар соҳаи муносибатҳои байналмилалӣ оиди масъалаҳои муҳимтарин кор карда, эътироф гардидаанд.

Мазмуни принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ:

- усулияти истифода набурдани қувва ва бо қувва таҳдид накардан;
- бо роҳи сулҳомез ҳал кардани низоъҳои байналмилалӣ;
- усулияти дахолат накардан ба корҳои дохилии давлатҳо;
- усулияти баробарҳуқуқии халқҳо ва худмуайянкунии тақдири худ;
- усулияти виҷдонан иҷро намудани ўҳдадориҳои ҳуқуқи байналмилалӣ;
- усулияти дахолатнопазирии сарҳади давлатҳо;
- усулияти томии ҳудуди давлатҳо;
- усулияти ҳурмат намудани ҳуқуқу озодиҳои инсон.

Фаъолияти сиёсии хориҷии Республикаи Ўзбекистон ба меъёрҳо ва принсипҳои умумиэътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ: аз ҷумла ба

- Оинномаи Созмони Милали Муттаҳид;
- Баёнияи умумиҷаҳонии ҳуқуқҳои башар;
- Баёнияи оид ба принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ;
- Ҳуҷҷати хотимавии Хелсинкии Ташкилоти амният ва ҳамкории Аврупо мувофиқ аст.

## МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

**Муносибатҳои байналмилалӣ** маҷмўи робитаҳо ва муносибатҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, маданӣ, ҳуқуқӣ, дипломатӣ, ҳарбӣ ва монанди инҳо, ки бо мақсади барқарор сохтани сулҳ ва ҳамкорӣ байни давлатҳо ва ташкилотҳои байналмилалӣ, давлат ва ташкилоти ҷамъиятӣ, ки дар арсаи байналмилалӣ фаъолият доранд, ба роҳ монда мешаванд.

Принсипи конститутсиявии «Ўзбекистон—субъекти баробарҳуқуқи байналмилалӣ» на фақат мавқеи Республикаи Ўзбекистонро дар ин замон нишон медиҳад, балки қисми ҷудонопазири ҷамъияти ҷаҳонӣ будани давлатамонро тасдиқ мекунад.

## ҲУҚУҚИ ОММАВӢ ВА ШАХСИИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

**Ҳуқуқи замонавии** ҳуқуқи байналмилалӣ ба қисмҳои оммавӣ ва шахсӣ ҷудо мешаванд. Ҳуқуқи оммавии байналмилалӣ муносибатҳои байни давлатҳо ва ташкилотҳои сиёсӣ, инчунин созмонҳои байналмилалиро, ки ҳукумати оммавӣ тақдим мекунад, ба тартиб медарорад.

**Ҳуқуқи шахсӣ** муносибатҳои шаҳрвандию ҳуқуқиеро, ки дар он шахсони хориҷии ҷисмонӣ ва юридикӣ иштирок менамоянд, ба тартиб медарорад. Масалан, муносибатҳои фирмаҳои ба давлатҳои гуногун мансуббуда, ба ақди никоҳ даромадани шаҳрвандони кишварҳои мухталиф ва ҳоказо.

Барои иштирок дар муносибатҳои ҳуқуқӣ, ки онҳоро меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ба тартиб медароранд, шахсони дорои мақоми юридикӣ субъектҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ба ҳисоб мераванд.

Мувофиқи моддаи 1-уми Резолютсияи Ассамблеяи умумии СММ аз тарафи як давлат бар зидди соҳибихтиёрии давлати дигар, дахолатнопазирии ҳудуд ё мустақилии сиёсиаш истифода бурдани қувваи ҳарбӣ ё гузаронидани тазйиқи хилофи Оинномаи Созмони Милали Муттаҳид **агрессия** номида мешавад.



**Супориш.**

Оид ба субъектҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва агрессияи баъзе кишварҳо мисолҳо оред.

## ХАРИТАИ ҲУҚУҚИИ ҶАҲОН

Дар дунёи имрўза системаи мухталифи ҳуқуқро дидан мумкин. Чунки ҳар кадом давлат барои худ системаи миллии ҳуқуқашро ташкил кардааст. Лекин дар айни вақт онҳо ҷиҳатҳои бисёри умумӣ низ доранд.

Дар фанни асосҳои давлат ва ҳуқуқ сохтори гуногуни ҳуқуқиро ба монандиашон нигоҳ карда, ба «оилаи ҳуқуқӣ» муттаҳид кардан қабул шудааст.

**«Оилаи ҳуқуқӣ»-и роману германӣ ё континенталӣ** (Германия, Франсия, Испания, Италия ва дигарон) ҳуқуқи аз тарафи судҳо офаридани қонунро эътироф намекунанд. Онҳо хилофи қонунбарорӣ будани судҳо мебошанд. Аз ин боис, ба сифати сарчашмаи асосии ҳуқуқ онҳо қонун, санадҳои меъёрию ҳуқуқии конститутсиявӣ ва дигар санадҳоеро, ки бар асоси қонун қабул шудаанд, эътироф мекунанд.

**«Оилаи ҳуқуқӣ»-и англисию амрикоӣ» ё сохтори «ҳуқуқи умумӣ»** (ИМА, Канада, Австрия, Британия ва дигарон) аз «оилаи ҳуқуқии» континенталӣ фарқ карда, на ба сифати сарчашмаи асосии ҳуқуқ, балки претседенти судиро, яъне қоидаҳои дар қарори суд мавҷудбударо эътироф мекунанд.

**«Оилаи ҳуқуқӣ»-и динию анънавӣ** (Япония, Ҳиндустон, Хитой ва дигарон) қоидаҳои диниро ба сифати сарчашмаи асосии ҳуқуқ эътироф кардаанд.

Гарчанде ин «оилаҳои ҳуқуқӣ» дар як ҳолат фақат ба қонунҳо, дар дигар ҳолат ба претседентҳо, яъне ба қарорҳои суд, дар ҳолати сеюм ба меъёрҳои динию анъанавӣ такя кунанд ҳам, ҳаёт чунин талабҳоро пеш мегузорад, ки онҳоро сарфи назар кардан мумкин нест. Аз ин боис «оилаҳои ҳуқуқӣ» қонунҳоро бо қоидаҳои претседенти суд, меъёрҳои динию ҳуқуқиро бо қонун ва кодексҳо хеле мувофиқ карда, ба ҳамдигар мепайвандад. Ин ҳодисаҳо қонунҳои давлатро меофаранд, маҷбурӣ ва шарт будани ба инобат гирифтани талаботи ҳаётро исбот менамоянд.

Системаи ҳуқуқ дар ҳар як ҷамъият ва давлат ба таври объективӣ ба вуҷуд меояд, чунки ягон қонунбарор онро бино ба хоҳиш ва ихтиёри шахсӣ қабул карда наметавонад. Ба ин гуна худсарӣ худи ҳаёт зид аст.

Аз сабаби он ки ҳуқуқ барои хизмат ба манфиати инсон даъват шудааст, низоми он ҳаётан бо қонун дар вобастагӣ бо муносибатҳои иҷтимоии мавҷуд сохта мешавад.

Нормаҳои ҳуқуқи истифодашавандаи тартиби оммавӣ дар ҳолатҳое, ки ба ягон сохтори ҳуқуқӣ ба принсипҳои умумӣ зид бошад, он вақт ба истифодаи ҳуқуқи байналмилалӣ маҳдуд мегардад. Ин қоида шарти иловагӣ оид ба тартиби оммавӣ номида мешавад.

Барои иҷрои боз ҳам пурсамари вазифаҳое, ки аз созишномаҳои савдои хориҷӣ бармеоянд (масалан, аз шартномаи хариду фурӯши унсурашон хориҷӣ) зарурати аниқ кардани мақоми тарафҳои ин шартномаҳо—шахсони хориҷии ҷисмонӣ ва юридикӣ пайдо мешавад. Нисбати онҳо одатан намудҳои тартиби зерин истифода мешавад:

— тартиби (назми) миллӣ, зимни он мақоми ҳуқуқии шахсони юридикӣ ва ҷисмонии хориҷӣ ба мақоми шаҳрвандон ва шахсони юридикии худӣ баробар карда мешавад;
— тартиби ба вуҷуд овардани мусоидат, дар ин ҳолат ба воситаи қонун барои ҳолати ҳуқуқии резидентҳои давлатҳои гуногуни хориҷӣ ҳолати ҳуқуқии монанд муқаррар карда мешавад.

Ба хусусиятҳои хоси санадҳои байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон дохил мешаванд:

1) дорои моҳияти универсалӣ (яъне ҳуқуқҳои инсон ва ҳама озодиҳои асосӣ ҳурмат карда мешавад);
2) умумӣ қабулшуда (яъне дар ҳамаи давлатҳо риоя мешавад);
3) сарфи назар аз нажод, ҷинс, дин, забон ва монанди инҳо ба ҳама таъсир мекунад;
4) дар қонунҳо аз рӯи ин масъала барои таҳияи моделҳои миллӣ омил шуда хизмат мекунанд.

## СТРАТЕГИЯИ ҲАРАКАТҲОИ ТАРАҚҚӢ ДОДАНИ ЎЗБЕКИСТОН БАРОИ СОЛҲОИ 2017—2021 ОИД БА СИЁСАТИ ХОРИҶӢ

Президенти кишварамон Ш.М.Мирзиёев ба яке аз самтҳои устувори Стратегияи ҳаракатҳои тараққӣ додани Ўзбекистон дар солҳои 2017-2021 пеш бурдани сиёсати хориҷии ҳаматарафа фикршуда, ба тарафҳо манфиатнок ва амалӣ, ҳифзи сохти конститутсиявӣ, соҳибихтиёрӣ, яклухтии ҳудуди Республикаи Ўзбекистон эътибори алоҳида додааст.

Таъмини бехатарии ахбор ва такмили сохтори ҳифзи ахбор, ташкили ҷавоби саривақтӣ ва муносиб ба таҳдидҳои ахборӣ; мустаҳкам намудани осоиш ва муросои байнимиллӣ ва байниконфессиявӣ; таҳкими қобилият ва имконияти ҷанговаронаи Қувваҳои Мусаллаҳи Ўзбекистон; гирифтани пеши роҳи муаммоҳои экологӣ, ки ба саломатии аҳолӣ ва генофонд зарар



мерасонад; ҷилавгирӣ аз вазъиятҳои фавқулодда ва такмил додани сохтори бартараф намудани ин гуна вазъиятҳо самтҳои асосии ин соҳа таъин гардиданд.

**Донишатонро санҷед!**

1. Хусусиятҳои меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалии ҳозираро номбар кунед.
2. Муносибатҳои байналмилалӣ бар асоси кадом принсипҳо сохта мешаванд?
3. Сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалиро гӯед.
4. Муносибатҳои байналмилалии Республикаи Ўзбекистон бо кадом қонунҳо ба тартиб оварда мешаванд?
5. Принсипҳои асосии сиёсати хориҷии Республикаи Ўзбекистонро номбар кунед.
6. Фарқи байни ҳуқуқи байналмилалии шахсӣ ва ҳуқуқи оммавии байналмилалиро гӯед.
7. Кадом ҳуҷҷатҳои меъёрӣ қоидаҳои оид ба тартиби дар давлати дигар будани шаҳрвандони хориҷӣ ва иттиҳодияҳои онҳоро дар бар мегиранд?
8. «Дар Стратегияи ҳаракат бинобар 5 самти устувори тараққӣ додани Ўзбекистон дар солҳои 2017-2021» кадом чораҳои сиёсати хориҷӣ пешбинӣ шудааст?

# § 3. МАҚСАД ВА ВАЗИФАҲОИ СОЗМОНИ МИЛАЛИ МУТТАҲИД

## ТАШКИЛЁБИИ СОЗМОНИ МИЛАЛИ МУТТАҲИД, МАҚСАД ВА ВАЗИФАҲОИ ОН



Қароргоҳи СММ дар Ню-Йорк

Баъд аз Ҷанги дуюми ҷаҳон (солҳои 1939-1945) 24 октябри соли 1945 дар шаҳри Сан-Франсиско (ИМА) 51 мамлакати дунё барои ҳифзи сулҳу бехатарӣ Оинномаи СММ-ро имзо карданд, онро барҳақ Конститутсияи сулҳ ҳам гуфтан мумкин.

Ҳоло 193 кишвар аъзои СММ мебошанд. Аз ҷумла, Ўзбекистон ҳам 2-юми марти соли 1992 ба узви комилҳуқуқи СММ табдил ёфт.

Мувофиқи оинномаи СММ Қувваҳои мусаллаҳи он бо қарори Шўрои амнияти СММ ва таҳти раҳбарии он ташкил мешавад ва амал мекунад. Қувваҳои ҳарбӣ баъд аз он ки дигар чораҳо натиҷа намедиҳанд (моддаи 42-юми Оинномаи СММ), агар сулҳ вайрон шавад, ба он таҳдид кунанд, дар ҳолати агрессия (моддаи 39-уми Оинномаи СММ), яъне дар ҳолатҳои фавқулодда барои таъмини сулҳу амонӣ ва пуштибонӣ аз он истифода мешавад.

**Аз таърихи ҷангҳо.**

Дар таърихи башарият беш аз 15 ҳазор ҷанг содир шуда, дар онҳо 3,5 миллиард нафар одам ҳалок шудааст. Аз ин сабаб одамон барои ҳалли муаммоҳои сарзада роҳи сулҳомезро ҷустуҷў кардаанд.

**Ҳамаи кишварҳои аъзои СММ дар ҳаракати худ ба принсипҳои зерин бечуну чаро бояд риоя намоянд:**

— баробарӣ;
— риоя намудан ба меъёрҳо ва созишномаҳои байналмилалӣ;
— бо роҳи сулҳомез ҳал намудани низоъҳо;
— даст кашидан аз таҳдид ба воситаи зӯрӣ;
— дахолат накардан ба корҳои дохилӣ;
— ҳамкорӣ.

**Ҳамин тариқ, мақсадҳои асосии СММ инҳоянд:**

— дастгирӣ кардани сулҳ дар саросари ҷаҳон;
— инкишофи муносибатҳои дӯстона;
— барҳам задани камбағалӣ, қашшоқӣ, беморӣ, бесаводӣ;
— ҷилавгирӣ намудан аз расонидани зарар ба муҳити атроф;
— ҳимоя намудани ҳуқуқу озодиҳои инсон.

**Барои амалӣ намудани ин мақсаду вазифаҳо дар назди СММ сохторе ташкил шудааст, ки он аз шашто мақомот иборат аст.**

| | |
|---|---|
| **Ассамблеяи умумӣ** | Мақомоти бештар аз ҳама ваколатдори СММ аст. Дар кори он 193 кишвар иштирок мекунад, онҳо ҳар сол беш аз 150 масъалаи муҳимтаринро муҳокима мекунанд. |
| **Шӯрои амният** | Аз 5 давлат (ИМА, Россия, Хитой, Британияи Кабир, Франсия) ва аз 10 нафари иштирокчии доиминабуда, ки ба муддати 2 сол интихоб мешаванд, ташкил меёбад. Шӯрои амният масъалаҳои сулҳу амниятро муҳокима мекунад. |
| **Шӯрои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ** | Аз 54 давлати аъзои СММ иборат аст, масъалаҳои иҷтимоию иқтисодиро дида мебароянд. |
| **Шӯрои васоят** | Мақомоти назоратӣ, ки ба муайян намудани самти тараққиёти собиқ кишварҳои мустамлика кӯмак мерасонад. |

| | |
|---|---|
| **Суди байналмилалӣ** | Аз 15 нафар судя иборат аст, низои байнидавлатиро дида мебароянд, инчунин, оид ба муаммоҳои байналмилалӣ хулосаҳои маслиҳатӣ медиҳад. |
| **Котибият** | Аз тарафи Саркотиби СММ идора мешавад ва мақомоти маъмурӣ мебошад. |

**Аз таърихи Созмони Милали Муттаҳид.**

Қарор дар бораи таъсиси СММ дар маҷлиси вазирони корҳои хориҷии собиқ СССР, ИМА, Англия ва Хитой дар Москва соли 1943 қабул шуда буд.

Созмони Милали Муттаҳид 24-уми октябри соли 1945 ташкил шуд. Ҳамасола 24-уми октябр ҳамчун Рӯзи СММ қайд мешавад.

Оинномаи Созмони Милали Муттаҳид дар конференсияи Сан-Франсиско соли 1945 қабул шуд. Ба ин санад аввал 51 давлат имзо гузошт, ҳоло сафи онҳо аз 190-то гузаштааст.

Ӯзбекистон 2-юми марти соли 1992 ба узвияти СММ қабул шуд.

Қароргоҳи асосии СММ дар Ню-Йорк ҷой гирифтааст.

**Супориш.**

Нисбати он ҷойҳое, ки муттасил задухӯрдҳои ҳарбӣ рӯй медиҳанд, муносибати худро баён кунед. Ба фикри шумо, сабаби сар задани ҷангҳои хурду калони байни давлатҳо чист?

## БАЁНИЯИ УМУМИҶАҲОНИИ ҲУҚУҚҲОИ ИНСОН

Баёнияи (декларатсияи) умумиҷаҳонии ҳуқуқҳои инсон 10-уми декабри соли 1948 дар сессияи сеюми Ассамблеяи умумии Созмони Милали Муттаҳид тахти резолютсияи 217 А (III) қабул шудааст ва ба ҳамаи давлатҳои аъзои СММ тавсия гардидааст.

Матни баёния нахустин ҳуҷҷатест, ки ҳуқуқҳои ба ҳамаи инсонҳо мансубро ба тарзи глобалӣ аниқ карда додааст. Он аз 30 модда иборат аст, як қисми Пакти байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, маданӣ, инчунин як қисми Пакти байналмилалии оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ, дуто Баённомаи факултативӣ, Биллинги байналмилалии оид ба ҳуқуқҳои инсон ба ҳисоб меравад. Соли 1950 СММ ба муносибати қабул гардидани Баёнияи умумиҷаҳонии ҳуқуқи инсон Рӯзи ҳуқуқҳои инсонро муқаррар кард. Он 10-уми декабр қайд карда мешавад.

Дар назди СММ ЮНЕСКО (Ташкилоти оид ба масъалаҳои таълим, илм ва маданияти СММ), ТБМ (Ташкилоти байналмилалии меҳнат), ТУҲС (Ташкилоти умумиҷаҳонии ҳифзи саломатӣ) ва дигар ташкилотҳои байналмилалӣ амал мекунанд. Фаъолияти онҳо ба ҳалли муаммоҳои глобалии инсоният равона карда шудааст.

## ФАЪОЛИЯТИ СММ ОИД БА ҲИМОЯИ ҲУҚУҚҲОИ БАЧАҲО

Дар назди СММ ЮНЕСКО (Ташкилоти оид ба масъалаҳои таълим, илм ва маданияти СММ), ТБМ (Ташкилоти байналмилалии меҳнат), ТУҲС (Ташкилоти умумиҷаҳонии ҳифзи саломатӣ) ва дигар ташкилотҳои байналмилалӣ амал мекунанд. Фаъолияти онҳо ба ҳалли муаммоҳои глобалии инсоният равона карда шудааст.

Аз соли 1946 сар карда дар доираи СММ, инчунин, Бунёди бачагон (ЮНИСЕФ) фаъолият дорад.

Соли 1959 Ассамблеяи умумии СММ Баёнияи ҳуқуқҳои бачагонро қабул кард. Мақсади он аз таъмини бачагии хушбахтона, истифодаи ҳуқуқу озодиҳо аз тарафи худи онҳо ба манфиати худ ва ҷамъият иборат аст. Ин баёния ҳамаи давлатҳо ва шахсони манфиатдорро ба эътироф ва риояи ҳуқуқҳои бачаҳо даъват намуд.

Соли 1979-ро СММ Соли байналмилалии бачаҳо эълон кард. Ҳуқуқҳои бачагон ғайр аз ин дар Конвенсияи оид ба ҳуқуқҳои бачагон, ки 20-уми январи соли 1989 қабул шуд, мустаҳкам гардид. Дар он аз тарафи давлат таъмин шудани шахсони ба синни ҳаждаҳ норасида дар назар дошта шудааст:

— ҳуқуқи дар оилаи худ зистан;
— ҳуқуқи кифоятан бо хӯрок ва оби тоза таъмин будан;
— ҳуқуқи ба дараҷаи муносиб зиндагӣ кардан;
— ҳуқуқи ҳифзи саломатӣ;
— ҳуқуқи гирифтани ғамхории алоҳида ва тайёргарии махсуси профессионалӣ;
— ба забони худ ҳарф задан, ҳуқуқи аз дину маданияти худ истифода кардан;
— ҳуқуқи иштирок дар бозиҳо ва тадбирҳои завқбахш;
— ҳуқуқи озодона таҳсил кардан;
— ҳуқуқи ҳимояи саломатии худ;
— ҳуқуқи ҳимоя аз бешафқатӣ, таҳқир, муносибати беадолатона;
— ҳуқуқи озодона баён кардани фикр, намоён намудани нуқтаи назари худ ҳангоми мулоқот бо ҳамсолони худ.

Ўзбекистон низ соли 1989 Конвенсия оид ба ҳуқуқҳои бачагонро имзо кард, барои татбиқи амалии ӯҳдадориҳояш Бунёди «Соғлом авлод учун» ташкил дода шуд.

**Донишатонро санҷед!**

1. СММ кай ва бо кадом мақсад ташкил шуд?
2. Давлатҳои аъзои СММ ҳангоми ҳалли низоъҳо ба кадом принсипҳо такя намуда, чора меандешанд?
3. Ташкилотҳои асосии СММ ва вазифаҳои онҳоро номбар кунед.
4. Суди байналмилалии СММ дар ҳалли масъалаҳои низоъноки байни давлатҳо чӣ гуна нақш мебозад?

## § 4. ШАҲРВАНДИИ РЕСПУБЛИКАИ ЎЗБЕКИСТОН

### ҲОЛАТИ ҲУҚУҚИИ ШАҲРВАНДОН

Институти шаҳрвандӣ барои ҳар як давлати соҳибихтиёр ҳолати маҷбурӣ аст. Шаҳрвандӣ байни шахсони ҷисмонӣ ва давлат мавҷуд будани алоқаҳои барқарори сиёсию ҳуқуқӣ буданашро мефаҳмонад. Шаҳрвандӣ будан ҳолати ҳуқуқии шахсро қонун ба тартиб медаророрад ва ҳуқуқу ўҳдадориҳои ба он мансубро муқаррар менамояд.

Аммо мақоми шаҳрвандӣ на ба ҳар кас дода мешавад, чунки на ҳама одамоне, ки дар мамлакат зиндагӣ мекунанд, шаҳрванди он ҳисоб мешаванд.

Дар Ўзбекистон чун дар дигар давлатҳо низ вобаста бо ҳолатҳои муайяни ҳаёт шахсонеро дучор омадан мумкин, ки муваққатан ё мунтазам шаҳрванд нашуда зиндагӣ ба сар мебаранд. Ин тоифаи инсонҳо шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони ғайритабаа мебошанд, ки шаҳрванди дигар давлат буданашонро исбот карда наметавонанд.

Лекин ин шахсон гарчанде шаҳрванди Ўзбекистон нестанд, онҳо маҷбуранд, ки қонунҳои ин кишварро риоя намуда, ўҳдадориҳояшонро тибқи қонунҳо ва шартномаҳои байналмилалӣ иҷро кунанд.

### ҚОНУН ДАР БОРАИ ШАҲРВАНДИИ РЕСПУБЛИКАИ ЎЗБЕКИСТОН

«Қонун дар бораи шаҳрвандии Республикаи Ўзбекистон» 2 июли соли 1992 қабул шуд. Қонунҳо дар бораи шаҳрвандии Республикаи Ўзбекистон аз қонуни мазкур, ки дар асоси Конститутсияи Республикаи Ўзбекистон қабул шудааст ва дигар қонунҳое, ки мувофиқи ин қонун қабул гардидаанд, иборат аст.

Дар Республикаи Ўзбекистон ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони ғайритабаа мувофиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ таъмин карда мешавад. Онҳо аз ҳамаи ҳуқуқу озодиҳое, ки санадҳои байналмилалӣ барои ҳар як инсон эътироф кардаанд, истифода мебаранд.

Фақат ҳуқуқҳои алоҳидае, ки ба шаҳрвандони давлат тааллуқ доранд, аз онҳо истисно аст. Дар тафовут аз шаҳрвандони Ўзбекистон шаҳрвандони хориҷӣ аз ҳуқуқи интихобот истифода намебаранд, барои депутат ё сенатор интихоб шудан, ба сафи армия хизмат кардан ҳақ надоранд. Ин ҳолат амалиётест, ки дар ҳамаи давлатҳо эътироф шудаанд, ин гуна маҳдудият чораҳои таҳқиромез ба ҳисоб намераванд.

Барои одамоне, ки дар Республикаи Ўзбекистон ҳаёт ба сар мебаранд, шаҳрвандии ягона муқаррар аст, баробарии онҳо дар Конститутсия қайд шудааст. Аз рўи ин усулият тамоми шаҳрвандон дар назди қонун баробаранд. Сарфи назар аз ҳолати иҷтимоӣ, нажод ё миллат, вобаста ба гендер, забон, дин ё эътиқоди сиёсӣ ҳеҷ чиз ба баробарии шаҳрвандон таъсир намерасонад. Халалдор шудани баробарҳуқуқии шаҳрвандон ҷинояти зидди ҳуқуқу озодиҳои конститутсионалӣ дониста мешавад ва мувофиқи Кодекси ҷиноии Республикаи Ўзбекистон (моддаи 141) ба ҷавобгарии ҷиноӣ кашида мешавад. Дар Ўзбекистон дар як вақт шаҳрванди ду мамлакат шудан манъ аст.

## ҚАБУЛИ ШАҲРВАНДИИ РЕСПУБЛИКАИ ЎЗБЕКИСТОН

Дар Қонун «Дар бораи шаҳрвандии Республикаи Ўзбекистон» якчанд асоси қабул ба шаҳрвандӣ оварда шудааст:

— аз рўи таваллуд;
— дар натиҷаи қабули шаҳрвандии Республикаи Ўзбекистон;
— дар асосҳои ҳолатҳои шартномаҳои байналмилалии Республикаи Ўзбекистон;
— дигар ҳолатҳое, ки дар Қонун «Дар бораи шаҳрвандии Республикаи Ўзбекистон» дар назар дошта шудааст.

Барои кўдаке, ки дар кишвар таваллуд мешавад, гирифтани шаҳрвандии давлат асоси табиӣ шуда метавонад. Сарфи назар аз он ки кўдак дар ҳудуди Ўзбекистон ё берун аз он таваллуд мешавад, агар падару модараш шаҳрванди Ўзбекистон бошанд, вай худ аз худ шаҳрвандии онро мегирад. Агар аз волидайн яке шаҳрванди Ўзбекистон набошад, кўдак барои гирифтани шаҳрвандии Ўзбекистон ҳақ дорад. Агар волидайн апатрид буда, дар ҳудуди Ўзбекистон доиман зиндагӣ кунанд, бача шаҳрвандии Ўзбекистонро мегирад. Ҳатто агар кӣ будани волидайн номаълум бошад ҳам, бача шаҳрвандиро мегирад.

## ҚАТЪ ШУДАНИ ШАҲРВАНДИИ РЕСПУБЛИКАИ ЎЗБЕКИСТОН

Қатъ шудани шаҳрвандии Ўзбекистон дар ҳолатҳои зерин рўй медиҳад:

— баромадан аз шаҳрвандии давлат;
— аз даст додани шаҳрвандӣ;
— дар асоси дигар ҳолатҳои дар шартномаҳои байналмилалии Республикаи Ўзбекистон зикршуда.

## МАНЪИ БАРОМАДАН АЗ ШАҲРВАНДӢ

Агар шахси бо илтимоснома мурочиаткарда ба ҷавобгарии ҷиноӣ кашида шуда бошад ё ҳукми суд нисбат ба он эътибор дошта бошад, ба баромадан аз шаҳрвандӣ рухсат дода намешавад.

Дар ҳолати зид ба манфиати бехатарии давлати Ӯзбекистон низ ин гуна илтимоснома рад карда мешавад.

## АСОСҲОИ АЛОҲИДА БАРОИ МАҲРУМШАВӢ АЗ ШАҲРВАНДӢ

Дар қонун инчунин асосҳои алоҳидаи баромадан аз шаҳрвандӣ оварда шудааст. Ба ин асосҳо ҳолатҳои зерин медароянд:

— агар шахс дар дигар давлат ба хизмати ҳарбӣ, ба хизмати мақомоти амният, политсия, дар мақомоти адлия ё дар дигар мақомоти ҳукумат ва идоракунии давлатии кишвари хориҷӣ кор карда бошад;
— агар шахс дар хориҷа доиман зиста, дар байни се сол бесабаб дар ҳисоби консулӣ наистода бошад;
— агар қалбакӣ будани шаҳрвандии Республикаи Ӯзбекистон бо маълумотҳои бешак ё бо тақдим кардани ҳуҷҷатҳои сохта гирифта шуда бошад;
— агар шахс бо назардошти манфиати давлати хориҷӣ фаъолият бурда ё ба воситаи содир намудани ҷиноятҳои зидди осудагӣ ва бехатарӣ ба манфиатҳои ҷамъият ва давлат зарар расонида, инчунин дар ташкилотҳои террористӣ иштирок дошта бошад;
— агар шахс шаҳрвандии давлати дигарро гирифта бошад.



**Донишатонро санҷед!**

1. Ба фикри шумо шаҳрвандӣ барои ҳар як давлати соҳибихтиёр маҷбурӣ аст?
2. Мафҳуми «шаҳрвандӣ»-ро шарҳ диҳед.
3. Ононе, ки дар кишвар ҳаёт ба сар мебаранд, лекин шаҳрванд нестанд, кадом ҳуқуқу ӯҳдадориҳо доранд?
4. Дар кадом ҳолат аз шаҳрвандӣ баромадан манъ аст?

## § 5. МЕХАНИЗМИ ҲИМОЯ КАРДАНИ ҲУҚУҚУ ОЗОДИҲОИ ИНСОН

### САНАДҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ОИД БА ҲИМОЯИ ҲУҚУҚҲОИ ИНСОН

Республикаи Ўзбекистон ҳамчун узви ҷамъияти ҷаҳонӣ кўмаки фаъолонаро дар бобати мустаҳкам намудани ҳуқуқу озодиҳои инсон дар кишвар, ба стандартҳои байналмилалӣ мутобиқ сохтани қонунҳои миллӣ оид ба ҳуқуқи инсонро ба ўҳда гирифтааст.

Ҷомеаи байналмилалии ин замон ғояи ҳуқуқҳои табиии инсонро дар сатҳи меъёрҳои ҳуқуқӣ мустаҳкам кардааст. Дар байни онҳо Баёнияи умумиҷаҳонии ҳуқуқҳои инсон, ки Созмони Милали Муттаҳид қабул кардааст, нақши алоҳида дорад. Дар ин баёния ҳаҷми ҳаддалақали ҳуқуқ ва озодиҳои зарурии ҳар як инсон дар ҳаёти иҷтимоӣ ифода ёфтааст.

Дар заминаи Баёнияи умумиҷаҳонии ҳуқуқҳои инсон якчанд ҳуҷҷатҳои қобили иҷрои ҳуқуқӣ қабул шудаанд. Онҳо ба ҳар як матлаби низоми Баёния дақиқӣ дохил карда, инкишоф доданд, зиёда аз он воситаҳои байналмилалии ҳалкунандаи ҳимояи ҳуқуқҳои инсонро офариданд. Масалан, Баённомаи факултативӣ, ба инсонҳои алоҳида, ки ҳуқуқашон вайрон шудааст, имкон дод, ки ба мақомоти маслиҳатии назди СММ—Кумитаи ҳуқуқҳои инсон шикоят намоянд.






Баёния, ду Пакт ва Баённомаи факултативӣ аз нуқтаи назари фаро гирифтани умумию ҳуқуқӣ санади универсалии СММ аст ва Хартияи ҳуқуқҳои инсонро ташкил медиҳад. Аксаран онро Билли байналмилалии ҳуқуқҳои инсон ҳам меноманд.

Конвенсияи Европа оид ба ҳимояи ҳуқуқҳо ва озодиҳои асосии инсон (с.1950) ва Баённомаҳои иловагии Конвенсия, ки ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ, инчунин баъзе ҳуқуқҳои иҷтимоию иқтисодиро фаро гирифтааст, ба санадҳои муҳимтарини Шӯрои Европа табдил ёфтаанд.

Барои назорати амалӣ намудани онҳо механизмҳои махсус—Комиссияи Европа ва Суди Европа оид ба ҳуқуқҳои инсон таъсис дода шуд. Комиссия ва Суд шикоятҳои вобаста ба вайронкунии ҳуқуқҳои шаҳрвандонро дида мебароянд. Агар ҳаққонияти шикоят тасдиқ шавад, аз тарафи Суд нисбати ҳар кадом давлат қарорҳое мебарорад, ки иҷрои он ҳатмист.

## ҲИМОЯИ ИНСОН ВА ШАҲРВАНДОН ДАР ҚОНУНҲОИ РЕСПУБЛИКАИ ЎЗБЕКИСТОН

Ўзбекистон баъди муваффақ шудан ба истиқлол механизми миллии ҳимояи ҳуқуқҳои инсонро офарида, зина ба зина мустаҳкам менамояд. Ҳалқаҳои асосии механизми дохилии давлат дар бобати ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон чунинанд:

— мақомоти суд, ки адолати судиро ба амал мебарорад;
— мақомоти прокуратура, ки иҷрои аниқи қонунҳоро назорат мекунад ва озодию ҳуқуқҳои инсонро ҳимоя менамояд;
— мақомоти корҳои дохилӣ, ки аз қонуншиканиҳо ҷилавгирӣ карда, вазифаҳои худро дар бобати таъмини ҳимояи ҳуқуқҳои инсон иҷро менамоянд.

Дар кишвар барои ҳимояи ҳуқуқҳои инсон муассисаҳои иловагии миллӣ ташкил карда шудааст. Ба онҳо:

— Намояндаи Олий Маҷлиси Республикаи Ўзбекистон оид ба ҳуқуқҳои инсон (Омбудсман);
— Маркази миллии Республикаи Ўзбекистон оид ба ҳуқуқҳои инсон;
— Институти мониторинги санадҳои ҷории қонун дар назди Президенти Республикаи Ўзбекистон;
— Институти вакил оид ба ҳимояи ҳуқуқҳо ва манфиатҳои қонунии субъектҳои тадбиркорӣ дар назди Президенти Республикаи Ўзбекистон дохил мешаванд.

## ҲУҚУҚҲОИ АПАТРИДҲО ВА ШАХСОНИ ҒАЙРИ ШАҲРВАНДӢ

**Шахсони ғайри шаҳрванд** шахсоне мебошанд, ки ба мақоми шахси ҷисмонии ягон давлат соҳиб нестанд (апатрид). Гарчанде онҳо шаҳрванди комилҳуқуқ намебошанд, он кишваре, ки онҳоро қабул кардааст, маҷбур ҳастанд, ки қонунҳояшро риоя намоянд. Шахсони ғайришаҳрванд соҳиби ҳамаи ҳуқуқҳои инсон ҳастанд, лекин аз имтиёзҳои асосии шаҳрванди комилҳуқуқ маҳруманд. Дар моддаи 22-юми Конститутсияи Республикаи Ӯзбекистон дар ҳудудаш ва берун аз он ҳимоя намудани шаҳрвандон ва ҳомигӣ кардан ба онҳоро Республикаи Ӯзбекистон кафолат додааст.

Бино ба моддаи 23-юми Конститутсияи Республикаи Ӯзбекистон Республикаи Ӯзбекистон дар ҳудуди худ ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони ғайри шаҳрвандро мувофиқи ҳуқуқи байналмилалӣ таъмин мекунад. Дар айни замон онҳо Конститутсия, қонунҳои Республикаи Ӯзбекистон ва ӯҳдадориҳои худро, ки шартномаҳои байналмилалӣ муқаррар кардаанд, бояд адо намоянд.

**Донишатонро санҷед!**

1. Баёнияи умумиҷаҳонии ҳуқуқҳои инсон кай қабул шудааст ва моҳияти он аз чиҳо иборат аст?
2. Дар асоси Баёнияи умумиҷаҳонии ҳуқуқҳои инсон оид ба ҳуқуқҳои инсон кадом ҳуҷҷатҳо тартиб дода шудаанд?
3. Дар Шӯрои Европа кадом ҳуҷҷатҳои ҳуқуқҳои инсон асосӣ ба шумор мераванд?
4. Комиссияи Европа ва Суди Европа бо кадом мақсад ташкил шудааст?
5. Ҳалқаҳои механизми давлатии дохилии Республикаи Ӯзбекистон оид ба ҳуқуқу озодиҳои инсонро номбар кунед.
6. Дар Республикаи Ӯзбекистон дар бобати ҳимояи ҳуқуқҳои инсон кадом муассисаҳои иловагии миллӣ мавҷуданд?
7. Шахсони хориҷӣ ва ғайришаҳрванд кадом ҳуқуқу ӯҳдадориҳо доранд?

# ФАСЛИ II. ҲУҚУҚИ КОНСТИТУТСИЯВӢ

## § 6. БАРТАРИЯТИ ҚОНУН ДАР ДАВЛАТ










### КОНСТИТУТСИЯИ РЕСПУБЛИКАИ ЎЗБЕКИСТОН — ҚОНУНИ АСОСИИ МАМЛАКАТ

Конститутсия қонуни асосии ҳар як давлат ба шумор меравад. Меъёрҳо (нормаҳо)-и он принсипҳои сохтмони давлат, ташкили идоракунии онро ва муносибатҳои шахс-ҷамъият-давлатро ба тартиб меандозад.

Қоидаҳои дар Конститутсия мустаҳкамшуда таҳкурсии юридикиро ҳосил мекунад, зимни такя бар он дигар соҳаҳои ҳуқуқ—меъёрҳои шаҳрвандӣ, молиявӣ, ҷиноӣ, меҳнат ва монанди инҳо офарида мешаванд. Тамоми санадҳои (ҳуҷҷатҳо) меъёрию ҳуқуқӣ (қонунҳо, фармонҳо, қарорҳо ва ҳоказо) бар конститутсия асос меёбанд. Вай сарчашмаи асосии ҳамаи санадҳои қонун аст.

Дар конститутсия барои ҳамаи қонунҳои ҷорӣ ғояҳо ва низомҳое ҳастанд, ки асоси онҳоро мустаҳкам кардаанд. Дар сохтори ҳуқуқии ҳар кадом давлат бартарияти конститутсия айнан бо ҳамин принсип муқаррар карда мешавад.

Афзалияти конститутсия боз дар чунин ҳолат маълум мешавад, ки дар баробари шаҳрвандони ҳамон давлат худи давлат ва мақомоти он маҷбуранд ба он амал намоянд. Маҳз дар чунин муносибати ҳуқуқ ва давлат дар ҷамъият иҷрои амалии Конститутсия ва қонунҳоро таъмин кардан мумкин.

**Супориши 1-ум.**

Шумо мушоҳида намоед, ки дар давоми рӯз чанд маротиба бо қонун рӯ ба рӯ меоед. Сипас таъсири ҳар як қонунро муҳокима намоед. Барои ҳар кадоми шумо фоиданок будани онро фаҳмонед.

Инсон дар давоми тамоми ҳаёт бо қонун бевосита вобаста аст. Шахс ҳангоми дар самолёт парвоз кардан, хона харидан, мошин рондан, издивоҷ намудан, таҳсил ё кор кардан—ҳамин зайл дар ҳама ҳолатҳо бо ин ё он қонун кордор мешавад.

**Ҳуқуқ** системаи қоидаҳои хулқу атвор аст, ки аз тарафи давлат ҷорӣ ва ҳимоя карда мешавад.

**Супориши 2-юм.**

Тасаввур намоед, ки мусофири бечипта («харгӯш»), авбоше, ки ягон шахсро задааст, ё ронандае, ки ба чароғи фурӯзонаки роҳ эътибор надода, мошин ронда рафтааст, ба чӣ гуна ҳолатҳо дучор меояд. Ба ин вазъиятҳое, ки номбар шуданд, инсонҳо ҳар гуна ҳаракат кардаанд, лекин ҳамаи онҳо ба оқибати муайяни ҳуқуқӣ вобастаанд.

**Ҳар кадоме, ки қонунро як хел вайрон мекунад, ба чӣ гуна оқибати ҳуқуқӣ дучор шуданашро муайян намоед.**

**Супориши 3-юм.**

**1. Фикр кунед, байни зарбулмасалҳои халқӣ ва меъёрҳои ҳуқуқӣ чӣ гуна вобастагӣ мавҷуд аст?**

— «Чоҳкан зери чоҳ»
— «Охири зӯрӣ вой аст»
— «Ҳар чӣ корӣ, онро даравӣ»
— «Ними нон, роҳати ҷон»
— «Бахтам дар дастам»
— «Нон бошад, суруд ҳам мешавад»
— «Хорӣ аз марг ҳам бад аст»
— «Як бор ҷастӣ малахак, ду бор ҷастӣ малахак, охир ба дастӣ малахак»
— «Бо моҳ шинӣ, моҳ шавӣ, бо дег шинӣ, сиёҳ шавӣ».

**2. Кадом аломат барои ҳамаи меъёрҳои иҷтимоӣ аломати умумист? Ҳуқуқ ба рафтори одамон чӣ гуна таъсир мерасонад?**

**Давлати ҳуқуқбунёд** — бартарияти ҳуқуқ ва қонун, мустақилии судро таъмин мекунад, ҳуқуқу озодиҳои инсонро кафолат медиҳад, сохтори ҳокимияти давлатиро дар асоси принсипи тақсимоти ҳокимияти қонунбарор, иҷроия ва ҳокимияти судӣ ба амал мебарорад.

**Донишатонро санҷед!**

1. Мафҳуми ҳуқукро таъриф диҳед.
2. Меъёрҳои ҳуқуқӣ кадом муносибатҳои умумӣ қабулшудаи байни одамонро ба тартиб медарорад?
3. Арзишҳои умумиинсонӣ ва меъёрҳои байниҳамдигарӣ дар ҳуқуқ чӣ тавр инъикос мегарданд ва мустаҳкам карда мешаванд?
4. Чаро ҳуқуқ ба маҳдуд намудани озодиҳои инсон маҷбур мекунад?
5. Мафҳуми «Давлати ҳуқуқӣ»-ро таъриф диҳед.

# § 7. АСОСҲОИ СОХТИ КОНСТИТУТСИЯВИИ РЕСПУБЛИКАИ ЎЗБЕКИСТОН










## ТАРКИБИ СОХТИ КОНСТИТУТСИЯВӢ

Соҳаи ҳуқуқи конститутсионӣ қисми таркибии соҳаи ҳуқуқи миллии ҳар як мамлакат аст. Вай ҷиҳати муҳими ҳаёти давлат ва ҷамъият, сохтори муносибатҳои асосии иҷтимоӣ мебошад. Ин муносибатҳои иҷтимоӣ дар навбати худ дар соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, маданӣ ва маънавии ҳаёти ҷамъият намоён мегардад.

Ин муносибатҳои иҷтимоӣ дар навбати худ бо татбиқи амалии ҳаёти иҷтимоӣ, ба рӯи об баровардани ҳокимияти давлатӣ, муайян сохтани мақоми дигар ҳокимиятҳои иҷтимоӣ, инчунин, бо ҳуқуқ, озодиҳо ва ӯҳдадориҳои инсон ва шаҳрвандон бевосита вобаста аст. Мухтасар гӯем, сохтори муносибатҳои иҷтимоии муҳимтарин вобаста бо ҳаёти инсон,

шаҳрванд, ҷамъият ва давлат асоси ҳуқуқи конститутсиявӣ аст ва айнан дар замири ин муносибатҳо асосҳои сохти конститутсиявӣ ба вуҷуд меоянд ва ташаккул ёфта, пеш меравад.

Дар сохтори ҳуқуқи миллии кишварамон сохтори конститутсиявии Республикаи Ўзбекистон гуфта маънои васеи тарзи зисти халқамон фаҳмида мешавад, ки дар асоси конститутсия ва қонунҳо барпо шуда, арзишҳои умумибашарӣ дар онҳо бартарӣ доранд.

Конститутсия ва устувории қонунҳо, дар онҳо ҳамчун арзиши олитарини мустаҳкам шудани ҳуқуқу озодиҳои инсон, қоидаҳое ба монанди меъёрҳои умумиэътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ имрўз мисли асоси конститутсионализм фаҳмида мешавад.

Ҳуқуқи конститутсиявӣ дар маҷмўи ҳуқуқи миллӣ яке аз соҳаҳои ҳуқуқ аст. Аммо бояд таъкид намуд, ки дар фанни ҳуқуқ ибораи «ҳуқуқи конститутсиявӣ» ба маънохои гуногун истифода мешавад. Аз як тараф, вай як соҳаи аниқ ҳуқуқ аст. Зимнан ин ибора аксаран ҳамчун яке аз соҳаҳо дониста мешавад. Аз дигар тараф, ин ибора мазмуни қисми таркибии фанни ҳуқуқшиносии «Ҳуқуқи конститутсиявӣ» аст. Сеюм, ин истилоҳ дар муассисаҳои таълимӣ ҳамчун номи фанни таҳсил фаҳмида мешавад.

Ҳуқуқи конститутсиявӣ ҳамчун соҳаи ҳуқуқ муносибатҳои ҷамъиятиро ба тартиб медарорад. Ҳамчун фан сохти давлат, мақоми ҳуқуқии шахс ва шаҳрванд, фаъолият, сохтори давлат ва ҳоказоро меомўзонад. Ба сифати предмет вазифаи маърифатиро иҷро мекунад ва донишҳои ин соҳаро паҳн менамояд.

## СОХТОРИ КОНСТИТУТСИЯВӢ ВА УСУЛИЯТҲОИ КОНСТИТУТСИЯВӢ

Барои идрок намудани мазмуну моҳияти сохтори конститутсиявӣ усулиятҳои (принсипҳои) аз ҷониби конститутсия муқарраршуда аҳамияти калон доранд. Аҳамияти принсипҳоеро, ки асоси сохтори ҳуқуқи конститутсиявӣ мебошанд, пеш аз ҳама дар онҳо ифода шудани арзишҳои умумибашарӣ, бар асоси бартарияти қоидаҳои байналмилалии

умумиэътирофшуда ва дар айни вақт ҳамчун таҳкурсии сохтори ҳуқуқи миллӣ будани онҳо намоён мегардад.

Боз як ҷиҳати аҳамиятноки усулиятҳои конститутсиявӣ аз он иборат аст, ки онҳо самтҳои муҳимтарини муносибатҳои байни шахс, ҷамъият ва давлатро ифода мекунанд. Ҳатто ҳангоми истифодаи як мафҳуми «сохтори давлат» ё «сохтори конститутсиявӣ» фаҳмидани бар манфиати кӣ хизмат кардани онҳо душвор нест. Агар зери мафҳуми «сохтори давлат» ғояҳои манфиатҳои давлат ё ҳокимияти давлатӣ ифода ёфта бошанд, мафҳуми «сохтори конститутсиявӣ» асосан бартарияти қоидаҳои конститутсиявӣ, яъне ифодаи амалии усулиятҳои Конститутсияро намоён мекунад ва ҳамин тариқ ҳимоя шудани муносибати конститутсиявию ҳуқуқиро бештар мефаҳмонад.

Конститутсияи Республикаи Ўзбекистон бо сохти аниқи таҳияшудааш фарқ мекунад. Ба қисмҳои сохтори он муқаддима, 6 фасл, 26 боб ва 128 модда медарояд. Дар қисми муқаддимаи он содиқ будани халқи Ўзбекистон ба ҳуқуқҳои инсон ва ғояҳои соҳибихтиёрии давлатӣ тантананок эълон шуда, дар назар дошта шудани вазифаи барпо намудани давлати инсонпарвар ва демократии ҳуқуқӣ зикр гардидааст.

Дар нормаҳои фасли якум суверенитети давлат, ҳокимияти халқӣ, бартарии конститутсия ва қонун ҳамчун принсипи асосии сиёсат қайд шудааст.

Меъёрҳои фасли дуюм ҳуқуқҳо, озодиҳо ва вазифаҳои асосии инсон ва шаҳрвандонро ба тартиб медарорад.

Меъёрҳои фасли сеюм хусусиятҳои муносибатҳои ҷамъият ва шахсро эзоҳ медиҳад.

Меъёрҳои фасли чорум сохтори маъмурию ҳудудӣ ва сохти давлатиро муайян мекунад.

Ташкил кардани ҳокимияти давлатиро меъёрҳои фасли панҷум муқаррар менамояд.

Дар меъёрҳои фасли шашум тартиби дохил намудани тағйирот ба конститутсия нишон дода шудааст.

## СОХТОРИ КОНСТИТУТСИЯВӢ ВА ТАРТИБОТИ ҲУҚУҚӢ

Дар ҳар як давлат мавҷуд будани ҳуқуқу тартибот кафили сохтори конститутсиявӣ шуда хизмат мекунад. Аслан ин ҳар ду мафҳум мавҷуд будани ҳамдигарро тақозо мекунад. Дар сохтори конститутсиявӣ ҳуқуқу тартибот низ ҷой мегиранд ва дар амал будани сохтори конститутсияviро таъмин менамоянд.

> Давлат ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандонро, ки дар Конститутсия ва қонунҳо мустаҳкам карда шудаанд, таъмин менамояд.
>
> ***Моддаи 43-юми Конститутсияи Республикаи Ўзбекистон***

> Ба ҳар як шахс ҳимояи ҳуқуқу озодиҳояшро ба воситаи суд, ҳуқуқи шикоят карданро ба суд аз болои кирдори ғайриқонунии мақомоти давлатӣ, шахсони мансабдор, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ кафолат дода мешавад.
>
> ***Моддаи 44-уми Конститутсияи Республикаи Ўзбекистон***

Ҳимоя шудан ва барқарории сохти конститутсиявӣ бевосита бо фаъолияти пурсамари ҳокимияти давлатӣ вобаста аст. Ҳокимияти давлатӣ фаъолияти худро ошкоро бо роҳи воқиф намудани халқ ба амал мебарорад.

> Давлат риоя намудан ба ҳуқуқҳо ва манфиатҳои қонунии иттиҳодияҳоро таъмин мекунад, барои иштироки онҳо дар ҳаёти иҷтимоӣ имкониятҳои баробари ҳуқуқӣ фароҳам меорад.
>
> Ба дахолати мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдор ба фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, инчунин ба дахолати иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ба мақомоти давлат ва шахсони мансабдор роҳ дода намешавад.
>
> ***Моддаи 58-уми Конститутсияи Республикаи Ўзбекистон***



**Супориши 1-ум.**

Аз донишҳои гирифтаатон истифода карда, дар асоси аломатҳои зерин ҳикояи хурд тайёр кунед.



Ҳимоя аз ғуломӣ.



Ҳимоя аз меҳнати вазнин.



Ҳимоя аз бешафқатӣ.



Ҳуқуқи эътибор, муҳаббат дидан.



Ҳуқуқи интихоб.



Ғамхорӣ ба калонсолон ва ба якдигар.



Ҳамаи инсонҳои рӯйи замин barобарҳуқуқанд.



Ҳуқуқи манзил, истироҳат ва хӯрок хӯрдан.



Ҳимоя аз хор шудан.



Ҳимоя аз чудошавии падару модар.



**Донишатонро санҷед!**

1. Ҳуқуқи конститутсиявӣ ба кадом маъноҳо истифода мешавад?
2. Ҳуқуқи конститутсиявӣ ҳамчун фан чӣ гуна хизмат мекунад?
3. Ҳуқуқи конститутсиявӣ ҳамчун предмети дарс кадом вазифаҳоро иҷро мекунад?
4. Ҳуқуқи конститутсиявӣ дар байни дигар соҳаҳои ҳуқуқ чӣ гуна пешбар шуда зоҳир мегардад?
5. Мақсади асосии муқаддимаи Конститутсияамонро гӯед.
6. Меъёрҳои конститутсияамон тартиби ҳуқуқии давлатамонро чӣ гуна муқаррар менамоянд?

## § 8. УСУЛИЯТИ ИНСОНПАРВАРӢ — АСОСИ СОХТОРИ КОНСТИТУТСИЯВИИ РЕСПУБЛИКАИ ЎЗБЕКИСТОН









### ИФОДАИ ҲУҚУҚУ ОЗОДИҲОИ ИНСОН ДАР КОНСТИТУТСИЯИ РЕСПУБЛИКАИ ЎЗБЕКИСТОН

Конститутсия шаҳрвандонро, сарфи назар аз дар куҷо будан, таҳти ҳимояи давлати аз ҷониби қонун кафолатдода буданашонро тасдиқ менамояд. Ғайр аз он, дар қонуни асосӣ вобаста ба соҳаҳои фаъолияти ҳаёти ҷамъият ҳуқуқу озодиҳо тақсим карда дода шудаанд.

Муносибатҳои шахс ва давлат нафақат объекти ҳар як сохтори ҳуқуқи миллӣ, балки объекти муҳимтарини ҳуқуқи байналмилалӣ ба ҳисоб меравад ва дар асоси мизонҳои инсонгарӣ ташкил кардани ин муносибатҳо бар зиммаи ҳар як ҷамъият ва давлат масъулияти азим мегузорад.

**Усулияти инсонпарварӣ** дар ин зоҳир мешавад, ки тамоми шаҳрвандони республикаи мо бар асоси умумӣ аз ҳуқуқҳо баробар истифода мебаранд ва ӯҳдадориҳоро баробар бар дӯш доранд.

Конститутсияи мо нафақат ҳуқуқҳои озодии инсон ва дахолатнопазирии шахсиро муқаррар мекунад, балки шаъну эътибори онро ҳам муҳофизат мекунад.

Таъминкунии ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон барои пешрафти кишвар замина фароҳам меорад ва ҳамчун кафолати сохтмони давлати демократӣ хизмат мекунад. Конститутсия таҳкурсии сохтори томи ҳуқуқу озодиҳои инсон аст.

Мувофиқи Фармони Президенти Республикаи Ўзбекистон аз 1-уми августи соли 2005, аз 1-уми январи соли 2008 дар мамлакат ҷазои ҷиноии ҳукми қатл бекор карда шудааст.

Конститутсияи Республикаи Ўзбекистон бино ба усулияти инсонпарварии ҷамъияти ҷаҳонӣ эътирофкарда барои бахту саодати инсон хизмат карда истодааст, бартарияти ҳуқуқу озодиҳои инсонро таъмин менамояд. Ин дар навбати худ ба қоидаҳо ва принсипҳое, ки дар миқёси байналмилалӣ эътироф гардидааст, пурра мувофиқ мебошад.

## ҲОКИМИЯТИ ХАЛҚӢ

Мувофиқи конститутсияи Республикаи Ўзбекистон халқ манбаи ягонаи ҳокимияти давлатист. «Демос» (юнонӣ) маънои «халқ», «кратос» — «идоракунӣ»-ро дорад. Яъне, демократия хоҳишу иродаи мардумро инъикос мекунад. Демократия ба воситаи овоздиҳии пинҳонӣ иштирок карданиинсон дар ҳалли корҳои давлат ё маънои бо дигар шакл иштирок намуданро дорад. **Демократияи намояндагӣ** иштироки мардумро ба воситаи намояндаи (вакили) интихобкардааш дар корҳои давлат таъмин мекунад. Аз ин боис аз номи халқи Ўзбекистон фақат Олий Маҷлиси Республика ва Президенти кишвар ҳақ доранд кор баранд.

Шаклҳои демократияи бевосита ба сифати ифодаи аниқи соҳибихтиёрии мардум ба майдон мебароянд. Агар давлат ва дигар ҳокимиятҳои

иҷтимоӣ бавосита, яъне дар зоҳир ба иродаи халқ хизмат кунанд, шаклҳои демократияи бевосита, яъне референдум (раъйпурсӣ, ҳамапурсӣ) ва муҳокимаи халқ ва тадбирҳои сиёсии монанди инҳо решаи ҳокимияти халқ мебошанд.



Халқ манбаи ягонаи ҳокимияти давлатист.

Дар Республикаи Ўзбекистон ҳокимияти халқӣ бо назардошти манфиатҳои халқ ва Конститутсияи Республикаи Ўзбекистон, инчунин, қонунҳои бар асоси он қабулшуда аз тарафи идораҳое, ки ваколат дода шудааст, амалӣ мегардад.

Дигар кардани ваколатҳои ҳокимияти давлатӣ хилофи тартиб дар конститутсия пешбинӣ нашуда, боздоштан ё қатъ намудани фаъолияти идораҳои ҳокимият, ташкил кардани таркиби нав ва мувозии ҳокимият хилофи Конститутсия ба ҳисоб меравад ва бино ба қонун барои ба ҷавобгарӣ кашидан асос мешавад.

***Моддаи 7-уми Конститутсияи Республикаи Ўзбекистон***

Фаъолияти ҳокимияти давлатӣ дар Республикаи Ўзбекистон аз ҳимоя, таъмин кардан ва кафолат додан ба ҳуқуқҳои инсон иборат буда, мазмуман дар бобати офаридани сохтори нави конститутсиявӣ ислоҳотҳоро бар асоси шиори ҳаётии «Ислоҳот на барои ислоҳот, аввал барои инсон, барои манфиатҳои он» амалӣ месозад. Мазмуни меъёрҳое, ки дар Конститутсияи Республикаи Ўзбекистон мустаҳкам шудаанд, барои иҷрои вазифаи дар боло зикршуда асоси ҳуқуқӣ шуда хизмат мекунанд.

## ҲУҚУҚҲОИ СИЁСИИ ШАҲРВАНДОН

Дар маҷмўи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон ҳуқуқҳои сиёсии онҳо мақоми алоҳида дорад, зеро ин ҳуқуқҳо бо иштироки шаҳрвандон дар идоракунии корҳои давлат ва ҷамъият вобастаанд.

Вақте ки ҳуқуқу озодиҳои сиёсӣ мегўянд, ҳуқуқҳои мансуб ба манфиатҳои сиёсии бевоситаи инсонҳо фаҳмида мешавад. Ҳуқуқҳои сиёсӣ имкониятҳои иштироки шахсро дар ҷараёни сиёсӣ ва дар татбиқи амалии ҳокимияти давлатӣ ифода месозад. Ҳуқуқу озодиҳои сиёсӣ бо шаҳрвандии давлатро гирифтан вобаста аст. Ҳуқуқи шаҳрвандон дар идоракунии корҳои давлат, ташаккул додани мақомоти давлатии ҳокимият ва мақомо-

ти худидоракунӣ ба воситаи интихобот яке аз ҳуқуқҳои муҳими сиёсии онҳост.

Иштироки шаҳрвандон дар идоракунии корҳои давлат ва ҷамъият яке аз принсипҳои муҳими давлати ҳуқуқии демократӣ аст. Дар конститутсия шаклҳои иштироки халқ дар корҳои давлат ва ҷамъият дақиқ ифода ёфтаанд. Шаҳрвандони Ӯзбекистон ба воситаи намояндагони интихобшудаи худ дар мақомоти намояндагии олӣ ва маҳаллӣ иштирок менамоянд.

Дар Конститутсияи Республикаи Ӯзбекистон ҳуқуқи шаҳрвандон дар бобати муттаҳид шудан ба партияҳои (ҳизбҳои) сиёсӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар ҳолати зид набудан ба Конститутсия ва талаботи дигар қонунҳо аниқ муайян карда шудааст. Бо ариза, пешниҳод ва шикоятҳо мурочиат кардан ба мақомоти ваколатдор яке аз шаклҳои амалии иштироки шаҳрвандон дар корҳои давлат ва ҷамъият буда, ин ҳуқуқ воситаи муҳими ифодаи фаъолии сиёсии шаҳрвандон, инчунин, ҳимояи ҳуқуқҳои онҳост.



Мурочиати шаҳрвандон аз рӯи мазмун дар се шакл баён мешавад:

— пешниҳод;
— ариза;
— шикоят.

Мурочиати шаҳрвандон, сарфи назар аз шаклашон (пешниҳод, ариза, шикоят) ҳатман расмӣ карда мешаванд.

## ВАЗИФА ВА ӮҲДАДОРИҲОИ КОНСТИТУТСИЯВИИ ШАҲРВАНДОН

Конститутсияи Республикаи Ӯзбекистон нафақат ҳуқуқҳои асосӣ ва озодиҳои шаҳрвандон, балки вазифаҳои онҳоро низ зикр карда мегузарад.

Ҳаёти иҷтимоӣ чунин сохта шудааст, ки инсон аз озодии мутлақ истифода бурда наметавонад. Зеро то даме, ки ҷамъият ҳаст, одамони атрофро ба инобат нагирифтан илоҷ надорад. Озодие, ки ба манфиати дигар шахсон зид аст, ба онҳо зарар меорад. Аз ин боис дар моддаи 20-уми Конститутсияи Республикаи Ӯзбекистон алоҳида таъкид шудааст, ки «Шаҳрвандон зимни амалӣ кардани ҳуқуқу озодиҳои худ ба манфиатҳои қонунии дигар шахсон, давлат ва ҷамъият, ба ҳуқуқҳо ва озодиҳояшон набояд футур расонанд». Мувофиқи моддаи 47-ум «Ҳамаи шаҳрвандон вазифаҳое, ки дар Конститутсия муқаррар карда шудааст, иҷро мекунанд».

**Супориши 1-ум.**

Аз Конститутсияи Республикаи Ўзбекистон моддаҳои оид ба ўҳдадориҳои шаҳрвандонро бодиққат хонед ва дар бораи чаро ин ўҳдадориҳо дар Конститутсия дохил шудаанд, хулоса бароред.

**Моддаи 48.** Шаҳрвандон маҷбуранд, ки Конститутсия ва қонунҳоро риоя намуда, ҳуқуқҳо, озодиҳо, шаън ва қадру қимати дигар одамонро ҳурмат кунанд.

**Моддаи 49.** Шаҳрвандон маҷбуранд, ки мероси таърихӣ, маънавӣ ва мадании халқи Ўзбекистонро эҳтиёт кунанд. Ёдгориҳои маданӣ дар муҳофизати давлат аст.

**Моддаи 50.** Шаҳрвандон маҷбуранд, ки ба муҳити табиии атроф дар муносибати эҳтиёткорона бошанд.

**Моддаи 51.** Шаҳрвандон маҷбуранд, ки андоз ва дигар пардохтҳои маҳаллиро, ки қонун муқаррар кардааст, пардозанд.

***Конститутсияи Республикаи Ўзбекистон.***

**Супориши 2-юм.**

Чигунагии амалӣ шудани моддаи 19-уми Конститутсияро дар мисолҳо нишон диҳед: «Шаҳрванди Республикаи Ўзбекистон ва давлат бо якдигар ба воситаи ҳуқуқу ўҳдадориҳо вобастаанд. Ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон, ки дар Конститутсия ва қонунҳо мустаҳкам шудаанд, дахолатнопазиранд, ҳеҷ кас ҳақ надорад, ки бе қарори суд аз онҳо маҳрум ё маҳдуд намояд».

**Донишатонро санҷед!**

1. Ҳикмати «Дар давлат инсон арзиши олитарин аст»-ро чӣ гуна мефаҳмед?
2. Меъёри ҳуқуқӣ ба чӣ хизмат мекунад?
3. Ҳуқуқ кадом вазифаҳоро иҷро мекунад?
4. Асосҳои мақоми конститутсиявии шахсро кадом усулиятҳо ташкил медиҳанд?
5. Ўҳдадориҳои конститутсиявии шаҳрвандонро номбар кунед.

# ФАСЛИ III.
# АСОСҲОИ ҲУҚУҚИ МАЪМУРӢ




## § 9. ҲУҚУҚИ МАЪМУРӢ ДАР РЕСПУБЛИКАИ ЎЗБЕКИСТОН

### СОХТ ВА САРЧАШМАҲОИ ҲУҚУҚИ МАЪМУРӢ

**Ҳуқуқи маъмурӣ** соҳаи ҳуқуқест, ки муносибатҳои иҷтимоиро, ки ҳангоми фаъолияти идоракунии давлат пайдо мешавад, ба тартиб медарорад. Пеш аз ҳама, муносибати идоракуниест, ки дар ҷараёни фаъолияти ҳаррӯзаи амалии субъектҳои ҳокимияти иҷроия барои татбиқи функсия ва вазифаҳояшон оид ба раҳбарии ҷараёнҳои хоҷагӣ, иҷтимоию иқтисодӣ, маданӣ ва маъмурию сиёсии давлат ба вуҷуд меояд.

Сохтори ҳуқуқи маъмурӣ меъёрҳои ҳуқуқи маъмурӣ ва институтҳояшро муттаҳид мекунад.

Ҳуқуқи маъмурӣ муносибатҳои зеринро ба тартиб медарорад:

— мақомоти давлатӣ, ки аз ҷиҳати ташкилӣ яке ба дигараш тобеъ аст (Девони Вазирони Республикаи Ўзбекистон, вазоратҳо, кумитаҳо, ҳокимиҳо);

— идораҳои давлатӣ, ки яке ба дигараш тобеъ нест (ду вазорат, ду ҳокимият);

— муносибатҳои  байни корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳо, ки ба мақомоти идоракунии давлатӣ тобеъ аст;
— муносибатҳои мақомоти идораҳои давлатӣ ва иттиҳодияҳо;
— муносибатҳои байни  органҳои идораҳои давлатӣ ва шаҳрвандон.



**Ҳуқуқи маъмурӣ** ҳамчун соҳаи мустақили сохтори ҳуқуқ аз маҷмӯи нормаҳои ҳуқуқие иборат аст, ки муносибатҳои иҷтимоии дар ҷараёни ташкил ва татбиқи амалии идоракунии давлат ба  вуҷуд омадаро ба тартиб медарорад.

Меъёрҳои ҳуқуқи маъмурӣ хеле гуногун аст. Ба онҳо меъёрҳои рафтор дар зиндагӣ, муҳофизати табиат, истифода аз об,  қоидаҳои эҳтиёт аз сӯхтор, меъёрҳои бехатарии нақлиёт ва дигарон  дохил мешаванд. Ба ин қоидаҳо албатта риоя бояд кард.

| № | Усулият | Мазмунаш |
|---|---|---|
| 1. | **Қонунӣ будан** | Давлат, идораҳои он, шахсони мансабдор, ташкилотҳои ҷамъиятии шаҳрвандон фаъолияти худро мувофиқи Конститутсия ва қонунҳо бояд ба амал бароранд. |
| 2. | **Баробарии шаҳрвандон дар назди қонун** | Ҳамаи шаҳрвандони Республикаи Ўзбекистон ба ҳуқуқу озодиҳои якхела соҳибанд ва дар назди қонун баробарҳуқуқанд. |
| 3. | **Демократия** | Шаҳрвандон  имконият ва ҳуқуқи иштирок дар идоракунии корҳои ҷамъият ва давлат иштирок мекунанд. |
| 4. | **Гуманизм (инсонпарварӣ)** | Эътироф намудани қадру қимати олии инсон ва ҳурмат намудани обрў ва дахолатнопазирии ҳуқуқу озодии он. |
| 5. | **Адолат** | Муносибати холисона ва беғаразона ба инсон сарфи назар аз шахсият, ҷинс, нажод, миллат ва баромади иҷтимоии он. |
| 6. | **Муқаррар будани ҷавобгарӣ барои айб** | Шахсе, ки қонуншикании маъмурӣ кардааст, ҳатман ба ҷавобгарӣ кашида мешавад. |

Ба сарчашмаҳои ҳуқуқи маъмурӣ дохил мешаванд:
- Конститутсияи Республикаи Ўзбекистон;
- Қонунҳои конститутсиявӣ;
- қарорҳои палатаҳои Олий Мажлиси Республикаи Ўзбекистон;
- фармон ва қарорҳои Президенти Республикаи Ўзбекистон;
- қарорҳои Девони Вазирони Республикаи Ўзбекистон, нишондодҳо, низомҳои вазоратҳо, кумитаҳо ва идораҳои давлатӣ;
- қарорҳои мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ.

## СУБЪЕКТҲОИ ҲУҚУҚИ МАЪМУРӢ

Ҳуқуқи маъмурӣ бо фаъолияти органҳои ҳукумати давлатӣ, ки соҳаҳои гуногуни ҳаёти ичтимоиро ба тартиб медароранд, вобастагии зич дорад. Ҳаёти чамъият ба идоракунӣ мўҳточ аст, чунки саноат, хочагии қишлоқ, маданияту маърифат худ аз худ инкишоф намеёбанд.





Президент, хизматчиёни мақомоти идоракунии давлатӣ, шахсони мансабдор ва ходимони корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳо, шаҳрвандони ба синни 16 расидаи Республикаи Ўзбекистон, хоричиён ва шахсони ғайри табаа, иттиҳодияҳои шаҳрвандӣ субъектҳои ҳуқуқи маъмурӣ ба ҳисоб меравад.

Идораи олии ҳокимияти давлатӣ — Олий Мажлис ҳар қонунеро, ки қабул мекунад (ўҳдадории ҳарбӣ, ислоҳи сохтори таълим, корхонаҳои муштарак, ичора ё муҳофизати модарӣ ва бачагӣ ва ҳоказо), бояд ҳар

кадоме дар ҳаёт татбиқ шавад. Идораҳои маҳаллӣ ва марказии идоракунии давлатӣ барои ин шароит фароҳам мекунанд. Ба идораҳои марказии идоракунии давлатӣ Девони Вазирони Республикаи Ўзбекистон, Шўрои Вазирони Республикаи Қароқалпоқистон, вазоратҳои Республикаи Ўзбекистон ва Республикаи Қароқалпоқистон, кумитаҳои давлатӣ дохил мешаванд.

Ҳар кадоми онҳо соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёт ва маданиятро идора мекунанд. Масалан, Вазорати корҳои дохилӣ бо масъалаҳои марбут бо таъмин намудани ҳуқуқу тартибот машғул мешавад. Вазорати таълими халқ фаъолияти муассисаҳои таълимро раҳбарӣ мекунад ва ҳоказо.





Ба идораҳои ҳокимияти маҳаллӣ ҳокимиятҳое, ки онҳоро ҳокимон сарварӣ мекунанд, дохил мешаванд, онҳо дар вилоят, шаҳр ё ноҳия ҳокимияти иҷроия ва фармоишӣ буда, корҳои муҳими рўзмарраро иҷро мекунанд.

Дар ҳалли муаммоҳои иҷтимоӣ ташкилотҳои ҷамъиятӣ ҳам иштирок мекунанд. Дар ин бобат фаъолияти идораҳои маҳаллии худидоракунӣ, масалан, ҷамоати шаҳрвандон ва ришсафедон (оқсақолон), кумитаҳои иттифоқи касаба ва монанди инҳо аҳамияти калон доранд. Онҳо вазифаҳои худро дар асоси ихтиёрӣ иҷро мекунанд. Қарорҳои ташкилотҳои ҷамъиятӣ фақат барои шаҳрвандони аъзои ҳамин ташкилот маҷбурист.

**Супориши 1-ум.**

Бо фаъолияти кумитаи маҳаллае, ки шумо зиндагӣ мекунед, шинос шуда, дар бораи кори онҳо хабар тайёр кунед. Онҳо бо чӣ машғуланд? Нақши онҳо дар ҳаёти ҷамъият аз чӣ иборат аст?

**Супориши 2-юм.**

**Вазъиятҳои зеринро ҳал намоед.**

**Вазъияти 1-ум.**

Улуғбек: — Ман ба қарибӣ 18-сола мешавам. Маро ба хизмати ҳарбӣ даъват карданашон мумкин. Ман ба донишкадаи тиббӣ дохил шуданиам. Барои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олӣ муддати даъват ба хизмати ҳарбиро оё тамдид додан мумкин аст?

**Дар кадом идора ба Улуғбек тартиби ҷалб ба хизмати муддатноки ҳарбиро дуруст фаҳмонда медиҳанд?**

**Вазъияти 2-юм.**

Севара, 18-сола: — Ман дар Германия дугона дорам. Ман ӯро ба Ӯзбекистон ба меҳмонӣ даъват карданиам. Аммо намедонам ин даъватро чӣ гуна расмӣ намоям? Ба ман кадом идора ёрӣ дода метавонад?

**Вай барои маслиҳат ба кадом идораи давлатӣ бояд муроҷиат намояд?**

**Донишатонро санҷед!**

1. Вазифаҳои асосии ҳуқуқи маъмуриро номбар кунед.
2. Субъектҳои ҳуқуқи маъмуриро номбар кунед.
3. Ҳуқуқи маъмурӣ дар бобати ба тартиб даровардани муносибатҳои ҷамъиятӣ ба кадом принсипҳо такя мекунад?
4. Ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар ҳалли муаммоҳои иҷтимоӣ чӣ гуна нақш мебозанд?

# § 10. ҲУҚУҚШИКАНИИ МАЪМУРӢ ВА ҶАВОБГАРИИ МАЪМУРӢ

## САНАДҲОИ ҚОНУН ОИД БА ҶАВОБГАРИИ МАЪМУРӢ

Дар фанни ҳуқуқшиносӣ муқаррар будани ҷазо гуфта шудааст. Яъне ҳар гуна ҳуқуқшиканӣ ба ҷавобгарии ҳуқуқӣ оварда мерасонад. Аз ин боис, барои вайрон кардани ҳар кадом соҳаи ҳуқуқ, аз ҷумла, барои риоя нанамудан ба ҳуқуқи маъмурӣ чораҳои ҷавобгарии қонунӣ дар назар дошта шудааст.

Мақсади ҷавобгарии ҳуқуқӣ на фақат огоҳсозӣ ва пеши роҳи ҳуқуқшиканиро гирифтан, балки тарбия намудани инсон, ба он дар бобати дарки хавфи рафтори ғайриқонуниаш кӯмак расонидан аст.





Дар Кодекс оид ба ҷавобгарии маъмурӣ айнан ҷавобгарӣ барои вайрон карда шудани ҳуқуқшикании маъмурӣ дар назар дошта шудааст.

## КОДЕКС ОИД БА ҶАВОБГАРИИ МАЪМУРИИ РЕСПУБЛИКАИ ЎЗБЕКИСТОН

Кодекс оид ба ҷавобгарии маъмурии Республикаи Ўзбекистон 22 сентябри соли 1994 бо Қонуни Республикаи Ўзбекистон тасдиқ карда шудааст. Бар асоси Қарори Шўрои Олии Республикаи Ўзбекистон аз 22 сентябри

соли 1994, аз 1-уми апрели соли 1995 ҷорӣ карда шуд. То ин вақт ба он тағйироти зиёд дохил карда шудааст.

Санадҳои қонунии оид ба ҷавобгарии маъмурӣ муҳофизат кардани ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандонро дар роҳи беҳбудии инсон ва ҷамъият, мулк, тартиботи давлат ва ҷамъият, ҳифзи муҳити атроф, таъмин намудани адолати иҷтимоӣ ва қонуниятро, дар вақташ ва объективона дида баромадани корҳои вобаста бо ҳуқуқшикании маъмурӣ, инчунин, гирифтани пеши роҳи ин ҳуқуқшиканӣ, тарбия намудани шаҳрвандон дар рӯҳи риоя ба Конститутсия ва қонунҳои Республикаи Ўзбекистонро дар назди худ мақсад гузоштаанд.

Барои иҷрои ин вазифа кадом ҳаракат ё беҳаракатиро ҳуқуқшикании маъмурӣ ҳисобидан, нисбат ба шахсе, ки ҳуқуқшикании маъмурӣ содир кардааст, кадом мақомот (орган, шахси мансабдор) чӣ гуна бояд ҷазои маъмуриро истифода кунад, Кодекси мазкур чун дастуруламал хизмат мекунад.



**Маҷбурсозии маъмурӣ** — таъсиррасонии ташкилӣ, ҷисмонӣ ва рӯҳӣ аз тарафи мақомоти иҷроия (шахсони мансабдор), ки ваколати махсусро оид ба амалӣ кардани ҳокимияти маъмурӣ доранд. Таъсиррасонӣ бо мақсади таъмини иҷрои нишондодҳои ҳуқуқӣ ба кор бурда мешавад. Маҷбурсозии маъмурӣ на фақат нисбати шахсони алоҳида, балки нисбат ба ташкилотҳо низ истифода мешавад.

**Ҳаракати норавои маъмурӣ** — таҷовуз ба тартиби давлатӣ ё ҷамъиятӣ, ба ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон, тартиби муқаррарнамудаи маъмурият, рафтори зидди ҳуқуқ, ҳаракат ё беҳаракатии айбнок (қасдан ё аз беэҳтиётӣ) буда, нисбати содир шудани он дар қонун ҷавобгарии маъмурӣ дар назар дошта шудааст.

**Донишатонро санҷед!**

1. Бино ба фикри шумо, қонунгузорон ҳангоми муқаррар намудани ҷавобгарии юридикӣ кадом мақсади асосиро ба назар мегиранд?
2. Моҳияти усулияти муқаррар будани ҷазоро фаҳмонед.
3. Мақсади асосии санадҳои қонунии оид ба ҷавобгарии маъмуриро гӯед.
4. Кадом ҳаракатҳо ҳуқуқшикании маъмурӣ (ҳаракати норавo) гуфта эътироф мешаванд?
5. Ба мафҳумҳои ҳуқуқшикании маъмурӣ ва маҷбурсозии маъмурӣ таъриф диҳед.

# § 11. ҶАЗОИ МАЪМУРӢ ВА НАМУДҲОИ ОН

## АСОСҲОИ ҲУҚУҚИИ МУАЙЯН КАРДАНИ ҶАЗОИ МАЪМУРӢ

Барои содир кардани ҳуқуқшикании маъмурӣ ҷазоҳои маъмурии зеринро истифода бурдан мумкин аст:

1) ҷарима;
2) аслиҳаи содиркунии ҳуқуқшикании маъмурӣ ё бевосита ҳақи ҳамин гуна ашёро пардохта, онро гирифта мондан;
3) мусодира кардани аслиҳаи содиркунии ҳуқуқшикании маъмурӣ ё ҳамин гуна ашё;
4) маҳрум кардани ҳуқуқи махсуси ба шахси муайян додашуда (аз ҳуқуқи идора кардани воситаи нақлиёт, аз ҳуқуқи шикор кардан);
5) ба ҳабси маъмурӣ гирифтан;
6) аз ҳудуди Республикаи Ўзбекистон ба хориҷи кишвар баровардани шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони ғайритабаа ба тарзи маъмурӣ.

Ин чораҳои ҷазои маъмурӣ, ки дар бандҳои 2-6-уми қисми якуми ин модда қайд гардидааст, фақат бо қонунҳои Республикаи Ўзбекистон муқаррар карда мешаванд.

Ба ҳабси маъмурӣ гирифтан ба муддати аз 3 шабонарўз то 15 шабонарўз, дар ҳолатҳои фавқулодда, агар ба тартиботи ҷамъиятӣ таҷовуз шуда бошад, то 30 шабонарўз муқаррар мешавад.



**Ҷазои маъмурӣ** — чораи ба ҷавобгарӣ кашидан барои ҳуқуқшикании маъмурӣ аст. Он ба мақсади дар рўҳи риоя кардан ба қонунҳо тарбия намудани шахси ҳуқуқшикан, инчунин ин қонуншиканӣ аз тарафи он ва дигар шахсон аз нав содир нашудан истифода бурда мешавад.

**Супориши 1-ум.**

**Ба фикри шумо чаро барои ин қоидашиканиҳо ҷавобгарии маъмурӣ истифода мешавад?**

- қоидаҳои истифода аз метрополитен;
- қоидаи истифода аз нақлиёти ҷамъиятӣ;
- қоидаҳои гузаштан аз роҳи оҳан аз тарафи ронандаи воситаи нақлиёт;
- қоидаҳои бехатарӣ аз сӯхтор дар ҷангал;
- қоидаҳои муҳофизат ва истифодаи ёдгориҳои таърихӣ ва маданият;
- вазифаҳои падару модарон дар бобати таълиму тарбияи фарзандон;
- қоидаҳои сир нигоҳ доштани мукотиба;
- қоидаҳои дахолатнопазирии ҷои истиқомати шаҳрвандон.

**Мақсади ҷазои маъмурӣ:**

- тарбия намудани шахсе, ки ҳуқуқшикании маъмуриро содир кардааст, дар рӯҳи риоя ва ҳурмат кардани қонунҳо;
- барои гирифтани пеши роҳи ҳуқуқшикании наве, ки аз тарафи ҳамин шахс ва дигарон ҳам содир нашавад.

## ТАРТИБИ СИТОНИДАНИ ҶАРИМА, АШЁРО ГИРИФТА МОНДАН (МУСОДИРА), АЗ ИМТИЁЗҲО (ҲУҚУҚҲО) МАҲРУМ КАРДАН

Мувофиқи моддаи 332-юми Кодекси Республикаи Ўзбекистон оид ба ҷавобгарии маъмурӣ ҷарима аз тарафи ҳуқуқшикан аз рӯзи ба вай супурдани қарор оид ба ситонидани ҷарима сар шуда, дар понздаҳ рӯз, агар аз рӯи ин қарор шикоят ё протест баён гардад, аз рӯзи расонидани хабар аз хусуси қаноат нашудани шикоят ё протест эътиборан аз понздаҳ рӯз дер накарда бояд супурда шавад.

Ҷарима барои вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ, ки ба воситаи техникаи махсуси автоматиии суратгирӣ ва навори видеоӣ қайд мегардад, аз рӯзи эълони қарор оид ба ҷарима ҳуқуқшикан бояд дар давоми шаст рӯз, агар аз хусуси ин қарор шикоят ё протест расад, аз рӯзи расонидани хабар дар бораи қаноат нагардидани шикоят ё протест на дертар аз сӣ рӯз бояд бисупорад.

Дар ҳолати набудани маоши мустақили шахсони аз шонздаҳсола то ҳаждаҳсола ҷарима аз падару модари онҳо ё шахсони ҷойгузини онҳо ситонида мешавад.

Ҷарима барои содир кардани ҳуқуқшикании маъмурӣ аз тарафи ҳуқуқшикан ба муассисаи дахлдори бонк супурда мешавад, ҷарима дар ҷои ҳуқуқшиканӣ ситонидашаванда аз он мустасно аст.

Қарор дар бораи мусодира кардани аслиҳаи содиркунии ҳуқуқшикании маъмурӣ ё бевосита ҳамин гуна ашё аз ҷониби иҷрокунандаи суди мақомоти Бюрои иҷрои маҷбурии назди Сарпрокуратураи Республикаи Ўзбекистон ба иҷро расонида мешавад.

Ронандагони воситаҳои нақлиёт ва шахсони қоидаҳои шикорро вайронкарда аз рӯзи баровардашудани қарор оид ба маҳрум сохтан аз ҳуқуқҳои махсус сар карда аз ҳуқуқи мазкур маҳрумшуда ба ҳисоб меравад.





## КОРҲОИ ОИД БА ҲУҚУҚШИКАНИИ МАЪМУРИРО:

— судяҳо оид ба корҳои маъмурӣ,

— комиссияҳои маъмурии назди идораҳои худидоракунии шаҳрвандони шаҳракҳо, деҳот ва овулҳое, ки аз маркази ноҳия дур ҷой гирифтаанд;

— комиссияҳои ноҳия (шаҳр) оид ба корҳо бо ноболиғон;

— идораҳои корҳои дохилӣ;

— идораҳои Вазорати мудофиа;

— идораҳои давлатии назорати сӯхтор ва монанди инҳо дида мебароянд.



**Супориши 2-юм.**

**Кирдорҳои дар зер баёншударо дида баромада, кадоме аз инҳо рафтори норавою кадомашон ҷиноӣ аст, муайян кунед:**

1. Наврас ҳангоми наздик омадани поезд болои роҳи он ду то фишанги тормозро гузошт.
2. Ду нафар наврас ба тирезаҳои поезди равона санг партофтанд.
3. Наврас аз устохонаи мактаб чизҳои шахсиро дуздид.
4. Донишомӯзони мактаб ба девори хона ранг пошиданд ва тирезаро шикастанд.
5. Шаҳрванд А. суръати ҳаракатро тезонида, одамро зад ва ба вай ёрӣ нарасонида, ғоиб шуд.



**Донишатонро санҷед!**

1. Ҳуқуқи маъмурӣ чӣ гуна муносибатҳоро ба тартиб медарорад?
2. Бо ин соҳаи ҳуқуқ кадом усулиятҳо ҳамоҳанг аст?
3. Шумо кадом идораҳои марказӣ ва маҳаллии идоракунии давлатро медонед?
4. Моҳияти ҳуқуқшикании маъмуриро фаҳмонед.
5. Рафтори нораво аз ҷиноят чӣ фарқ дорад?
6. Дар Кодекси маъмурӣ кадом намудҳои ҷазо дар назар дошта шудааст?

# ФАСЛИ IV.
# АСОСҲОИ ҲУҚУҚИ ШАҲРВАНДӢ






## § 12. ҲУҚУҚИ ШАҲРВАНДӢ ДАР РЕСПУБЛИКАИ ЎЗБЕКИСТОН

### АСОСИ ҲУҚУҚИ ШАҲРВАНДӢ -- КОНСТИТУТСИЯИ РЕСПУБЛИКАИ ЎЗБЕКИСТОН

Дар Ўзбекистон муносибатҳои ҳуқуқи шаҳрвандонро Қонуни асосии давлат — Конститутсия, инчунин Кодекси шаҳрвандии Республикаи Ўзбекистон, ки 1-уми марти соли 1997 эътибор пайдо кардааст, ба тартиб медароранд.

Мо ҳар рўз ба ҳар гуна муносибатҳои ҳуқуқии мулкӣ дучор меоем, аз дўконҳо харид мекунем, тўҳфаҳо медиҳем, дар наклиёти ҷамъиятӣ мегардем ва ҳоказо. Ҳамаи намудҳои ин гуна муносибатҳои иҷтимоиро шакли пулию молӣ муттаҳид мекунад: мо барои мол ё хизмат ба миқдори муай-

ян пул медиҳем. Ин гуна муносибатҳои иҷтимоӣ бо ҳуқуқи шаҳрвандӣ ба тартиб андохта мешаванд.

Зери мафҳуми «Ҳуқуқи шаҳрвандӣ» соҳае дар назар дошта мешавад, ки муносибатҳои мулкӣ ва ғайримулкии шахсро (ҳимояи шаън ва қадру қимати инсон) меъёрҳои ҳуқуқ ба тартиб меандозад.

Ба сарчашмаҳои ҳуқуқи шаҳрвандии Республикаи Ўзбекистон мансубанд:

- Конститутсия;
- Кодекси шаҳрвандӣ;
- қонунҳои ҷорӣ;
- ҳуҷҷатҳои эътибори қонунро дошта (Фармонҳои Президент, қарорҳои Олий Маҷлис, фармоишҳои Девони Вазирон, санадҳои ҳокимияти маҳаллӣ);
- шартномаҳои байналмилалии Республикаи Ўзбекистон;
- таомули муомилаи корӣ (ҳаракатҳои дар қонунҳо аксёфта);
- одатҳо ва анъанаҳои маҳаллӣ.

## КОДЕКСИ ШАҲРВАНДИИ РЕСПУБЛИКАИ ЎЗБЕКИСТОН

Санадҳои қонунии шаҳрвандӣ ҳолати ҳуқуқии иштирокчиёни муомилаи шаҳрвандӣ, тартиби амалӣ намудани ҳуқуқи мулкӣ ва дигар ҳуқуқҳои ашёвӣ, асосҳои ҳуқуқҳоеро, ки дар натиҷаи фаъолияти интеллектуалӣ (зеҳнӣ) ба вуҷуд омадаанд, муқаррар мекунанд, ўҳдадориҳои шартномавӣ ва ғайра, инчунин дигар муносибатҳои мулкӣ ва вобаста ба он муносибатҳои шахсиро ба тартиб медароранд.

**Аз таърихи ҳуқуқ**

Кодекси шаҳрвандии Республикаи Ўзбекистон бо қонуни Республикаи Ўзбекистон аз 21 декабри соли 1995 ва 29 августи соли 1996 тасдиқ шудааст. Бино ба қарори Олий Маҷлиси Республикаи Ўзбекистон аз 29 августи соли 1996 ҷорӣ карда шуд. Аз 6 фасл, 71 боб ва 1199 модда иборат аст. То ин вақт тағйироти бисёр дохил карда шудааст.

## ИШТИРОКЧИЁНИ МУНОСИБАТҲОИ ШАҲРВАНДӢ

Шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ (юридикӣ), инчунин давлат субъектҳои ҳуқуқи шаҳрвандӣ ба ҳисоб меравакд.

Ду намуди субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқӣ мавҷуд аст:

— якка;

— ҷамоавӣ.

Ба субъектҳои якка (шахсони ҷисмонӣ) :

— шаҳрвандони Республикаи Ўзбекистон;

— шаҳрвандони хориҷӣ дохил мешаванд.

Вақте ки шаҳрвандон (шахсони ҷисмонӣ) мегўем, шаҳрвандони Республикаи Ўзбекистон, шаҳрвандони дигар давлатҳо, инчунин шахсони ғайритабаа фаҳмида мешавад. Шахсони ғайритабаа ва шаҳрвандони хориҷӣ монанди шаҳрвандони Республикаи Ўзбекистон ба муносибатҳои ҳуқуқи шаҳрвандӣ дохил шуда метавонанд.



Шаҳрвандон ҳуқуқҳои зерин доранд:

— дар асоси ҳуқуқи мулк соҳиби молу мулк шудан;

— мерос гирифтани молу мулк ва васият гузоштан;

— дар бонк соҳиби хазина будан;

— ба тадбиркорӣ ва хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) ва дигар намуди фаъолияти қонун манънакарда машғул шудан;

— истифода аз меҳнати кироя;

— ташкили шахси юридикӣ;

— шартномаҳо тартиб додан ва дар ўҳдадориҳо иштирок кардан;

— талаб кардани товони зарар;

— интихоби навъи машғулият ва ҷои истиқомат;

— муаллифи асарҳои илмӣ, адабиёт ва санъат, ихтироъ ва ба натиҷаҳои дигари меҳнати ақлӣ, ки аз тариқи қонун ҳимоя мешаванд, муаллиф шудан.

Шаҳрвандон боз ба дигар ҳуқуқҳои мулкӣ ва ғайримулкии шахсӣ соҳиб шуданашон мумкин.

**Кодекси шаҳрвандии Республикаи Ўзбекистон, моддаи 18-ум**

Ба субъектҳои ҷамоавӣ шахсони юридикӣ дохил мешаванд. Дар Кодекси шаҳрвандии Республикаи Ўзбекистон ду гурўҳи шахсони юридикӣ қайд шудааст:

— ташкилотҳои тиҷоратие, ки гирифтани фоидаро мақсади асосии фаъолияти худ қарор додаанд (ширкатҳои пурра ва коммандит, ҷамъиятҳои масъулияташон маҳдуд ва масъулияташон иловагӣ, ҷамъиятҳои саҳҳомӣ, корхонаҳои унитарӣ ва монанди инҳо);
— ташкилотҳои ғайритиҷоратие, ки гирифтани фоидаро мақсади асосии фаъолияти худ қарор надодаанд (кооперативҳои матлубот, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, фондҳо, мақомоти худидоракунии шаҳрвандон ва дигарҳо);

Давлат ҳамчуни субъекти ҳуқуқи шаҳрвандӣ муносибатҳояшро бо дигар иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқӣ бар асосҳои ягона ба роҳ мемонад. Мувофиқи қоидаҳои умумӣ давлат ва шахсони юридикӣ ташкилшуда аз рўи ўҳдадориҳои якдигар ҷавобгар намешаванд.







**Қонун муқаррар кардааст:**

Ташкилоте, ки ба мулки худ, зимни ба роҳ мондани фаъолияти хоҷагӣ ё дар бобати идоракунии оперативӣ ба молу мулки алоҳида соҳиббуда ва аз рўи маҷбурият бо ин молу мулк ҷавоб медодагӣ, аз номи худ ба ҳуқуқҳои мулкӣ ва шахсии ғайримулкӣ соҳиб шуда метавонистагӣ ва онҳоро амалӣ мекардагӣ, ба иҷрои ўҳдадориҳо қодирбуда, дар суд даъвогар ва ҷавобгар шуда метавонистагӣ шахси юридикӣ ба ҳисоб меравад.

Шахсони юридикӣ бояд ба баланси мустақил ё смета соҳиб бошанд.

**Кодекси шаҳрвандии Республикаи Ўзбекистон, моддаи 39-ум.**

# ЛАЁҚАТИ ҲУҚУҚӢ ВА ЛАЁҚАТИ МУОМИЛА

Барои субъекти муносибатҳои ҳуқуқӣ шудан шахс бояд лаёқати ҳуқуқӣ ё лаёқати муомила дошта бошад.

**Лаёқати ҳуқуқӣ** — лаёқати соҳибӣ намудани ҳуқуқу ӯҳдадориҳои шаҳрвандон аст. Лаёқати ҳуқуқии шаҳрванд аз вақти ба дунё омадан ба вуҷуд меояд ва дар давоми тамоми зиндагиаш нигоҳ дошта мешавад.

**Лаёқати муомила** — лаёқати иҷро карда тавонистани ҳуқуқу ӯҳдадориҳо аз тарафи шахс бо ҳаракатҳояш. Ин лаёқат ба маҳдудсозии рӯҳӣ ва синну сол вобаста аст.

**Лаёқати муомила чунин мешавад:**

— пурраҳаҷм (аз синни 18 сар карда);

— ба воя нарасидагон (аз синни 14 то синни 18-сола);

— ба воя нарасидагони хурдсол (аз синни 7 то синни 14).

Ба Кодекси шаҳрвандӣ мафҳуми «эмансипатсияи ноболиғон (ба воя нарасидагон) дохил карда шуд. Тарҷумаи «эмансипатсия» аз лотинӣ маънои «халос шудан аз мутеъгӣ», «баробаршавии ҳуқуқ»-ро дорад. Шахсони ноболиғ дар ҳолатҳои зерин ба имконияти пурраи юридикӣ соҳиб ҳастанд:

— баъди ба синни 16 расидан;

— ҳангоми бастани шартномаи меҳнатӣ бо ноболиғон ё ба роҳ мондани фаъолияти тадбиркорӣ розигии ҳам падар, ҳам модарро гирифтан.

Шахси 14-сола нашуда (ноболиғ—бачагони хурдсол) ба иҷрои корҳои хурд (масалан, харидани нон аз дӯкон, инчунин истифодаи пули аз падару модар ё шахси сеюм гирифта) ҳақ дорад. Ғайр аз ин, бачагони хурдсол бидуни иваз (бебадал) баъзе созишномаҳои манфиатоварандаро (тӯҳфа додан ба рӯзи таваллуд) иҷро карданашон мумкин. Барои иҷрои созишномае, ки бачаҳои хурдсол амалӣ мекунанд, волидайн ҷавобгар ҳастанд.

Ноболиғони аз 14-сола то 18-сола фақат ба розигии хаттии волидайн созишнома баста метавонанд. Онҳо ба таври мустақил аз музди кор, стипендия, пули амонаткасса, аз ҳуқуқи муаллифӣ истифода бурда метавонанд.

Лаёқати муомилаи шаҳрвандон на фақат ба синну сол ( бачаҳои то шашсола лаёқати муомила надоранд), балки ба ҳолати саломатии рӯҳӣ низ вобаста аст. Агар шаҳрванд аҳамияти ҳаракати худро нафаҳмад ё онро идора карда натавонад, руҳан касал (ақлан заиф) бошад, барои дар муомила белаёқат аст гуфтан асос мешавад, инчунин шаҳрванд ҳаракати хуро фаҳмаду аммо онро идора карда натавонад, низ дар муомила белаёқат дониста мешавад.

Шаҳрванд фақат аз тариқи суд ба муомила белаёқат дониста мешавад, ин боиси кафолат ва муҳофизати ҳуқуқҳои он мегардад. Агар шаҳрванд ба муомила белаёқат дониста шавад, барои ӯ васигӣ таъин мешавад. Васӣ вакили қонунии шахси ба муомила белаёқат шуда, ҳуқуқҳои ӯро ҳимоя мекунад ва аз номи вай шартномаҳо ва дигар ҳаракатҳои дорои аҳамияти юридикиро ба амал мебарорад. Агар асосҳо барои ба муомила белаёқат донистани шаҳрванд бекор гардад, суд шаҳрванди сиҳатшударо ба муомила болаёқат дониста, нисбати вай васигиро бо қарори ҳалкунанда бекор мекунад.



**Супориш.**

1. Ш.-и 13-сола асари мусиқӣ офарид. Оё вай муаллиф ба ҳисоб меравад?. Манфиатҳои қонунии ӯро кӣ тақдим ва ҳимоя карда метавонад?
2. А.-и 16-сола бо розигии хаттии волидайн як моҳ тарҷумон шуда кор кард. Аз музди кораш велосипед харид. Оё вай ба ин ҳаракат ҳақ дорад? Бо аризаи волидайн ин созишномаро оё бекор кардан мумкин аст?

**Масъалаи авваларо бо шарти иловагӣ ҳал кунед:А. велосипедашро бо магнитофони ҳамсоя иваз карданист. Дар ин ҳолат розигии падару модар шарт аст ё не?**



**Донишатонро санҷед!**

1. Сарчашмаҳои ҳуқуқии шаҳрвандии Республикаи Ӯзбекистонро номбар кунед.
2. Байни лаёқати ҳуқуқӣ ва лаёқати муомилаи шаҳрвандон чӣ гуна фарқ ҳаст?
3. Байни шахсони юридикӣ (ҳуқуқӣ) ва ҷисмонӣ чӣ фарқ ҳаст?
4. Оё шахсони юридикӣ бо шахсони ҷисмонӣ ба муносибатҳои ҳуқуқӣ даромада метавонанд?
5. Оё давлат шахси юридикӣ ҳисоб мешавад? Ҷавобатонро асоснок кунед.
6. Ба зиммаи давлат кадом вазифаҳо гузошта шудааст?
7. Давлат оё бо шахси ҷисмонӣ ё ҳуқуқӣ далолатномаи хариду фурӯш тартиб дода метавонад?

# § 13. ТАЛАБҲО НИСБАТИ СОЗИШНОМАҲО ВА НАМОЯНДАГӢ

## ТАЛАБҲО НИСБАТИ СОЗИШНОМАҲО, НАМУД ВА ШАКЛҲОИ ОНҲО

Ҳаракатҳое, ки аз тарафи шахсон ба амал баровварда мешаванд ва бо ҳуқуқи шаҳрвандӣ муқаррар мегардад, созишнома номида мешавад. Мувофиқи Кодекси шаҳрвандии Республикаи Ўзбекистон нисбат ба созишномаҳо талабҳои зерин гузошта мешавад:

1. **Қонунӣ будан.** Ҳаракатҳои зидди қонун манъ аст ва ҷазо дода мешавад. Масалан, савдои маводи мухаддир (наркотик) ва яроқу аслиҳа қонунӣ гуфта намешавад.
2. **Лаёқати кофии ҳуқуқии тарафҳо.** Ба хотир оред, ба шахси 18 солро пур накарда барои ба пуррагӣ амалӣ намудани ҳуқуқҳояш ва соҳиби вазифаҳои ҳуқуқӣ шудан рухсат дода намешавад. Яъне,





созишномаҳо аксаран байни шахсони қобили лаёқаташон пурра ба имзо расонида мешавад.
3. **Ихтиёрӣ будан.** Қоидаи ихтиёрӣ созишномаҳои бар асоси тарсондан, хато кардан, фиреб додан ва зўрӣ таҳияшударо манъ мекунад.
4. **Риоя ба шакл.** Созишномаҳои қонунӣ чунин шаклҳоро муқаррар мекунанд: даҳонӣ, хаттии оддӣ, тасдиқи нотариалӣ. Созишномаҳо дар ҳолатҳои қонун пешбиникарда ё бо талаби яке аз тарафҳо нотариалӣ тасдиқ карда мешаванд. Созишномаҳо бо иштироки мулки ғайриманқул ҳатман аз тарафи давлат ба рўйихат гирифта мешаванд.

Созишномаҳо яктарафа (дар ин ҳолатҳо хоҳиши як тараф заруру халос — мулкро ба мерос гузоштан, ҳадя кардан), дутарафа ё бисёртарафа (шартномаҳо) мешаванд.



Созишномаҳо гуфта ҳаракатҳоеро мегӯянд, ки ба муқаррар намудани ҳуқуқу вазифаҳои шаҳрвандии шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ, дигар кардан ё бекор кардани онҳо нигаронида шудаанд.

**Кодекси шаҳрвандии Республикаи Ӯзбекистон, моддаи 101-ум**





## ҲАҚИҚӢ НАБУДАНИ СОЗИШНОМАҲО

Созишномаи ғайриҳақиқӣ ба ҳеҷ гуна оқибатҳои ҳуқуқӣ (юридикӣ) намеоварад ва он аз ҳини имзо кардан ҳақиқӣ нест. Агар созишнома ҳақиқӣ набошад, ҳар кадом тараф ба дигараш ҳар чизеро, ки мувофиқи созишнома гирифтааст, бояд баргашта диҳад, агар чизи гирифташударо бо намуди аслаш дода натавонад, дар қонун дигар оқибатҳои ғайриҳақиқӣ будани созишнома пешбинӣ нашуда бошад, арзиши он ба маблағи пул бояд пардохта шавад.

**Дар ҳолатҳои зерин созишнома «ҳақиқӣ нест» гуфта эътироф мешавад:**

— риоя накардан ба шакле, ки қонун талаб кардааст;
— мувофиқ набудан ба талабҳои санадҳои қонунӣ;
— агар аз тарафи шахси ба синни 14 нарасида имзо шуда бошад;
— агар аз тарафи шахси ба синни аз чордаҳ то ҳаждаҳ расида берозигии волидайн, шахси фарзандхонда ё ҳомии он имзо шуда бошад;
— агар аз тарафи шаҳрванде, ки ба туфайли касалии рӯҳӣ шахси ба муомила белаёқат дониста шудааст, имзо шуда бошад;

- агар бе розигии ҳомии шаҳрванди лаёқати муомилааш маҳдуд баста шуда бошад;
- аз тарафи шаҳрванде, ки аҳамияти ҳаракати худро намефаҳмад ё онро идора карда наметавонад;
- зери таъсири хато кардан имзо шудааст;
- агар зери таъсири фиреб, зӯрӣ, тарсонидан, бо нияти бади як тараф нисбати дигар тараф ба муросо омада, ё зери таъсири ҳолатҳои вазнинро барангезанда имзошуда, тарафи дигар бошад, аз ин фоида дида бошад (созишномаи асоратнок);
- созишномаи қалбакӣ ва барои чашмбандӣ, дар ҳолати нияти пайдошавии оқибатҳои юридикӣ набуда, ба номаш имзошуда (созишномаи сохта);
- созишномае, ки шахси юридикӣ аз лаёқати ҳуқуқиаш баромада, яъне созишномае, ки ба мақсадҳои оинномавии (уставии) шахси юридикӣ зид аст ё барои бо ин фаъолият машғул шудан литсензия надошта бошад.

## ШАКЛИ СОЗИШНОМА БА ВОСИТАИ НАМОЯНДАГӢ

Дар Кодекси шаҳрвандии Республикаи Ўзбекистон (моддаи 129-ум) шакли созишномаи ба худ хос–созишномаи намояндагӣ (вакилӣ) мавҷуд аст, мувофиқи он дар асоси эътимоднома, санади мақомоти давлат ё бар асоси қарори суд, ки ваколат медиҳад, аз тарафи як шахс (намоянда, вакил) ба дигар шахс (ваколатдиҳанда) созишнома имзо мешавад.

Вобаста ба хусусияти худ созишномаи фақат шахсан имзо карданаш мумкин бошад, барои ба воситаи намоянда ба имзои он роҳ дода намешавад. Аз номи шаҳрвандони ба муомила белаёқат созишномаро волидайни онҳо, ба фарзандӣ мегирифтагон ва васиҳояшон имзо мекунанд.

Созишнома инчунин аз рӯи эътимоднома ҳам имзо шуданаш мумкин. Аз тарафи як шахс (боварӣ изҳор карда) ба шахси дуюм (шахси ваколатдор) дар назди шахсони сеюм ваколатномаи хаттӣ барои намояндагӣ эътимоднома ба ҳисоб меравад.

Эътимоднома дар шакли хатти оддӣ ё дар шакли нотариалӣ расмӣ кунонида мешавад. Эътимоднома ба муддати то се сол дода мешавад. Агар дар эътимоднома муддаташ қайд нашуда бошад, он аз рӯзи дода шудан дар байни як сол эътибор дорад. Эътимодномае, ки рӯзи доданаш қайд нашудааст, ҳақиқӣ нест.

**Супориш.**

Масъалаҳои зеринро ҳал кунед:

**Вазъияти 1-ум.**

А. ва М. гарав бозиданд. Агар ҷамоаи «Пахтакор» бозиро бурад, А. мототсиклашро ба М. медиҳад, бой диҳад, М. ноутбукашро ба А. медиҳад. А. гараврo бохт. Аммо ҳангоми бозидани гарав оқибати рафтори худро фикр накарданашро сабаб нишон дода, аз додани мототсикл сар кашид.

**Оё ин созишнома аз ҷиҳати ҳуқуқӣ дуруст аст? Агар не, сабабашро нишон диҳед.**

**Вазъияти 2-юм.**

М. 15-сола аст. Ӯ расм кашиданро дӯст дорад ва расмҳои зебо мекашад. Сайёҳони хориҷӣ яке аз суратҳои ӯро харидани шуданд ва ба вай муроҷиат карданд.

**Падару модари М. чӣ бояд кунанд?**

**Вазъияти 3-юм.**

Шумо ба дӯстатон 5 ҳазор сӯмро бар муддати 10 рӯз қарз додед. Лекин ӯ пулро баргардонданӣ нест.

**Аз рӯи қонун чӣ бояд кард?**

**Донишатонро санҷед!**

1. Чӣ гуна ҳаракати шаҳрвандон ва шахсони хуқуқӣ созишнома номида мешавад?
2. Дар кадом ҳолатҳо созишнома ҳақиқӣ нест гуфта мешавад?
3. Ноболиғон кадом созишномаҳоро имзо карданашон мумкин, номбар кунед.
4. Талабҳоро ҳангоми тартиб додани созишнома номбар кунед.
5. Агар созишнома ҳақиқӣ набошад, тарафҳо чӣ кор бояд кунанд?

# § 14. ҲУҚУҚИ МУЛК ВА ДИГАР ҲУҚУҚҲОИ АШЁВӢ

## АСОСҲОИ КОНСТИТУТСИЯВИИ ҲУҚУҚИ МУЛК

Чизҳои атроф — предметҳои ягон шахс соҳибашбуда ё истифодашаванда, чизҳо, объектҳо ҳама мулк ҳастанд. Дар Конститутсияи Республикаи Ўзбекистон (моддаи 36-ум) қайд шудааст, ки ҳар як инсон ҳуқуқи мулк доштанро дорад.

**Ҳуқуқи мулк** аз маҷмўи меъёрҳои ҳуқуқист, ки мансубияти сарвати маълуми моддӣ ба шахсони ҷисмонӣ ё ҳуқуқӣ, давлатро мустаҳкам ва ҳимоя мекунад.

**Супориши 1-ум.**

Зери мафҳуми «молу мулк» чиро мефаҳмед?

**«Истифода»** аз мулк, «аз он хосиятҳои муфид гирифтан» (самара, даромад гирифтан) аст.

**«Соҳибӣ кардан»** ба молу мулк бошад: ҳуқуқи онро фурўхтан, иваз ё ҳадя кардан, дигар намудан, яъне хусусияташро беҳтар ё бад кардан, нобуд намудани молу мулк аст.

**Супориши 2-юм.**

1. Мушаки компутерро аз дўстатон гирифтед. Акнун шумо худро соҳиби ин ҷиҳоз меҳисобед?
2. Шумо барои офис ба муддати муайян шартнома имзо кардед, дар амал он ҷо бо оила зиндагӣ кардед. Шумо ба ин ҳақ доред?
3. Шумо бо фирма оид ба иҷора гирифтани комбайнҳои пахтачин шартнома бастед. Бо мурури вақт барои фурўхтани онҳо қарор кардед. Шумо ҳақ ҳастед?

# ШАКЛҲОИ МУЛКИ РЕСПУБЛИКАИ ЎЗБЕКИСТОН. СУБЪЕКТ ВА ОБЪЕКТҲОИ ҲУҚУҚИ МУЛК

Мувофиқи Қонуни Республикаи Ўзбекистон «Дар бораи мулк» дар кишварамон ҳуқуқи мулк дахлнопазир аст. Ҳар кас метавонад ба мулк соҳибӣ кунад. Барои пурсамар кор кардани иқтисодиёти Республикаи Ўзбекистон ва фароҳам овардани шароити мусоиди некаҳволии халқ ба тамоми шаклҳои мулк рухсат дода шудааст. Қонун ба дахлнопазирии ҳамаи шаклҳои мулк ва офаридани шароити якхела барои ривоҷи онҳо кафолат медиҳад.




Ҳуқуқи мулк аз ҳуқуки бо хоҳиши худ ва бо назардошти манфиати худ истифода бурдани молу мулк аз тарафи мулкдор, онро тасарруф намудан, дар сурати вайрон шудани ҳуқуқаш талаби ҳимоя намудан иборат аст. Ҳуқуқи мулк муддат надорад.

Республикаи Ўзбекистон барои нигоҳдории молу мулки мансуб ба мулкдорон ва зиёдшавии онҳо ҳамаи шароитро фароҳам меорад.

Дар Республикаи Ўзбекистон шаклҳои мулки хусусӣ ва мулки ҷамоавӣ ҳаст. Субъектҳои мулки хусусӣ шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқии ғайридавлатӣ буда метавонанд, субъекти мулки ҷамоавӣ давлат ба ҳисоб меравад.

Асосҳои ба вуҷуд омадани ҳуқуқи мулк чунинанд:

— фаъолияти меҳнатӣ;
— тадбиркорӣ дар соҳаи истифодаи молу мулк ва дигар фаъолияти хоҷагӣ;
— аз ҷумла офаридани молу мулк, зиёд кардан, дар асоси созишномаҳо ба даст даровардан;
— хусусӣ намудани молу мулки давлатӣ;

— мерос карда гирифтан;
— ба вуҷуд овардани муддати соҳибӣ кардан;
— дигар асосҳои хилофи қонун набуда.



Ҳуқуқи мулк иҷрои ӯҳдадориҳо аз тарафи мулкдор ба таври ихтиёрӣ, қабули қарори якҷониба ҳалкунанда оид ба тақдири молу мулки мулкдор, дар асоси қарори суд бо роҳи гирифта мондан (харида гирифтан), инчунин бар асоси санадҳои қонун оид ба бекоркунии ҳуқуқи мулк бекор карда мешавад.

**Кодекси шаҳрвандии Республикаи Ӯзбекистон, моддаи 197-ум.**



Дар натиҷаи нобуд кардани молу мулк дар бобати бекоркунии ҳуқуқи мулк ба ҳолатҳои ба қонунҳо зид набуда роҳ дода мешавад.

Аз тарафи мулкдор ба нобуд кардани молу мулке, ки сарвати таърихӣ ва маданӣ аст, роҳ дода намешавад. Дар ҳолатҳои алоҳида бо қарори суд ин молу мулк мусодира ё агар нобуд карда шуда бошад, қимати он ситонида гирифта шуданаш мумкин.

Дар натиҷаи аз балански шахси ҳуқуқӣ баровардани молу мулк бекоркунии ҳуқуқи мулк тибқи тартиб ва шартҳои дар санадҳои қонун ва таъсисӣ зикршуда ба амал баровада мешавад.

**Кодекси шаҳрвандии Республикаи Ӯзбекистон, моддаи 198-ум.**



**Донишатонро санҷед!**

1. Соҳиби мулк чӣ гуна ҳуқуқҳо дорад?
2. Фарқи байни мафҳуми «истифода бурдан» ва «соҳибӣ кардан» чист?
3. Дар Ӯзбекистон кадом шаклҳои мулк мавҷуд аст?
4. Субъектҳои ҳуқуқи соҳибӣ кардани мулки хусусӣ ва ҷамоавӣ кӣ ба ҳисоб меравад?
5. Шартҳои ба вуҷуд омадани ҳуқуқи соҳибӣ намудани молу мулкро номбар кунед.

# § 15. ШАРТҲОИ ШАРТНОМАҲОИ ШАҲРВАНДИЮ ҲУҚУҚӢ

## ШАРТҲОИ АСОСИИ ТАРТИБ ДОДАНИ ШАРТНОМАҲОИ ШАҲРВАНДИЮ ҲУҚУҚӢ

Шартномаҳои шаҳрвандию ҳуқуқӣ дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёт, аз ҷумла, дар муносибатҳои байнидавлатӣ васеъ истифода мешавад. Масалан, шартномаҳо барои ба тартиб даровардани муносибатҳои ҳуқуқии шаҳрвандон асос шуда хизмат мекунанд. Шахсони ҷисмонӣ ва ҳуқуқӣ иштирокчиёни онҳо мешаванд.

Шартнома шакли самарабахши ба роҳ мондани ҳар гуна муносибатҳои байни иштирокчиён аст. Он ба ҳисоб гирифтани хусусиятҳои муносибатҳои тарафайн, имконияти манфиат ёфтани ҳар кадом тарафро ташкил мекунад, инчунин ба иштирокчиён кафолатҳои юридикӣ медиҳад.



**Аҳднома** дар бораи ба вуҷуд овардани ҳуқуқу вазифаҳои шаҳрвандии ду ё якчанд шахс, дигар намудан ё бекор кардани он **шартнома** номида мешавад.

**Кодекси шаҳрвандии Республикаи Ўзбекистон, моддаи 353-юм.**









**Аломатҳои асосии шартномаҳои шаҳрвандию ҳуқуқӣ:**

- шартнома ихтиёран тартиб дода мешавад;
- тарафҳои шартнома ду ё аз он бештар шахс буда метавонанд;
- дар шартнома бавуҷудоии ҳуқуқу вазифаҳои тарафҳо нисбати якдигар, тағйирёбӣ ва бекор шудани он қайд мешавад;
- баъд аз мувофиқат оид ба шартҳои пешниҳодшудаи тарафҳо шартнома ҳукми басташударо мегирад.

Тарафҳо барои имзои шартнома пешниҳодҳоро оид ба шартҳои асосӣ дохил мекунанд. Одатан оферта (лотинӣ-ofertus-таклифшуда) ба шахси муайян нигаронида мешавад. Офертае, ки ба доираи шахси ноаниқ нигаронида шудааст, оммавӣ номида мешавад. Масалан, эълон дар бораи фурӯши автомобил, хона, мебел ва ҳоказо дар рӯзнома.

Дар ҳуқуқи шаҳрвандӣ пешниҳод ва розигии контрагент оид ба шартнома дар шаклҳои хат ё телеграмма, тайпограмма, факс, SMS ва монанди инҳо ифода карда мешавад. Баъдтар тарафҳо шартҳои шартномаро муфассал муайян мекунанд.

## ҚОИДАҲОИ АСОСИИ БАСТАНИ ШАРТНОМА

Агар тарафҳо оид ба шартҳои муҳими шартнома тибқи талабот ба мувофиқат омада бошанд, шартнома ба имзо расида ҳисоб мешавад.

Шартнома баъди аз як тарафи шартнома фиристодани оферта (пешниҳод оид ба бастани шартнома) ва аксепт намудани тарафи дуюм (пешниҳодро қабул кардан) ба имзо расонида мешавад.

Ба шартнома дохил кардани шартҳои муҳим аҳамияти аввалиндараҷа дорад. Мувофиқи объекти шартнома (чиз) шартномаҳо фарқ мекунанд. Масалан, шартномаи хариду фурӯш, шартномаи мубодилаи мол, иҷораи мулк, шартномаи пудратӣ ва ҳоказо.

Шартнома дар асоси розигии тарафайн баста мешавад, барои ин тарафҳо, ё як тараф зарурати розигиро оиди масъала талаб намояд, ин ҳам яке аз шартҳои муҳим ба ҳисоб меравад. Дар ин асно шакли пешниҳоди тараф даҳонӣ ва хаттӣ шуда метавонад.

Шахсе, ки оферта фиристодааст, аз вақти аксепти онро гирифтан шартнома имзошуда ба ҳисоб меравад.

Агар мувофиқи қонун барои бастани шартнома супурдани молу мулк ҳам зарур бошад, шартнома аз вақти супурдани молу мулк бастагӣ ба ҳисоб меравад.

Муддати иҷрои шартномаро худи тарафҳо муқаррар мекунанд ва дар худи шартнома қайд менамоянд. Агар муддати иҷрои шартнома вайрон шавад, дар шартнома аз ин хусус, яъне аз чораҳои ҷазо низ зикр мешавад. Агар шартнома хилофи қонунҳои мамлакат тартиб дода шавад ё дар дигар ҳолатҳо онро ғайриҳаққонӣ донистан мумкин.



**Супориши 1-ум.**

Созишнома оид ба хариду фурӯши мулк, мерос гузоштани мулк, харидани лотерея, иштирок дар рекламаҳо ва аукционҳои телевизион, радио оё шартнома ҳисоб мешавад?

**Супориши 2-юм.**

Фикр карда, ҷавоб диҳед, кафолатнок иҷро гардидани шартномаҳои шаҳрвандию ҳуқуқӣ дар кишвар ба кадом шартҳо вобаста аст?



**Вазъияти 1-ум.**

Н. аз дӯкон соати тилло харид. Баъд аз чанд моҳ Р. ба назди ӯ омада «Соати мазкурро аз ӯ 3 моҳ пеш дуздида буданд» гуфт ва баргардонида доданашро талаб кард. Барои исботаш паспорти соат ва чекро нишон дод. Н. аз Р. забонхат гирифта, соатро баргардонда дод. Лекин баъди як моҳ Р. шунид, ки дузди соат дастгир шудааст.

**Нодурустфаҳмӣ муайян шуд. Н. дар чунин вазъият чӣ бояд кунад?**

**Вазъияти 2-юм.**

Хона мулки шаҳрванд Н., ки модари фарзандони 18 ва 20-сола асту фарзандонаш дар дигар шаҳр таҳсил мекунанд. Ҳангоми фурӯхтани хона ба шаҳрванд М. шаҳрванд Н. барои ҳаракати худ розигии писаронашро нагирифт.

**Ҳаракатҳои ӯ аз нигоҳи ҳуқуқӣ оё дуруст аст?**

## ШАРТНОМАҲОИ ҲАДЯ ВА ХАЙРУ ЭҲСОН

Маълум аст, ки ҳар яки мо дар Соли нав, рӯзи таваллуд ё ба муносибати мукофоти пулӣ гирифтани падару модар ҳадя (тӯҳфа) гирифтаем. Гирифтани ҳадя ба ҳама хуш меояд. Лекин оё гирифтани ҳадя низ ба ҳуқуқи шаҳрвандӣ медарояд? Албатта! Зеро ҳуқуқи соҳибӣ кардан ба ҳадя аз ҳадядиҳанда ва ҳадягиранда мегузарад.

Аз ин боис предмети шартномаи ҳадя ҳамеша аниқ муқаррар аст, гуфтан мумкин. Дар ин ҳолат меъёрҳо оиди созишномаҳо бо иштироки мулки манқул ва ғайриманқул ба шартномаи ҳадя пурра дахлдор мешавад.

Шартномаи хайру эҳсон ба шартномаи ҳадя наздик аст. Фарқи байни онҳо чунин аст:

- хайру эҳсон ба шифохонаҳо, муассисаҳои тарбия, фондҳо, музейҳо ва монанди инҳо бо мақсади истифодаи умумӣ ба амал баровварда мешавад;
- хайру эҳсонро бекор кардан мумкин нест;
- меъёрҳо оид ба мерос нисбат ба хайру эҳсон истифода намешавад.



**Хайру эҳсон** — ҳаракатест, ки бепул (бебадал) ихтиёран аз тарафи шахсон ва ташкилотҳои муайян амалӣ мегардад.

## ШАРТНОМАИ МУБОДИЛА (ИВАЗ КАРДАН)

Чандин аср муқаддам шартномаи мубодила (муовиза) ҳолати оддӣ буд. Ҳоло низ шартномаи мубодила ҳаст. Аммо бино ба сабабҳои муайян моҳияти он дигар шудааст: авалан, қиммати моли ивазшаванда бо пул чен карда мешавад: дуюм, дар шартномаи мубодила меъёрҳои хариду фурӯш пурра истифода мегардад.

Агар дар шартномаи мубодила дигар шартҳо нишон дода нашуда бошад, моли ивазшаванда (мубодилашаванда) баробарнарх гуфа тахмин мекунанд. Баръакси ҳол фарқи нархи мол бо пул пардохта мешавад.

Бино ба шартномаи мубодила, байни тарафайн як молу мулк ба дигараш иваз карда мешавад.

Иваз кардани соат, марка, яъне иваз кардани ҳамаи чизҳои иштирокчиён соҳибшаванда ба шартномаи муовиза (ивазкунӣ) мисол шуда метавонад. Баъд аз эътибор пайдо кардани шартномаи мубодила ҳар як тараф нисбат ба мулки дода истодааш ҳуқуқи соҳибиро гум мекунад ва мулкро гирифта ба ин ҳуқуқ соҳиб мешавад.

**Супориши 3-юм.**

Дар кадом ҳолатҳо шартномаи мубодила мувофиқи қонун ба амал бароварда шудааст, дар кадом ҳолатҳо қонунҳои шаҳрвандӣ вайрон гардидааст, нишон диҳед.

**Вазъияти 1-ум.**

Мувофиқи шартномаи мубодила С. (12 сола) ба И. (16 сола) 5-то диски мултфилм дод. Дар навбати худ И. ба С. ваъда дод, ки баъд аз як ҳафта ба ӯ 5-то диски видеоклипҳоро медиҳад. Лекин баъд аз як моҳ 5-то не, 4-то диск дод.

**Вазъияти 2-юм.**

Бино ба шартномаи мубодила шаҳрванд Х. квартираи 3-хонагиашро ба квартираи 4-хонагӣ иваз кард. Баъди иваз кардан аён шуд, ки квартираи 4-хонагӣ қобили истифода нест.

**Вазъияти 3-юм.**

Бино ба шартномаи мубодила И.-и 9-сола ва Д.-и 7-сола гӯшвораи тиллоиро иваз карданд.

**Вазъияти 4-ум.**

Бино ба шартномаи мубодила фирмаи хусусии «Тӯрон» автомобили «Матиз»-ро ба автомобили «Дамас»-и мансуб ба корхонаи муштарак иваз кард. Шартномаи мубодила (муовиза) хаттӣ расмӣ карда шуд.

**ШАРТНОМАИ НАМУНАВИИ**
**хизматрасониҳо ( иҷрои корҳо)**

№____ с. 20____ «____________________________"

(ҷои тартибдиҳии шартнома)

бар асоси ______________________________________________

(оинномаи хоҷагии фермерӣ)

Корбаранда, баъдтар «хоҷагӣ» гуфта мешавад ____________________

Номи хоҷагии фермерӣ ____________________________________

Ф. Н. Н.

Аз як тараф, ва бар асоси ________________________________

(устав, қарор, эътимоднома)

корбаранда, баъдтар «Иҷрокунанда» гуфта мешавад ______________

______________________________________________________

(номи корхона, ташкилот)

Аз номаш кор баранда ____________________________________

Лавозимаш, Ф.Н.Н.

Аз тарафи дигар ин шартномаро аз ин хусус бастаанд:

## I. МАВЗӮИ ШАРТНОМА

1.1. Бино ба ин шартнома «Иҷрокунанда» ба «Хоҷагӣ» хизматҳо (баъд аз ин «Хизматҳо» гуфта мешавад) расонида медиҳад, «Хоҷагӣ» ин «Хизматҳо»-ро қабул кардан ва пардохти пулашро бар зимма мегирад. Намудҳои аниқи «Хизматҳо», адади онҳо, сифат ва нархаш, инчунин муддати хизматрасонӣ дар иловаи ин шартнома, ки қисми таркибӣ аст, оварда мешавад.

## II.ҲУҚУҚУ ӮҲДАДОРИҲОИ ТАРАФҲО

2.1.Ҳуқуқҳои «Хоҷагӣ»:

- барои иҷрои шартнома аз «Иҷрокунанда» талаб кардани таъмини зарурии стандартҳои ҷории давлатӣ ва дигар санадҳои меъёрӣ;
- аз «Иҷрокунанда» талаб намудани пардохти хароҷоти нақлиёти истифодашудаи нақлиёти «Хоҷагӣ»;
- аз «Иҷрокунанда» талаб намудани иҷрои босифати хизматҳо, ки дар супоришнома қайд шудааст;
- агар хизматҳои сифаташ зарурӣ нишон дода шуда бошад, .....

— иваз кардани «Хизматҳо»-и сифаташ ба дигар ҳамин гуна хизмате, ки корро сифатнок адо мекунад;
— бепул бартараф кардани камбудиҳои «Хизматҳо» ё пардохти хароҷоти бартарафсозии камбудиҳои «Хоҷагӣ» ё худ аз тарафи шахси сеюм ислоҳсозии он;
— талаб намудани камкунии нарх ба таври мутаносиб;
— аз «Иҷрокунанда» талаб намудани зарари расида дар натиҷаи иҷро нашудани шартҳои шартнома ё ба дараҷаи зарурӣ анҷом нашудани хизмат.

2.2. Ӯҳдадориҳои «Хоҷагӣ»:
— аз рӯи супоришнома қабул кардани «Хизматҳо» мувофиқи ин шартнома;
— дар давоми.... рӯз супурдани музд барои «Хизматҳо» аз вақти имзо шудани далолатномаи қабулу супурдан мувофиқи нархи дар банди 3.1-и ин шартнома нишондодашуда;

2.3. «Иҷрокунанда» барои ин корҳо маҷбур аст:
— Мувофиқи ин шартнома ба «Хоҷагӣ» хизматҳоро тибқи тартиби пешбинишуда дар банди 4.8-уми ин шартнома аз рӯи супоришнома дар муддаташ, бо сифат ва миқдор расонидан;
— агар дар ҷараёни расонидани «Хизматҳо» «Иҷрокунанда» аз шартҳои шартнома ва нормативҳои он берун баромада бошад, бо талаби «Хоҷагӣ» камбудиҳои муайяншударо дар муддати ....... бепул рӯз ислоҳ кардан.

## III. НАРХ ВА ҲИСОБУ КИТОБИ ШАРТНОМА

3.1. Нархи ин шартнома_____________________________________________
(сумма бо рақамҳо ва ҳарфҳо навишта мешаванд)
сӯмро ташкил мекунад.

## IV. ИҶРОИ ШАРТНОМА

4.1. Шартнома мувофиқи талаб ва шартҳои ин шартнома ва санадҳои қонунӣ бояд иҷро гардад.

4.2. Ба рад кардани иҷрои якҷонибаи шартнома ё якҷониба тағйир додани шартҳои он роҳ дода намешавад, ҳолатҳои дар қонунҳо пешбинишуда аз ин мустасно.

## V. ҶАВОБГАРИИ ТАРАФҲО

5.1. Дар ҳолатое, ки аз тарафи «Иҷрокунанда» сифати «Хизматҳо», миқдор аниқ карда шавад, нархи он нодуруст муқаррар ва пардохт гардад, «Иҷрокунанда» сифат, инчунин миқдори «Хизматҳо»-ро ба ҳисоб гирифта, аз сари нав ҳисобу китоб мекунад, ғайр аз суммаи ҳисобшуда ба хоҷагӣ ба миқдори 20 фоизи ҳисобу китоби нодуруст карда ҷарима медиҳад.

## VI. ТАРТИБИ ҲАЛЛУ ФАСЛИ НИЗОЪҲО

6.1. Агар нафаҳмиҳо ва масъалаҳои низоънок сар зананд, тарафайн тибқи қоида, мустақилан ё бо иштироки шуъбаи хоҷагии қишлоқ ва оби ноҳия то суд чораҳои ҳаллу фаслашро мебинанд.

## VII. АМАЛ НАМУДАНИ ШАРТНОМА

7.1. Ин шартнома баъд аз он ки шартнома ба рӯихат гирифта мешавад, эътибор пайдо мекунад ва то иҷрои ӯҳдадориҳо аз ҷониби тарафҳо амал хоҳад намуд.

## VIII. ҚОИДАҲОИ ХОТИМАВӢ

8.1. Ин шартнома мувофиқи аҳду паймони тарафҳо ё дар ҳолати дигар тараф шартҳои онро вайрон кунад, тибқи даъвои яке аз тарафҳо аз тариқи суд бекор карда шуданаш мумкин.

## IX. МАНЗИЛ ВА РЕКВИЗИТҲОИ ТАРАФҲО:

___________________ (имзо) ___________________________ (Ф.Н.Н.)



**Донишатонро санҷед!**

1. Байни шартномаи шаҳрвандию ҳуқуқӣ ва шартномаи меҳнат чӣ гуна умумият ва тафовут ҳаст?
2. Аломатҳои шартномаи шаҳрвандию ҳуқуқиро гӯед.
3. Агар ҳуқуқҳои ғайримоддии шахсии шаҳрванд халалдор шавад, оё аз шахси дигар барои расонидани зарар компенсатсия (ҷубронпулӣ) ситонида мешавад? Оё миқёси азиятҳои ҷисмонӣ ва ахлоқию маънавиро чен кардан мумкин? Ҷавобатонро асоснок намоед.
4. Фарқи байни мафҳумҳои «шартнома», «созишнома», «мубодила»-ро аниқ кунед.
5. Кадом шартномаҳои шаҳрвандию ҳуқуқиро медонед? Онҳо чӣ гуна фарқ доранд?

# § 16. ҲУҚУҚҲО ВА ЎҲДАДОРИҲОИ ИСТЕЪМОЛГАРОН

## ИСТЕЪМОЛГАР

Ҳангоми ягон чиз харидан, аз хизмати нақлиёти шаҳр истифода бурдан, ба театр рафтан ва монанди инҳоро иҷро кардан шахс истеъмолгари мол, хизматҳо ба ҳисоб меравад. Ҳамин тариқ, ҳамаи мо истеъмолгар ҳастем, чунки ҳар рўз ягн чиз мехарем ё аз ҳар гуна хизматҳо истифода мебарем.

Дар Қонуни Республикаи Ўзбекистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолгарон», ки 26-уми апрели соли 1996 Олий Маҷлис қабул карда буд, истеъмолгар чунин таъриф дода шудааст:



Истеъмолгар шаҳрвандест (шахси ҷисмонӣ), ки на барои фоида гирифтан, балки ба мақсади истеъмоли шахсӣ ё барои истифода дар хоҷагии хусусӣ мол харид мекунад, ба кор, хизмат супориш медиҳад ё худ ҳамин гуна ният дорад.

**Қонун «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолгарон», моддаи 1-ум.**

Қонун «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолгарон» бо мақсади тобеъ кардани бозор ба манфиатҳои истеъмолгарон, яъне ҳамаи мо қабул карда шудааст.



**Супориши 1-ум.**

Бинобар таърифи болоӣ шахсони зерин истеъмолгар ҳастанд ё не, гўед:

— шаҳрванди пойафзор харидагӣ;
— шаҳрванди ба дўкон воридшуда;
— шаҳрванди хориҷие, ки аз Тошканд ба Самарқанд ба сайёҳат рафта истодааст;
— шаҳрванде, ки барои таъмири хонааш бо шахси дигар шартнома баста истодааст;
— шаҳрванде, ки барои минбаъд фурўхтан ҳар гуна мол харида истодааст;
— шаҳрванде, ки барои минбаъд фурўхтан аз деҳқон маҳсулоти кишоварзиро ба миқдори зиёд харидааст.

## ҲУҚУҚИ ГИРИФТАНИ МАЪЛУМОТ ОИД БА МОЛ

Дар мисоли яке аз соҳаҳои васеъ паҳншудаи истеъмол, яъне хариду фурўш гурўҳҳои асосии қоидаҳоеро, ки дар Қонуни Республикаи Ўзбекистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолгарон» муқаррар шудааст, дида мебароем.



**Чеки касса**—ҳуҷҷатест, ки он харида гирифтани чиз (мол) ё иҷрои кор (хизмат)-ро тасдиқ мекунад, дар он нархи мол (кор, хизмат), санаи супурдани ҳақ, рақами аппарати касса қайд шудааст.

**Чеки мол (чиз)** — ҳуҷҷатест, ки он харида гирифтани чиз (мол) ё иҷрои кор (хизмат)-ро тасдиқ мекунад, дар он нархи мол (кор, хизмат), санаи супурдани ҳақ ва номи фурўшанда ва дар бораи адреси ҷой маълумот қайд шудааст.

Мувофиқи қонун («Маълумот дар бораи молҳо», моддаи 6-ум) ин маълумотро фурўшанда бояд диҳад. Дар маълумот оид ба мол инҳо нишон дода мешаванд:

— хусусиятҳои асосии истеъмол;
— санаи истеҳсолшуда;
— ўҳдадориҳои кафолатноки истеҳсолкунанда;
— муддати хизмат (қобили истифода);
— усул ва қоидаи нигоҳдошт;
— адреси корхонаҳои таъмир ва хизмати техникӣ.



**Фурўшанда** — корхона, ташкилот, муассиса ё тадбиркори хусусие, ки мувофиқи шартномаи хариду фурўш ба истеъмолгар мол (товар)-ро мефурўшад.

## ҲУҚУҚИ ГИРИФТАНИ МАЪЛУМОТ ОИД БА СЕРТИФИКАТ ДОШТАНИ МОЛ

Мувофиқи Қонуни «Оид ба сертификатсияи маҳсулот ва хизматҳо» ҳамаи маҳсулоти барои истеъмолгар тайёршуда бояд нархгузорӣ шаванд ва оид ба тасдиқи мувофиқоиҳояш ба талабҳои муқарраршуда ҳуҷҷати махсус — **сертификати мувофиқат** дошта бошад. Зимнан истеъмолгар ҳақ дорад,

ки аз фурӯшанда оид ба сертификат доштани маҳсулот маълумот талаб кунад. Ин маълумот ё аломат дар паҳлӯи штрих-коди маҳсулот ҷой мегирад ва дар он оид ба то чӣ андоза ба ҳаёт ва саломатии инсон хавф надоштан ва ба талабҳои стандарт ҷавоб додани маҳсулот маълумот дода мешавад.



**«Сертификати мувофиқат»** — ҳуҷҷатест, ки ба талабҳои муқаррарӣ мувофиқ будани маҳсулоти сертификатшударо тасдиқ мекунад.

**Истеҳсолот** — аз тарафи корхона, ташкилот, муассиса ё тадбиркори хусусӣ истеҳсол шудани мол барои фурӯш ба истеъмолгарон.

## ҲУҚУҚИ ИВАЗ Ё БАРГАРДОНИДАНИ МОЛИ ХАРИДАШУДА

Истеъмолгар бино ба хоҳиши худ ҳангоми фурӯши моли пастсифат ва нуқсондор ҳақ дорад талабҳои зеринро гузорад:

— ивази кардани мол ба моли айнан (ҳамон модел ё артикул);
— иваз намудани мол ба моли дигар навъ (моделнок ва артикулнок) ва аз сари нав ҳисоб намудани арзиши моли нав;
— кам кардани нархи харид вобаста ба таносуби нуқсон;
— шартномаро бекор карда, ситонидани ҷуброни мол.

Кам кардани нархи мол вобаста ба таносуби нуқсон маънои онро дорад, ки агар шумо ягон мизи кории нуқсондор харида бошед, фурӯшанда онро иваз накунад ё нуқсонро бартараф насозад, шумо ҳақ доред, ки нархи ин моли нуқсондорро кам кунед.

Мувофиқи Қонун «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолгарон» харидор ҳақ дорад дар муддати 7 рӯз молро ба ҳамон моли ҳамонанд иваз кунад. Агар мол ба моли дигар русум иваз карда шавад, дар он сурат бино ба фарқи нарх ҳисобу китоб ба амал бароварда мешавад. Масалан, шумо ба рӯзи таваллуди модаратон сумкачаи сурхранг харидед. Лекин ба либоси ӯ сумкачаи ҷигарранг муносиб омад. Дар ин ҳол сумкачаро ба сумкачаи ба шумо маъқул иваз карда медиҳанд. Лекин дар дӯкон сумкачаи ба шумо зарур набошад, шумо метавонед сумкачаро баргаронида пулатонро гиред. Лекин бояд дар ёд дошт, ки талаби иваз намудани моли харидкардаи харидор дар ҳолати истифоданашуда, нигоҳ доштани хусусияти чиз ва айнан ҳангоми исботи аз ҳамин харидор гирифтаатон (яъне мавҷуд будани чек) қаноат карда мешавад.

## ЎҲДАДОРИҲОИ ИСТЕЪМОЛГАРОН

Мувофиқи моддаи 401-уми Кодекси шаҳрвандии Республикаи Ўзбекистон ғайр аз ҳолатҳои ҳаққонӣ сар кашидан аз иҷрои шартномаи хариду фурўш ё талаби асосноки ивазкунии чиз фурўшанда супурдаро бояд қабул намояд.

Харидор хилофи ҳуҷҷатҳои қонунӣ ё шартномаи хариду фурўш молро қабул накунад ё аз қабул кардан сар тобад, фурўшанда ҳақ дорад, ки шартҳои шартномаро иҷро накарда, ҷуброни зарарро талаб кунад.











**Дар кадом ҳолатҳо бино ба талаби харидор мол ба моли нав иваз карда мешавад?**

**Вазъияти 1-ум.**

Шаҳрванд планшет харид кард ва бастаи онро накушод. Пас аз як моҳ ба қимати аввалааш иваз кардани планшетро талаб намуд.

**Вазъияти 2-юм.**

Шаҳрванд фени кафолаташ 6-моҳаро харид. Фен нуқсон дошт, аз ин сабаб пас аз 6,5 моҳ аз кор баромад.

**Вазъияти 3-юм.**

Шаҳрванд чойники барқӣ харид. 5 рӯз онро истифода намуд. Баъд онро дар дӯкон ба чойники ҳуштакдор иваз намуданро илтимос кард.



**Супориши 2-юм.**

**Бо вазъияти зерин шинос шавед ва ба ҳаракати фурӯшанда баҳо диҳед:**

Шаҳрванд Т. аз дӯкон як пачка қанди рафинад харид. Вақте, ки ба хона бурда пачкаро кушод, ба ҷои қанд намак баромад. Харидор ба дӯкон омада чек ва пачкаи кушодаро нишон дод ва баргардонидани пулашро талаб намуд. Аммо фурӯшанда ба ин ҳол айби дӯкон набуданашро эзоҳ дод ва аз додани пул сар тофт.

**Дар ин ҳол фурӯшанда магар ҳуқуқи истеъмолгарро вайрон кард? Агар чунин шуда бошад, Т. ҳуқуқашро чӣ гуна ҳимоя карда метавонад?**



**Донишатонро санҷед!**

1. Кӣ истеъмолгар ба ҳисоб меравад?
2. Мақсади асосии Қонун «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолгарон»-ро баён намоед.
3. Ҳуҷҷати тасдиққунандаи харидани чиз ё иҷрои кор (хизмат) чӣ номида мешавад?
4. Дар маълумот оид ба мол (товар) чиҳо дохил мешаванд?
5. Мувофиқи қонун кӣ фурӯшанда аст?
6. Сертификати мувофиқат чиро тасдиқ мекунад?
7. Истеъмолгаре, ки чизи сифаташ паст ё нуқсондорро харидааст, чиро талаб карда метавонад?

# § 17. КАФОЛАТЕ, КИ АЗ ТАРАФИ ИСТЕҲСОКУНАНДА БА СИФАТИ МОЛ ДОДА МЕШАВАД









## КАФОЛАТИ ҚОБИЛИ ИСТИФОДАИ МОЛ ВА МУДДАТИ ОН

Мувофиқи Қонуни Республикаи Ӯзбекистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолгарон» ба ҳама намуди моли ба муддати тӯлонӣ истифодашаванда ва хизматҳо истеҳсолкунанда (иҷрокунанда) бояд муддати кафолат диҳад. Муддати кафолат аз вақти фурӯши мол ба истеъмолгар ё аз рӯзи нишон додани хизмат сар мешавад. Агар имкони муайян кардани вақти фурӯхта шудани мол набошад, ин муддат аз вақти истеҳсоли мол ҳисоб карда мешавад.

Истеҳсолгар (иҷрокунанда) дар давоми муддати кафолат мукаммал кор кардани (истифодаи) мол (хизмат), аз ҷумла, анҷомҳои ҷамъшударо бояд таъмин кунад. Агар дар санадҳои қонунӣ дигар қоида зикр нашуда бошад, муддати кафолати анҷомҳои қадоқшуда аз муддати кафолати моли асосӣ набояд кам бошад. Муддати кафолат дар паспорти мол (хизмат) ё

ҳангоми харидани он, ё ҳангоми расонидани хизмат баробари додани мол ба истеъмолгар бо дигар ҳуҷҷат нишон дода мешавад.

Дар воситаҳои дору ва ҷиҳозҳои тиббӣ, хӯрокворӣ ва молҳои кимёи маишӣ ҳатман вақти истеҳсол, муддати қобили истифода ва шартҳои нигоҳ доштани онҳо нишон дода мешавад. Ба фурӯшандагон молҳое, ки дар он санаи истеҳсол ва муддати қобили истифода нишон дода нашуда, ё муддати он гузашта бошад, фурӯхтан манъ аст.

## ӮҲДАДОРИҲО ҲАНГОМИ ҚАБУЛИ МОЛ

Фурӯшанда ба харидор мувофиқи шартҳои оид ба комплекс будани мол, ки дар шартномаи хариду фурӯш қайд мешавад, молро бояд супурад. Дар ҳолати комплекси мол дар шартномаи хариду фурӯш нишон дода нашуда бошад, фурӯшанда ба харидор молҳои бо дигар талабҳо муқарраршударо бояд тақдим кунад. Дар ҳолати супурдани моли номукаммал харидор бо ихтиёри худ аз фурӯшанда кам кардани нархро ба тариқи мутаносиб, молро дар муддати муайян пурра карданашро бояд талаб намояд.

Агар фурӯшанда талаби харидорро оид ба мукаммал кардани мол иҷро накунад, харидор мувофиқи хоҳишаш моли номукаммалро ба моли мукаммал иваз кардан, барои аз иҷрои шартномаи хариду фурӯш сар тофтан, суммаи пули барои мол супурдаро талаб кардан, инчунин ҷуброни (товони) зарарро ҳақ дорад талаб намояд.

## НАРХ ВА СУҒУРТАИ МОЛ

Харидор барои пардохт аз ҳисоби худ бояд амалҳои заруриро иҷро кунад. Масалан, пулро ба воситаи почта фиристодан, хароҷоти интиқоли пул ва ҳоказо. Ӯҳдадории пардохти нархи мол аз хусусияти пулнок будани ӯҳдадории хариду фурӯш бармеояд ва дар супурдани маблағи муайяни пул ба фурӯшанда намоён мешавад.

Одатан, нархи хариди мол, яъне суммаи пулеро, ки аз ҷониби харидор ба фурӯшанда дода мешавад, тарафҳои шартнома муқаррар мекунанд.

Ӯҳдадории суғуртаи молро бар асоси розигии тарафайн бо назардошти шартномаи хариду фурӯш ҳам бар дӯши фурӯшанда, ҳам ба харидор гузоштан мумкин. Ин ҳолати суғурта кардан ба шартҳои зарурии шартнома дохил намешавад.

Агар дар шартнома ўҳдадорни суғуртакунии фурўшанда ва харидори мол дар назар дошта шуда бошад, лекин шартҳои суғурта ва суммаи ҳадди ақалли мол зикр нашуда бошад, пули суғурта дар шартномаи суғурта аз нархи мол набояд кам шавад.

## ҚОНУНҲО ОИДИ ҲИМОЯИ ҲУҚУҚҲОИ ИСТЕЪМОЛГАРОН

Баъзан ҳатто харидори хеле ботаҷриба ҳам ягон чизеро харида ба муаммоҳои муайян дучор меояд: нуқсони нонамоён, камбудиҳои эстетикӣ ва монанди инҳо муайян карда мешавад.

Дар ин ҳолат барои бартараф сохтани муаммо харидор, пеш аз ҳама, ба муассисае, ки молро фурўхтааст, бояд муроҷиат кунад. Агар илтимоси вай иҷро нагардад, харидор барои ҳимояи ҳуқуқи худ бояд ҳаракат намояд. Роҳҳои гуногуни ҳимояи ҳуқуқи истеъмолгарон мавҷуд аст. Қонун «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолгарон», «Дар бораи сертификатсия», «Оид ба сертификатсияи маҳсулот ва хизматҳо», «Дар бораи сифат ва безарарии маҳсулоти озуқаворӣ» дар бозори истеъмоли Ўзбекистон ҷои муҳим доранд. Ҳангоми харидани маҳсулоти бесифат ин қонунҳо аз тарафи давлат ҳимоя намудани ҳуқуқу манфиатҳои истеъмолгаронро таъмин мекунанд.

Идораҳое, ки дар мамлакат бо ҳимояи давлатии ҳуқуқҳои истеъмолгарон машғуланд:

— Маркази стандарт, метрология ва сертификатсияи давлатии назди Девони Вазирони Республикаи Ўзбекистон («Ўздавстандарт»);
— Вазорати ҳифзи саломатӣ;
— Кумитаи давлатии архитектура ва сохтмон;
— Кумитаи давлатии экология ва муҳофизати муҳити атроф;
— Кумитаи давлатии хусусигардонӣ, аз монополия баровардан ва ривоҷдиҳии рақобат;
— стансияҳои санитария-эпидемиологияи республика, вилоят, шаҳр ва ноҳияҳо.

Онҳо шикоятҳо, аризаҳо ва пешниҳодҳоро дида мебароянд, ҳуқуқи истеъмолгаронро ҳимоя карда, ба судҳо муроҷиат мекунанд. Барои бехавф шудани молҳо ва сифати онҳо талабҳои маҷбурӣ мегузоранд ва ба риояи ин талабҳо назоратро ҷорӣ мекунанд, агар истеҳсолотгарон талабҳоро оид ба бехатарии мол ва сифат вайрон карда бошанд, нисбати онҳо ба суд даъво мекунанд.

**Супориши 1-ум.**

**Ба фикратон, истеъмолгарон аз хусуси ҳолатҳои зерин ба кадом ташкилотҳо муроҷиат бояд кунанд ва чӣ гуна чораҳо андешанд?**

**Вазъияти 1-ум.**

Фирмаи хориҷӣ ба раҳбарияти бозори маҳаллӣ барои ҳимоя аз моли қалбакие, ки бо маркаи он фирма мебароянд, муроҷиат карда, дидани чораҳоро талаб намуд.

**Вазъияти 2-юм.**

Шаҳрванд С. аз хусуси дар дӯкон фурӯхта шудани консерваҳои бадбӯйи моҳӣ шикоят намуд.

**Вазъияти 3-юм.**

Шаҳрванд бекор кардани шартномаи хариду фурӯш ва баргардондани пули мошини либосшӯии нуқсондорро талаб кард. Аммо фурӯшанда сар тофт. Шаҳрванд акнун бо шикоят муроҷиат намуд.

**Вазъияти 4-ум.**

Миҷозони ба қаҳвахона омада аз хусуси таомҳои бесифат шикоят карда, муроҷиат намуданд.

**Вазъияти 5-ум.**

Шаҳрванд аз хусуси паст будани сифати маҳсулоти нони нонвойхона бо шикоят муроҷиат намуд.

Оид ба ҳимояи ҳуқуқи истеъмолгарон ба ташкилотҳои ҷамъиятӣ муроҷиат кардан ҳам яке аз роҳҳои ҳимояи ҳуқуқ аст.

Истеъмолгарон бо мақсади ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои худашон ба таври ихтиёрӣ иттиҳодияҳои истеъмолгаронро ташкил карданашон мумкин.

Иттиҳодияҳои истеъмолгарон иттиҳодияҳои ҷамъиятие мебошанд, ки фаъолияти худро мувофиқи санадҳои қонунӣ ба амал мебароранд.

**Қонун «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолгарон», моддаи 30-юм**

Ин гуна ташкилотҳо бояд аҳолиро бо қонун шинос намуда, ба ҳимояи ҳуқуқҳои қонунии истеъмолгарон кӯмак расонанд. Ҳоло Ҷамъияти ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолгарони республика ин гуна вазифаҳоро иҷро мекунад.

Сарфи назар аз Қонун «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолгарон» дуруст харид кардан ҳимояи беҳтарин аст. Омӯхтани бозори мол ва хизматҳо, инчунин ҳуқуқҳои қонуниатон, аз онҳо истифода бурдан усули беҳтарини халосхӯрӣ баъд аз харидани нодурусти мол мебошад.



**Супориши 2-юм.**

Шумо барои баромадан ба саёҳат бо дӯстатон велосипед харидед. Пеш аз харид чӣ гуна маълумот ҷамъоварӣ мекунед?

## ҲИМОЯИ ҲУҚУҚҲОИ ИСТЕЪМОЛГАРОН АЗ ТАРИҚИ СУД

Истеъмолгар ба суд муроҷиат карда, ҳуқуқашро ҳимоя намуданаш мумкин. Суд дар ҳамаи соҳаҳо ва аз ҷумла дар соҳаи савдо ҳуқуқи истеъмолгарро аз вайронкунӣ ҳимоя мекунад.

Ҳамин тариқ, ҳар як истеъмолгар ба воситаҳои ҳимояи манфиатҳои худ соҳиб аст. Фақат зарур аст, ки онҳоро дониста истифода баранд.



**Супориши 2-юм.**

**Вазъиятро омӯхта, ба саволҳо ҷавоб диҳед.**

Оилаи Юсуповҳо телевизори нав хариданд. Баъд аз чанд ҳафта тасвири телевизор умуман нонамоён шуд. Устои телевизор гуфт, ки кинескоп сӯхтаасту таъмири он хеле гарон меафтад. Дигар рӯз Юсуповҳо ба дӯкон рафта, ба фурӯшанда муроҷиат карданд.

**Вохӯрии Юсуповҳоро бо фурӯшанда пеши назар оред. Юсуповҳо ва фурӯшанда чиҳо бояд гӯянд (ба ҷои онҳо худатонро монда бинед)?**

**Фурӯшанда аз ёрирасонӣ саркашӣ намуд. Юсуповҳо чӣ бояд кунанд? Агар шикоят навиштанӣ шаванд, ба кӣ бояд фиристонанд? Дар хат кадом маълумотҳоро нишон додан зарур? Аз номи Юсуповҳо шикоят нависед.**

Агар ҳуқуқи истеъмолгар вайрон карда шавад, вай ҳақ дорад ба суд муроҷиат намояд. Агар дар қонунҳо дигар қоида зикр нашуда бошад, даъвоҳо ба суди маҳалли истиқомати ҷавобгар, истеъмолгар ё дар маҳалли зиёнрасида тақдим карда мешавад.

Истеъмолгарон аз хусуси даъвояшон вобаста бо вайрон шудани ҳуқуқҳояшон, инчунин идораҳои давлатие, ки назоратро аз болои бехавф будани мол (кор, хизмат) ва сифати онҳо амалӣ менамоянд, иттиҳодияҳои ҷамъиятии истеъмолгарон аз барои даъвоҳо барои манфиатҳои истеъмолгарон (доираи номуайяни истеъмолгарон) аз пардохти боҷи давлатӣ озод карда мешаванд.

**Қонун »Дар бораи ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолгарон», моддаи 29-ум.**

**Супориши 3-юм.**

Рӯзҳои офтобӣ дар чандин хонаҳои истиқоматӣ дар шабакаи барқ қувват афзуд. Лампочкаҳо сӯхтанд. Плейерҳо, телевизорҳо, дигар техникаҳои маишӣ аз кор баромаданд. Соҳибхоназанҳо ба кӯча баромада диданд, ки дар қуттии тақсими қуввати барқ корҳои таъмирӣ давом дорад.

Дар вазъияти занҳо ва таъмиргарон худатонро тасаввур кунед. Занон ба мутахассисони барқ чӣ гуна даъво мекунанд? Мутахассисон чӣ гуфта ҷавоб медиҳанд? Барои таъмири техникаи сӯхта кӣ бояд пул диҳад? Чаро? Барои ҳимояи ҳуқуқи истеъмолгарон ба куҷо бояд муроҷиат кард?

**Донишатонро санҷед!**

1. Вазифаи идораҳои давлатӣ дар бобати ҳимояи ҳуқуқи истеъмолгарон аз чиҳо иборат аст?
2. Истеъмолгар барои ҳимояи ҳуқуқҳои худ кадом имкониятҳоро дорад?
3. Мақомоти (органҳои) давлатиеро, ки бо таъмини ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолгарон дар Республикаи Ўзбекистон машғуланд, номбар кунед.
4. Суд кадом ҳуқуқшиканиҳои соҳаи истеъмолро дида мебарояд?

## § 18. ҲУҚУҚИ МУЛКИ ИНТЕЛЛЕКТУАЛӢ

### ОБЪЕКТҲОИ МУЛКИ ИНТЕЛЛЕКТУАЛӢ

Ҳар рӯз садҳо ҳазор нафар барои ифодаи афкори бадеӣ ё асари мусиқӣ, формулаҳои тадқиқот ё ҷадвалеро кашидан, тайёркунии нақшаи нусхаи ихтироаш намунавӣ ва бо дигар мақсад ба даст коғази тоза мегирад. Ин гуна меҳнат меҳнати маънавӣ, асарҳои ба воситаи он ҳосилшуда мулки интеллектуал номида мешавад.

Мафҳуми мулки интеллектуал  бори  нахуст соли 1967 бино ба Конвенсияи Ташкилоти ҷаҳонии мулки интеллектуал ҷорӣ карда шуд. Ӯзбекистон низ узви ин ташкилот аст.

Бино ба конвенсияҳои байналмилалӣ ва қонунҳои Республикаи Ӯзбекистон нисбат ба натиҷаҳои фаъолияти ақлию эҷодӣ маҷмӯи ҳуқуқҳои шахсии алоҳида ва мулкӣ мулки интеллектуал ном гирифтааст.

### ҲУҚУҚИ МУАЛЛИФӢ

Ҳуқуқи  муаллифӣ як қисми ҳуқуқи шаҳрвандӣ буда,  вазифаи он ҳимояи ҳуқуқҳои шаҳрвандоне аст, ки бо меҳнати ақлӣ машғуланд.

Ҳуқуқи муаллифӣ сарфи назар аз қадру арзиши бадеӣ ва усули ифодакунӣ (наср, назм, сабти аудиёӣ ва ҳоказо)  ба ҳамаи асарҳои чопшуда ва дар шакли дастнавис тааллуқ дорад.

Он шахсе, ки барои офаридани ин асар меҳнати эҷодиаш сарф  шудааст, муаллиф ҳисоб мешавад. Асар маҳсули меҳнати эҷодии ҳамкорӣ бошад, он ба ҳаммуаллифон низ мансуб аст.

### ВАЗИФАҲОИ ҲУҚУҚИ МУАЛЛИФӢ:

— муҳофизати манфиатҳои мулкӣ, ғайримулкӣ ва қонунии шахсии муаллиф;
— бо ёрии воситаҳои ҳуқуқӣ фароҳам овардани шароити мақбули офаридани асарҳои илмию бадеӣ;
— васеъ истифода кардани  асарҳои бадеӣ ва илмӣ дар ҷамъият.



**Ҳуқуқи муаллифӣ** — маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқи шаҳрвандӣ аст, ки муносибатҳоро дар аснои офаридани асарҳои илмӣ, адабиёт ва санъат ва истифода аз онҳо ба вуҷуд меоянд, ба тартиб медарорад.



**Супориши 1-ум.**

Асари зерин объекти мулки интеллектуал ба ҳисоб меравад. Дар ин ҳол оё ҳуқуқи муаллифӣ вайрон шудааст ё не? Кори онҳоро натиҷаи меҳнати интеллектуал номидан мумкин аст?

Донишомӯзони синфи 10-уми мактаби миёна В. ва Н. дар байни як сол маърӯзаҳо ва мавзӯъҳои машғулоти семинарии муаллими фанни таърихро бо иштиёқ конспект карданд. Дар охири соли таҳсил ин материалро каме ихтисор намуда, мухтасар баён карда, матнро бо савол ва супоришҳо пур карданд ва барои ононе, ки нияти дохилшавӣ ба мактабҳои олӣ доранд, ба шакли дастур чоп намуданд.

Аммо баъди нашри китобча он бино ба сабабҳои маҳсули эҷоди шахсӣ набудан ва ба синни 18 нарасидани муаллифон барои паҳн кардан роҳ дода нашуд.



Муаллифи асар ҳамон шаҳрванде дониста мешавад, ки асар ба туфайли меҳнати вай офарида шавад.

Ҳуқуқи муаллифӣ нисбати асари илмӣ, адабиёт ва санъат аз вақти офарида шудани он пайдо мешавад. Барои пайдо намудан ва татбиқ кардани ҳуқуқи муаллифӣ аз рӯйихат гузаронидан ё риояи ягон расмиятчигӣ шарт нест.

Шахсе, ки ба сифати муаллифи асари асл ё нусхаи асар қайд шудааст, муаллифи он ба ҳисоб меравад, агар он бо дигар роҳ исбот нашуда бошад.

**Кодекси шаҳрвандии Республикаи Ўзбекистон, моддаи 1046**

## САРЧАШМАҲОИ ҲУҚУҚИ МУАЛЛИФӢ

Дар Республикаи Ўзбекистон муносибатҳои соҳаи илмӣ ва эҷоди бадеӣ бар асоси: Конститутсия, Кодекси шаҳрвандӣ, Қонунҳои «Дар бораи ҳуқуқи муаллифӣ ва ҳуқуқҳои ҳаммонанд» (30 августи соли 1996), «Оид ба мулкият» (соли 1992), «Оид ба ҳимояи ҳуқуқии дастурҳо ва пойгоҳи маълумотҳои барои мошинҳои электронии ҳисоб офаридашуда» (соли 1995), Кодекси андоз (соли 1997) ба тартиб оварда мешавад.



**Инҳо объектҳои ҳуқуқи муаллифӣ шуда наметавонанд:**

— ҳуҷҷатҳои расмӣ (қонунҳо, қарорҳои суд ва ҳоказо);

— рамзҳои давлатӣ ва аломатҳои он (байрақ, герб, гимн, нишонаҳои пул ва ҳоказо);

— асарҳои эҷодиёти халқ;

— хабарҳо оид ба навигариҳои рўзонаи матбуоти оддии ахборӣ ё оид ба воқеаҳои ҷорӣ;

— натиҷаҳои бо ёрии воситаҳои техникӣ, ки барои истеҳсолоти муайян гирифта шудаанд, зимнан ҳангоми офаридани асар инсон аз фаъолияти эҷодӣ ба амал набаровардааст.

**Кодекси шаҳрвандии Республикаи Ўзбекистон, моддаи 1044**





**Супориши 2-юм.**

**Барои ёфтани роҳи ҳалли вазъиятҳои зерин кӯшиш кунед:**

**Вазъияти 1-ум.**

Шореҳони телевизион телеканали тиҷоратиро барои ба эфир додани ахбори онҳо дар бораи ҳодисаҳои хориҷӣ тайёр кардаашон ба поймолкунии ҳуқуқи муаллифӣ айбдор карда ба суд доданд.

**Дар ин ҳол оё ҳуқуқи муаллифӣ шикаста шуд? Ин материалро оё объекти ҳуқуқи муаллифӣ гуфтан мумкин аст?**

**Вазъияти 2-юм.**

С.-и шашсола бо кӯмаки мураббии кӯдакистон барои афсонаҳои халқӣ силсилаи расмҳоро кашид. Зимни он мураббӣ худаш расм накашида, ғоя ва образҳои расм, хусусиятҳо ва рангҳоро гуфта дод. Баъд ин расмҳоро ба кори худ илова намуда, нашр кард ва С. бе ёрии ӯ расм кашида наметавонист, гуфта, номи ӯро ҳамчун муаллиф нишон надод.

**Ин расмҳоро объекти ҳуқуқи муаллифӣ ҳисобидан мумкин аст? Оё бачаи шашсола муаллифи асар шуда метавонад? Зимнан оё ҳуқуқҳои вай вайрон шуд?**

**Вазъияти 3-юм.**

Нашриёт романи Н.-ро барои чоп қабул кард. Дастнависро мусаҳҳеҳ хонда, хатоҳои имловиашро ислоҳ кард. Бо рухсати муаллиф муҳаррир романро ихтисор кард ва бо расмҳои рассом зеб дода шуд. Муқовасоз нусхаҳои китобро сохт. Роман зуд ба фурӯш рафт, нашриёт аз муаллиф хоҳиш кард, ки онро ба забони англисӣ тарҷума намояд. Бо розигии муаллиф роман тарҷума шуд.

**Кадоме аз ин шахсҳо барои натиҷаи меҳнати иҷрокардааш ҳуқуқи муаллифӣ дорад?**

## МУДДАТИ ҲУҚУҚИ МУАЛЛИФӢ

Муддати ҳуқуқи муаллифӣ дар тамоми ҳаёти муаллиф ва пас аз вафоти он боз 50 сол эътибор дорад. Аз ин ҳуқуқи ҳимояи обрӯи муаллиф, дахолатнопазириии исми муаллиф ва асараш мустасно, инҳо бемуддат муҳофизат карда мешаванд. Ҳуқуқи муаллифии асарҳои аз тарафи ҳаммуаллифон офаридашуда дар давоми умри ҳаммуаллифон ва аз онҳо кадоме бештар умр дида бошад, ин ҳуқуқ пас аз вафоташ боз 50 сол амал хоҳад кард.

Баъд аз ба охир расидани муддати ҳуқуқи муаллифӣ асар ба мулки иҷтимоӣ табдил мешавад. Ҳар шахс метавонад аз асари мулки иҷтимоӣ ҳаққи муаллифӣ насупурда, озод истифода барад.

## ШАРТНОМАИ МУАЛЛИФӢ

Муаллиф асарро анҷом дода, онро ба оммаи васеъ шинос кардан мехоҳад ва бо корхонае, ки вазифаи нашр карданро бар зимма дорад, шартнома мебандад.

Дар шартҳои шартномаи муаллифӣ ҳуқуқҳои аниқи ношир, муддати амал кардани шартнома ва миқдори ҳаққи қалам нишон дода мешавад. Ғайр аз ин шартҳо дигар шартҳое, ки муаллиф ва нашриёт лозим медонанд, дохил шуданаш мумкин.



**Шартномаи муаллифӣ** — шартномаи байни муаллиф (ҳаммуаллифон) ва нашриёт бо мақсади истифодаи асари тайёр ё асари офариданашро ба зимма гирифта дар муддати муқарраршуда мебошад.

## ҲИМОЯИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ҲУҚУҚИ МУАЛЛИФӢ

Дар Республикаи Ўзбекистон муносибатҳои соҳаи мулки интеллектуал бар меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ асос ёфта, мувофиқи ҳуҷҷатҳои зерин ба тартиб даровարда мешавад:

— Созишномаҳои Конвенсияи Берн дар бораи ҳимояи асарҳои адабию бадеӣ (24.07.1971);

— Созишномаҳои конвенсияи байналмилалии ҳуқуқи муаллифӣ (1952);

— Созишномаҳо оид ба ҳимояи ҳуқуқи муаллифӣ ва ҳуқуқҳои ҳаммонанди ИДМ (10.02. 1995).




Аломатҳои зерин ҳимоя шудани ҳуқуқҳои муаллифиро ифода мекунанд:

1) ҳарфи лотинии «С»-и дохили доира — ©;

2) номи алоҳидаи соҳиби ҳуқуқи муаллифӣ;

3) соли бори аввал эълон шудани асар.

Агентии оид ба ҳуқуқҳои муаллифӣ (АҲМРЎ) иҷрои ҳуҷҷатҳои қонуниро назорат мекунад.



**Донишатонро санҷед!**

1. Кадом намудҳои объектҳои мулки интеллектуал мавҷуд ҳаст?
2. Ҳуқуқи муаллифӣ манфиатҳои киро ҳимоя мекунад? Қонунҳои оид ба ҳимояи ҳуқуқҳои муаллифиро номбар кунед.
3. Муаллиф ё ҳаммуаллифи асар кист?
4. Шартномаи муаллифӣ чист? Вай чӣ гуна, бо кӣ ва ба кадом муддат баста мешавад?
5. Дар шартномаи муаллифӣ кадом шартҳо бояд дохил шаванд?

## § 19. МАРҲИЛАҲОИ ДАР СУД ДИДА БАРОМАДАНИ КОРИ ШАҲРВАНДӢ

Дар натиҷаи омӯхтани ин дарс шумо:

— мувофиқи табъи дил тартиби марҳилаҳои ҷараёни мурофиаи судро оид ба кори шаҳрвандӣ дониста гирифтанатон;
— бо ҳуқуқу ӯҳдадориҳои иштирокчиёни ҷараёни суди шаҳрвандӣ шинос шуданатон;
— дониш ва малакаи дар назди омма суханрониатонро такмил доданатон;
— дониши гирифтаатонро барои дар амал татбиқ намудан кӯшиш карданатон мумкин аст.

Дар суд дида баромадани кор марҳилаи асосии ҷараёни суди шаҳрвандӣ аст ва он дар аксар ҳолат бо ҳалли низоъ тамом мешавад. Дар инстансияи (зинаи) аввали судҳо кори шаҳрвандиро худи судя танҳо дида мебарояд.

Дар ин дарс шумо бо ҷараёне, ки дар суд дида баромадани кори шаҳрвандиро хотирнишон мекунад, шинос мешавед.

Бо назардошти далелҳои кор шумо кӯшиш намоед ба нақши судя, даъвогар, ҷавобгар дароед ва бо истифода аз донишҳои аз бар намудаатон оид ба асосҳои ҳуқуқи шаҳрвандӣ мувофиқати қонун ва вазъиятро ба инобат гирифта, барои ҳалли ҳолати шикастани ҳуқуқ ҳаракат кунед.



**Ҳолатҳои бино ба талаби харидор иваз намудани молро ба дигараш нишон диҳед.**

**Вазъияти 1-ум.**

С. ҳавлии берун аз шаҳр (дача) харид. Лекин дуздидани аз меваи дарахтон сар карда то анҷоми хонадону мебелҳо ба ҷонаш расид.

Баъд аз охиррасии мавсим С. дар назди хона доми (қапқон) барои ҳайвонҳои ёбоӣ пешбинишудаpo гузошт, дар заминкан ба назди қуттиҳои себ ходаи вазнинро ба асбоби махсус, ки агар касе расад, болои сараш мефароянд, монд.

Моҳи январ С.ро ба идораи корҳои дохилӣ ҷеғ заданд ва оид ба ҷароҳати расида ба ноболиғон С. ва Д. эзохро талаб карданд. Волидайни ноболиғон С.ро ба суд дода талаб намуданд, ки ха-

роҷоти табобати фарзандонашонро ҷуброн намояд. Ҳамсояҳои С. нияти дом гузоштани С.-ро тасдиқ карданд. С. айбашро ба гардан гирифт, лекин аз қонеъ кардани даъво сар тофт.

**Дар ин вазъият кӣ ҳақ аст? Суд бояд ба кадом қарор ояд?**

**Вазъияти 2-юм.**

С. дар оғози баҳор дар як воте, ки ҳавлии ҳамсоя И.-ро аз вай ҷудо мекард, 20-то ниҳоли дарахти мева шинонд. Дар тӯли солҳо дарахтҳо калон шуда, ба мева даромаданд.

Решаи дарахтон дар дигар ҷою шоххҳои мевадораш дар ҳавлии ҳамсоя фаромад. Акнун дар масъалаи чидани меваи дарахт низоъ ба вуҷуд омад. Л. барои чидани меваҳо ҳақ доштанашро таъкид кард. Чунки шоххҳои дарахт дар ҳудуди ҳавлии вай овезон шуда буданд. Зери сояи ин дарахт дар ҳавлӣ ҳеҷ чиз намерӯид. С. ба ҳавлии Л. даромада меваро чиданӣ шуд, Л. ӯро ҳақорат карда, аз ҳавлиаш берун кард.

Ҳар ду ҳамсоя барои ҳалли низоъ ба суд муроҷиат карданд ва пардохти зарари моддӣ ва маънавиро талаб намуданд.

**Низои ҳамсояҳоро чӣ гуна ҳал кардан мумкин? Аз онҳо кӣ ҳақ аст ва барои чӣ? Боҷи даъворо ба суд кӣ бояд диҳад?**

## НИШОНДОДҲО БА ИШТИРОКЧИЁНИ ҶАРАЁНИ СУДИ ШАҲРВАНДӢ

**Шахсони дар суд иштироккунанда ҳуқуқи зерин доранд:**

- бо материали кор шинос шудан, онро кӯчонида гирифтан ва нусха бардоштан;
- ба дигар иштирокдорони кор бо саволҳо муроҷиат кардан;
- оид ба масъалаҳои дар ҷараёни суд содиршуда фикри худро баён намудан;
- аз қарори суд норозӣ шуда, шикоят додан.

**Тарафҳои дар кори даъво иштироккунанда:**

- дар вақти дилхоҳ ҷараёни кори судро боздоштан ва онро бо роҳи муросо ҳал кардан, агар ҳаракати ҷавобгар зидди қонун бошад ва

ба манфиати шахси сеюм дахл дошта бошад, суд барои боздоштани кор розӣ намешавад.

## ТАРТИБИ ГУЗАРОНИДАНИ МАҶЛИСИ СУД

— ҳангоми ба толори маҷлис омадани судяҳо ҳозирони толор аз ҷой бармехезанд, қарори суд низ дар ҳолати истодан хонда мешавад;
— иштироккунандагони кор ҳангоми муроҷиат ба суд ва вақти додани шаҳодат аз ҷой бармехезанд;
— ҳамаи ҳозирони толор ба амри раиси суд бечуну чаро итоат мекунанд;
— ҳар як гувоҳ ҷудогона ба пурсиш оварда мешавад, дар ин асно ҳанӯз гувоҳӣ надодагон иштирок намекунанд;
— раисикунанда аз ҳамаи иштироккунандагони ҷараёни суд талаб мекунад, ки қасами зеринро бо овози баланд бихонанд: «Барои дар суд гуфтани тамоми чизе, ки оид ба кор маълум аст, қасам мехӯрам. Дар он фақат ҳақиқатро мегӯям, барои аз ҳақиқат берун нарафтан савганд мехӯрам».

## ИШТИРОККУНАНДАГОНИ КОРИ СУД

**Котиб:**

— вобаста ба кор аз байни ба суд даъватшудагон киҳо омадаанд ва бо кадом сабаб киҳо ҳозир нашуданашонро мегӯяд;
— баённомаи кори судро мебарад.

**Судя (раисикунанда):**

— таркиби судро эълон мекунад, ба иштироккунандагони кор ҳуқуқи норозигӣ доштанашонро мефаҳмонад;
— ба иштироккунандагони кор ҳуқуқу ӯҳдадориҳояшонро мефаҳмонад;
— шахсияти дар суд пурсидашавандагонро муқаррар карда, агар онҳо аз додани гувоҳӣ сар кашанд, ба ҷавобгарӣ кашида шуданашонро огоҳ менамояд (ба тарзи хаттӣ). Ноболиғон бо ин гуна ҷавобгарӣ огоҳ карда намешаванд;

— муносибатҳои иштироккунандагонро (пеш аз пурсиш) нисбат ба даъвогар ва ҷавобгар (хешу табор будан ва ҳоказо) муайян мекунад;
— муаммоҳое, ки дар ҷараёни суд ба вуҷуд меояд, ҳал мекунад, дар толори суд тартиброрӣ ҷорӣ менамояд.

**Даъвогар:**

— барои ҳимоя аз ҳуқуқе, ки вайрон шудааст ё сабаби низоъ гардидааст, шаҳодат медиҳад.





**Ҷавобгар:**

— эзоҳ медиҳад, исботу далелҳо меорад, илтимосномаҳо тақдим мекунад;
— шахсан ё бо ёрии адвокат ҳуқуқи ҳимояи худро амалӣ менамояд;
— барои илтимоси ба суд даъват кардани гувоҳҳои иловагӣ ҳақ дорад.

**Прокурор:**

— оид ба масъалаҳои дар ҷараёни суд пайдошуда хулоса мебарорад.

**Эксперт:**

— бояд хулосаашро хаттӣ тақдим намояд;
— агар суд экспертизаро бесифат гӯяд, экспертизаи такрорӣ таъин карданаш мумкин.

**Гувоҳҳо:**

— ҳар кадоме алоҳида пурсида мешаванд, гувоҳҳои пурсидашуда то охири маҷлиси суд дар толор мемонанд;
— онҳо маҷбуранд, ки оид ба ҳолатҳои кори дар суд дидашаванда барояшон маълумоти аёнро диҳанд, зимни он ба нодуруст додани гувоҳӣ роҳ дода намешавад;
— агар гувоҳ ба синни 16 надаромада бошад, муаллимаш, зарур шавад, падару модараш низ иштирок мекунанд.

## МАРҲИЛАҲОИ ДИДА БАРОМАДАНИ КОРИ ШАҲРВАНДӢ

1. Кушодани ҷараёни суд (судя).
2. Омадани иштирокчиёни ҷараёнро тафтиш кардан (котиб).
3. Аз толори суд баровардани гувоҳҳо (котиб).
4. Таркиби судро эълон кардан ва фаҳмондани ҳуқуқи эътироз намудан (судя).
5. Ҳуқуқ ва вазифаҳои иштироккунандагони корро мефаҳмонад (судя).
6. Баён кардани мазмуни кор аз тарафи раисикунанда (ҳимоя кардани талабҳои даъвогар, иқрор кунонидани ҷавобгар бино ба талабҳои даъвогар ва ҳар ду тарафро ба муросо оварданро хоҳиш намудани онҳо ва бо ҳамин суд тамом мешавад).
7. Эзоҳи даъвогар.
8. Нутқи прокурор (қонунӣ будани талабҳои даъвогарро рад мекунад ё тарафдорӣ менамояд).
9. Гувоҳҳоро мепурсад (тергав мекунад).
10. Аз эксперт пурсидан.
11. Ба охир расонидани дида баромадани кор (раисикунанда аз иштироккунандагон мепурсад, ки оё материалҳои корро бо ягон маълумот пур мекунанд ё не).
12. Музокираҳои суд (суханронии прокурор, даъвогар, ҷавобгар).
13. Хулосаи прокурор.
14. Суд барои қарор ба хонаи маслиҳат меравад.
15. Хондани қарори суд (раисикунанда аз болои қарори суд тартиби шикоят мефаҳмонад ва пӯшида шудани маҷлиси судро оид ба кор эълон мекунад).

## ТАРТИБИ АРЗИ ШИКОЯТ ОИД  БА ҲУКМИ СУД

Мувофиқи Кодекси мурофиаи шаҳрвандии Республикаи Ўзбекистон баъди аз тарафи суд супурдани ҳукми суди инстансияи (зинаи) якум ё фиристодани ҳукм дар давоми даҳ рўз тарафҳо ва дигар шахсони дар кор иштироккарда, инчунин ононе, ки барои дар кор иштирок кардан ҷалб нашудаанд, лекин масъалаи шахсон оиди ҳуқуқу ўҳдадориҳо аз тарафи суд ҳал шудааст, ба суди инстансияи аппелятсия дар ҳолати ҳукми суд ба ҳаракати минбаъда кор монеъгӣ намояд, аз болои қарори ҳалкунандаи суд шикоят доданашон, прокурор бошад, протест тақдим карданаш мумкин.

Суди инстансияи аппелятсия шикояти хусусӣ ё протести хусусиро дида баромада:

1) ҳукмро бетағйирот мондан, шикоят ё протестро бе қаноат гузоштан;
2) ҳукмро бекор карда, корро барои мазмунан дидан ба суди инстансияи аввал фиристодан;
3) ҳукмро тамоман ё қисман дигар кардан ё худ бекор намудан ва масъаларо мазмунан ҳал кардан ҳақ дорад.

Аз вақти қонунан эътибор пайдо кардан, аз болои қарори ҳалкунанда, ки бо тартиби аппелятсия дида нашудааст, аз вақти эътибори қонунӣ пайдо намудан дар давоми 6 моҳ тарафҳо ва дигар шахсони ба кор иштирокдошта, инчунин шахсоне, ки барои иштирок дар кор ҷалб нашудаанду лекин шахсони масъалаашон оиди ҳуқуқу ўҳдадориҳо аз тарафи суд ҳалшуда, ба тариқи кассатсия шикоят доданашон ва прокурор протест тақдим карданаш мумкин.



**Донишатонро санҷед!**

1. Дар ҷарёни даъво дар кадом марҳилаи ҷараёни суд тарафҳо барои боздоштани кори суд ҳуқуқ доранд?
2. Тартиби пай дар пайи гузаронидани кори судро номбар кунед.
3. Тарафдорон дар ҷараёни даъво дар кадом марҳилаи кори суд ба нигоҳ доштани кори суд ҳуқуқ доранд?

# ФАСЛИ V.
# АСОСҲОИ ҲУҚУҚИ МЕҲНАТ






## § 20. МУНОСИБАТҲОИ ОИД БА МЕҲНАТ

### АСОСҲОИ МУНОСИБАТҲОИ МЕҲНАТӢ

Ҳуқуқи меҳнат аз соҳаи муҳимтарини ҳуқуқ аст. Он дар бобати ба тартиб андохтани муносибатҳои меҳнатии байни коргарон ва кордиҳанда нақши муҳим дорад.

Санадҳои қонунии оид ба меҳнат аз Кодекси меҳнат, қонунҳои Республикаи Ўзбекистон ва қарорҳои Олий Мажлис, фармонҳои Президенти Республикаи Ўзбекистон, қарорҳои Ҳукумати Республикаи Ўзбекистон ва Ҳукумати Республикаи Қароқалпоқистон, қарорҳое, ки мақомоти (органҳои) намояндагӣ ва иҷроияи дигар ҳокимияти давлатӣ дар доираи ваколаташон қабул намудаанд, иборат аст.



Ҳар як шахс ба меҳнат, интихоби озоди касб, дар шароити одилона меҳнат кардан ва ба ҳимоя аз бекорӣ тибқи тартиби дар қонун зикршуда ҳақ дорад. Ғайр аз тартиби гузаштани ҷазои таъиншуда бо ҳукми суд ё дигар ҳолатҳои дар қонун нишон додашуда меҳнати маҷбурӣ манъ аст.

**Конститутсияи Республикаи Ўзбекистон, моддаи 37.**

Бино ба Конститутсияи Республикаи Ўзбекистон ва Кодекси меҳнат ҳамаи шаҳрвандон имконияти баробари ҳуқуқи меҳнат ва истифода аз онро доранд. Ба ҷинс, синну сол, нажод, миллат, забон, баромади иҷтимоӣ, ҳолати мулкӣ ва мавқеи мансаб, муносибат ба дин, эътиқод, мансубият ба иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, инчунин қобилияти кордонии ходимон ва ба ҷиҳатҳои дигари ба натиҷаҳои меҳнат алоқа надошта нигоҳ карда, дар соҳаи муносибатҳои меҳнат ба ҷорикунии ҳар гуна маҳдудият ё имтиёзҳо роҳ дода намешавад ва инҳо поймолкунӣ ҳисоб мешаванд.

Шахсе, ки дар соҳаи меҳнат худро таҳқирдида донистааст, оид ба бартараф кардани ин муносибат ва пардохти моддию маънавии ин зарар бо ариза ба суд муроҷиат карда метавонад.

Бино ба Конститутсияи Республикаи Ўзбекистон ва Кодекси меҳнат оиди ба тартиб даровардании ҳуқуқии меҳнат чунин усулиятҳо муқаррар шудаанд:

— ҳар шахс ба меҳнат кардан;
— интихоби озоди кор;
— дар асоси шартҳои ҳаққонии меҳнат кор кардан ва тибқи қонун аз бекорӣ ҳимоя намудан;
— музди меҳнат гирифтан;
— ҷорикунии вақти кории муддаташ маҳдуд, кам кардани рӯзи корӣ ба чандин касб ва корҳо, рӯзҳои истироҳати ҳафтаина, рӯзҳои ҷашн, инчунин ба туфайли таътили солонаи музднок истироҳат кардан;
— меҳнат кардан дар шароити муносиби бехатарӣ ва гигиена;
— ба касб тайёр шудан, аз сари нав тайёр шудан ва такмили ихтисос;

— вобаста ба кор рӯёнидани товони зарари саломатӣ ва молу мулк;
— муттаҳид шудан ба иттифоқҳои касаба ва дигар ташкилотҳое, ки манфиатҳои ходимон ва ҷамоаҳои меҳнатиро ифода мекунанд;
— ҳангоми пиронсолӣ, ё маҳрум шудан аз қобилияти меҳнатӣ, ё аз шахси нигоҳкунанда ва дигар ҳолатҳои дар қонун пешбинишуда таъминоти иҷтимоӣ гирифтан;
— ҳимоя кардани ҳуқуқҳои меҳнатии худ, аз ҷумла ба воситаи суд ва гирифтани ёрии малаканоки юридикӣ;
— дар ҷамоаҳо ҳангоми низоъҳои меҳнатӣ манфиати худро дастгирӣ кардан ҳуқуқ доранд.





Дар давоми ҳазорсолаҳо инсоният сарвати моддию маънавӣ офарида, фаъолияташро инкишоф ва такмил дода меояд. Ба туфайли меҳнат инсон ба амалӣ кардани нияту хоҳишҳояш, ёфтани ҷояш дар ҷамъият, мавқеаш ҳамчун шахс имконият пайдо кард. Инсон дар ҷараёни меҳнаташ худро боинтизом, муттафиқӣ, қобилияти бо дигар одамон ҳамкорӣ намудан барин сифатҳои муфидро аз бар мекунад.

Ҳуқуқи меҳнат яке аз соҳаҳои муҳими ҳуқуқ аст. Он муносибатҳои меҳнатии байни коргарон ва кордиҳандагонро ба тартиб медарорад.

**Ҳуқуқи меҳнат** — соҳаи ҳуқуқест, ки дар ҷараёни фаъолияти меҳнатӣ муносибатҳои байни одамонро ба тартиб медарорад.

Муносибатҳои меҳнатӣ муносибатҳои байни одамон буда, дар ҷараёни фаъолияти меҳнатӣ ба вуҷуд меоянд ва ба итоати тартиботи муқарраршудаи меҳнатӣ асос меёбанд.

## ВАЗИФАҲОИ ҚОНУНҲО ОИД БА МЕҲНАТ

Ҳамаи чизҳои зарурӣ барои ҳаёт ва пешравии инсон меҳнат вобаста аст. Дар ҳаёти ҷамъият ва инсони алоҳида муносибатҳои меҳнатӣ нақши калон дорад. Муносибатҳои иҷтимоиеро, ки дар ҷараёни меҳнат ба амал меоянд, ба тартиб надароварда, самаранокии меҳнат ва дараҷаи моддию маънавии кормандонро пеш бурдан мумкин нест. Ҳамин тариқ, вазифаҳои санадҳои қонунӣ оид ба меҳнат чунинанд:

— мувофиқсозии тартиби қабул ба кор ва бекоркунии шартномаи меҳнатӣ;
— офаридани шароити одилона ва бехавф;
— ҳимояи ҳуқуқҳои меҳнатии ходимон;
— ҳифзи саломатии кормандон;
— таъмини самарадории меҳнат ва умуман истеҳсолот;
— беҳтар кардани шароити моддию мадании тамоми аҳолӣ.





## МАНБАЪҲОИ ҚОНУНГУЗОРӢ ОИД БА МЕҲНАТ

Сарчашмаи асосии ҳуқуқи меҳнат Конститутсия ва Кодекси меҳнат буда, онҳо дар ҳудуди сартосари Республикаи Ўзбекистон татбиқ мегарданд, инчунин Баёнияи умумиҷаҳонии ҳуқуқҳои инсон (моддаи 23), Конвенсияи Ташкилоти байналмилалии меҳнат (моддаи 2), Фармонҳои Президенти республика, қонунҳо ва қарорҳои Девони Вазирон, созишномаҳои асосӣ, соҳавӣ ва монанди инҳо, шартномаҳои ҷамоавӣ низ манбаи ин ҳуқуқанд.

Хусусияти ҳуқуқи меҳнат аз он иборат аст, ки дар амал ҳар гуна масъала, агар он хилофи Кодекси меҳнат набошад ва аҳволи ходимро бад накунад, дар асоси шартномаи (контракт) меҳнатӣ ҳал шуданаш мумкин. Баръакси ҳол контракт ноқонунӣ ҳисоб мешавад. Чунончи, дар ҷамъияти саҳҳомӣ рӯзи корӣ 9 соат пешбинӣ шудааст. Ин бошад, шикастани қонунҳо оиди меҳнат аст.

## СУБЪЕКТҲОИ МУНОСИБАТҲОИ МЕҲНАТӢ

Субъектҳо—иштирокчиёни муносибатҳои меҳнатӣ инҳоянд:

— **ходим:** он шаҳрванди Республикаи Ўзбекистон, ки синни 16-ро пур кардааст, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони ғайритабаа, ки дар асоси шартномаи меҳнатӣ кор мекунанд;

— **кордиҳанда:** ҳар гуна корхона сарфи назар аз шакли мулк ва шахсони синни 18-ро пуркарда;

— **ҷамоаи меҳнатӣ:** ходимони корхона, ки дар асоси шартномаи меҳнатӣ кор мекунанд;

— **идораҳои намояндагии ходимон ва кордиҳандагон:** иттифоқҳои касаба ва ташкилотҳои интихобии онҳо дар корхонаҳо.



Ҳамаи шаҳрвандон барои соҳиби ҳуқуқҳои меҳнат шудан ва аз онҳо истифода бурдан имкониятҳои баробар доранд.

**Кодекси меҳнати Республикаи Ўзбекистон, моддаи 6-ум**

Ба ҳимоя шудани ҳуқуқҳои меҳнати ҳар як шахс кафолат дода мешавад, ин ҳимоя аз тарафи органҳое, ки риояи санадҳои қонунии оид ба меҳнатро тафтиш ва мақомоте, ки назорат мекунанд, амалӣ карда мешавад.

**Кодекси меҳнати Республикаи Ўзбекистон, моддаи 8-ум.**

## УСУЛИЯТҲОИ АСОСИИ ҲУҚУҚИ МЕҲНАТ

Мисли дигар соҳаҳои ҳуқуқ дар ҳуқуқи меҳнат низ усулиятҳои асосие таъин шудаанд, ки дар муносибатҳои оид ба меҳнат ба онҳо амал кардани кордиҳанда ва ходим маҷбурист:

— Усулияти озодии меҳнат: манъ кардани меҳнати маҷбурӣ, ин маънои ҳар кадом шахс ҳуқуқи истифодаи лаёқати меҳнатиашро, яъне

ӯҳдадории меҳнат кардани шаҳрвандон дар қонун дар назар гирифта нашуданашро мефаҳмонад.

— Усулияти таъмини ҳуқуқи меҳнат, ҳимоя аз бекорӣ: идораҳои давлатӣ онҳоеро хоҳиши меҳнат кардан доранд, барои бо кори мақбул таъмин кардан бояд тамоми чораҳоро бинанд. Дар вақти кор ҷустан нафақаи бекорӣ дода мешавад.

— Усулияти таъмини баробарҳуқуқӣ дар меҳнат ва шуғл: манъи дискриминатсия дар меҳнат, ба занон ва мардон ва инчунин аз рӯи аломати нажодӣ музди кор додан, ба шахсони ғайритабаа нисбат ба шаҳрвандони мамлакат ҳуқуқи бештар додан ва ҳоказо.

— Усулияти таъмини истироҳат, ҳуқуқи муҳофизати меҳнат: дар санадҳои қонунии меҳнат ҳуқуқи истироҳат дар назар дошта шудааст, мувофиқи он ба ходимон бо нигоҳ доштани ҷои кор ва музди миёнаи моҳона таътили солона дода мешавад.

— Усулияти таъмин кардани муҳофизати ҳуқуқу озодиҳои меҳнат ва ҳоказо.









Бино ба Кодекси меҳнат дар ҳолатҳои зерин кор маҷбурӣ ҳисоб намешавад:

— ҳангоми гузаштани хизмати ҳарбӣ ё муқобил;
— дар шароити вазъияти фавкулодда;
— дар асоси эътибор пайдо кардани ҳукми суд.

**Масъалаҳои зеринро ҳал кунед:**

**Вазъияти 1-ум.**

Коргар М. баъди гирифтани ҷароҳат аз сар ба зуд-зуд бемор шудан мубтало шуд ва дар ин асно кор намекард. Аз ин хусус дар ҳуҷҷати тиббиаш батафсил маълумот буд. Аммо ин сабт дар ҳаёти М. таъсири бад расонд: ба ӯ зоҳир шудани ғамхориро сабаб нишон дода, дар ҳеҷ ҷо ба кор намегирифтанд.

**Оё дар ин ҳолат қонуни меҳнат вайрон шуд? Агар вайрон шуда бошад, кадом қонуни ҷамъияти демократӣ вайрон гардидааст?**

**Вазъияти 2-юм.**

Ҳангоми гузаштани хизмати муқобил ба сифати ронанда сержант М. аз тозакунии ҳудуди ҳавлии ёрирасони корхона гардан тофт. Директори корхона гарчанде то ин вақт М. танбеҳи корӣ нагирифта буд, аз хусуси маҳрум кардан аз мукофоти чорякӣ амр баровард.

**Кӣ ҳақ аст? Оид ба ҳалли низоъ фикратонро гӯед. Қонунҳои ҷамъияти демократиро дар армия истифода кардан оё дуруст аст? Чӣ фикр доред?**

**Донишатонро санҷед!**

1. Вазифаҳои санадҳои қонунии Ўзбекистонро оид ба меҳнат номбар кунед.
2. Хусусиятҳои хоси ҳуқуқи меҳнат аз чӣ иборат аст?
3. Сарчашмаҳои ҳуқуқи меҳнатро номбар кунед.
4. Субъектҳои ҳуқуқи меҳнат киҳоянд?
5. Усулияти «озодии меҳнат»-и ҳуқуқи меҳнат чиро мефаҳмонад?
6. Таъмини ҳуқуқи истироҳат чӣ гуна амалӣ мегардад?

## § 21. ҚАБУЛ БА КОР

### ҲИМОЯИ МАНФИАТИ ХОДИМОН ДАР СОҲАИ МУНОСИБАТҲОИ МЕҲНАТӢ

Дар шароити инкишофи муносибатҳои бозор онҳое, ки шартномаи меҳнатӣ мебананд, аз бехтар шудани фаъолияти корхона манфиатдоранд, зеро аз пешравии корхона фаровонҳолии ходим низ меафзояд. Дар айни ҳол дар ҷараёни фаъолияти меҳнатӣ бино ба сабабҳои истифодаи меъёрҳои алоҳидаи ҳуқуқи меҳнат зиддият ва низоъҳо ба вуҷуд меоянд.

Бино ба Кодекси меҳнат (моддаи 21) дар муносибатҳои оид ба меҳнат ҳимояи манфиатҳои ходимонро иттифоқҳои касабаи корхона, ташкилотҳои интихобии онҳо (кумитаҳои иттифоқи касаба), комиссияҳои низои меҳнатӣ, суди ноҳия ва шаҳр ба амал мебароранд. Фаъолияти ташкилотҳои ифодакунандаи манфиатҳои ходимон дар корхона фақат бино ба қарори ходимони онҳоро интихобкарда, инчунин, агар ҳаракати зидди қонунӣ содир шавад, ба воситаи суд бартараф карда шуданаш мумкин.

### ШАРТНОМАИ МЕҲНАТӢ

Дар аниқсозии ҳуқуқу манфиатҳои коргар ва кордиҳанда шартномаи меҳнатии байни ҷамоа ва тартиби якка нақши муҳим дорад. Он барои пайдоиши муносибатҳои меҳнатӣ асос шуда хизмат мекунад.



**Шартномаи меҳнатӣ** — қарордодест, ки байни ходим ва кордиҳанда оид ба мутахассисӣ ва малакаи муайян, ба нишон додани шартҳо, риояи тартиби дохилӣ ва иҷрои корҳо аз рӯи лавозим баста мешавад.

### ШАРТҲОИ ШАРТНОМАИ МЕҲНАТӢ

Агар тарафҳо оид ба шартҳояшон вобаста ба ҳуқуқу ӯҳдадориҳои якдигар ба ҳам омада бошанд, шартномаи меҳнатӣ имзошуда ба ҳисоб меравад.

Шартҳои ду тараф тартибдода бисёранд, аз ин рӯ, қонунҳои оид ба меҳнат ду гурӯҳи шартҳоро дида мебароянд: асосӣ ва иловагӣ. Шартҳои

иловагӣ ба тарафҳои пурра ба як қарор омада вобаста ва бо қонуният маҳдуд намешавад.

**Инҳо кордиҳанда шуданашон мумкин:**

- корхонаҳо, аз ҷумла, шуъбаҳои алоҳидаи таркибии онҳо дар симои раҳбарон;
- агар мулкдор дар айни вақт раҳбари корхонаи хусусӣ бошад;
- баъзе шахсони ба синни ҳаждаҳ расида бино ба ҳуҷҷатҳои қонунӣ;
- тадбиркорони яккатартиби кироя, ки аз тарафи Девони Вазирони Республикаи Ўзбекистон муқаррар мешаванд.

**Ҳар як ходим:**

- барои гирифтани музд на кам аз разряди якуми ҷадвали ягонаи музди меҳнат, ки дар ҳуҷҷатҳои қонунӣ муқаррар шудааст;
- ҷорӣ шудани вақти кории муддаташ маҳдуд, кам кардани рўзи корӣ барои баъзе касбҳо ва корҳо, рўзҳои истироҳати ҳафтаина, рўзҳои ҷашн, инчунин истироҳат ба воситаи таътили солонаи музддор;
- ба касб тайёр шудан, боз тайёр шудан ва такмили ихтисос;
- барои ҷуброни зарар ба саломатӣ бино ба шароити кор ё зарари мулкӣ;
- аъзо шудан ба иттифоқҳои касаба ва дигар ташкилотҳо, ки манфиати ҷамоаҳои меҳнатиро ифода мекунанд;
- ҳангоми пиронсолӣ ё маҳрум шудан аз қобилияти меҳнат, нигоҳкунанда ва дигар ҳолатҳои дар қонун зикршуда гирифтани таъминоти иҷтимоӣ;
- ҳимояи ҳуқуқи меҳнати худ, аз ҷумла ба воситаи суд ҳимоя кардан ва ёрии малаканоки ҳуқуқӣ гирифтан;
- ҳуқуқи дастгирӣ намудани манфиати худ дар низоъҳои меҳнатиро дорад.

**Кордиҳанда:**

- идора кардани корхона ва дар доираи ваколаташ қарорҳои мустақил қабул намудан;
- мувофиқи ҳуҷҷатҳои қонунӣ тартиб додани шартномаҳои меҳнатии яккатартиб ва бекор намудани онҳо;
- талаб намудани иҷрои зарурии кор аз ходим, ки дар шартномаи меҳнатӣ нишон дода шудааст;

— барои ҳимояи манфиати худ ташкил кардани иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ бо дигар кордиҳандагон ва ба ин гуна иттиҳодияҳо аъзо шудан ҳуқуқ дорад.

Баъд аз имзои шартномаи меҳнат амр мебарояд ва онро ба ходим имзо гузошта шинос менамоянд. Он рӯзе, ки дар шартнома қайд шудааст, рӯзи ба кор қабул шудан аст.

## ШАРТНОМАИ МЕҲНАТӢ

— ба муддати номуайян:
— ба муддати муайян (набояд беш аз панҷ сол);
— барои иҷрои кори муайян баста мешавад.

Мувофиқи ҳуҷҷатҳои қонунии меҳнат дар Республикаи Ўзбекистон лаёқати меҳнатии инсон (яъне қобилияти ба амал баровардани ҳуқуқи меҳнат) аз 16-солагӣ сар мешавад.

Барои тайёркунии ҷавонон ба меҳнат муассисаҳои таълими миёна, миёнаи махсус ва касбу ҳунар ҳастанд. Агар ба саломати донишомўзон, камолоти маънавию ахлоқӣ зарар нарасад, ҷараёни таҳсил вайрон нашавад, кори сабук бошад, ҳангоми вақти озод бо розигии хаттии волидайн ё ононе, ки ҷои онҳоро гирифтаанд, агар 15-солро пур карда бошанд, ба кор қабул карда мешаванд.



**Супориши 1-ум.**

Нақшҳоро (ходим ва кордиҳанда) тақсим карда, матни шартномаи меҳнатиро оид ба қабули ноболиғ ба кор тартиб диҳед. Барои ин синну сол хусусияти корро ба назар гиред.



Шартномаи меҳнатӣ хаттӣ навишта мешавад. Шартномаи меҳнатӣ дар ду нусхаи эътиборашон якхела тартиб дода мешавад ва ба ҳар тараф барои нигаҳдорӣ тақдим мегардад.

**Кодекси меҳнати Республикаи Ўзбекистон, моддаи 74-ум**

**Супориши 2-юм.**

Маслиҳат карда, варианти оид ба ҳалли низои байни ходим ва кордиҳандаро пешниҳод кунед. Эҳтимолияти пешгирӣ кардани низоъро ҳам муқаррар намоед.

**Вазъият.**

Директори корхона собиқ ҳамсинфаш, мутахассиси олималакаро бо хушнудӣ пешвоз гирифт. Директор аз ҳасби ҳоли вай баъди мактаб, ҳангоми дар донишкада таҳсил кардан пурсида, дарҳол А.-ро ба кор қабул карданӣ шуд.

— Баъдтар расмӣ мекунем, — даст афшонда гуфт ба мудири шуъбаи ходимон.

Баъд аз як моҳ собиқ дӯстон дар масъалаи муайянкунии миқдори музд, вақт ва шартҳои кор бо ҳам ҷанҷол карданд. Ниҳоят, А. бо хоҳиши худ аз кор рафт. Собиқ дӯстон акнун душман шуданд.

**Хӯш, барои он ки воқеаҳо ин хел анҷом наёбад, чӣ гуна онро пешгирӣ кардан мумкин буд? А. ҳангоми ба кор даромадан ба кадом хатоҳо роҳ дод?**

**Донишатонро санҷед!**

1. Манфиатҳои ходимонро кадом ташкилотҳо ҳимоя мекунанд?
2. Дар шартномаи меҳнатӣ кадом шартҳо дохил мешаванд?
3. Шартномаи меҳнатӣ ба кадом муддатҳо баста мешавад?
4. Ходимонро аз чандсолагӣ ва бо кадом шартҳо ба кор қабул кардан мумкин аст?
5. Ба шартномаи меҳнатӣ кадом шартҳои иловагӣ дохил кардан мумкин?
6. Кӣ кордиҳанда шуда метавонад?

# § 22. МУҲОФИЗАТИ МЕҲНАТ

## ХУСУСИЯТҲОИ ҚАБУЛИ НОБОЛИҒОН БА КОР

Бо мақсади тарбияи меҳнатии донишомӯзон, оҳиста-оҳиста ба меҳнат ҷалб кардани онҳо қонун ба кор ҷой кардани ноболиғонро рухсат медиҳад. Зимни он супурдани кори ба саломатии вай зиённарасонанда ва ба ҷараёни таҳсил халал намекардагӣ, инчунин розигии яке аз волидайн ё шахси васӣ албатта шарт аст.

Шарти охиринро чунин эзоҳ додан мумкин: падару модар пеш аз ба кор ҷойгир кардани ноболиғ бо шароити кор ошно шуда, агар кор ба саломатии бача таъсир расониданӣ бошад, аз бастани шартнома даст кашиданашон мумкин. Зеро бино ба набудани таҷрибаи ҳаётӣ ҷавон ба шароити номақбули кор эътибор надоданаш мумкин.

## ҚАБУЛ БА КОР:

**Аз 15-сола:**

— бо розигии хаттии яке аз волидайн (зеро падару модар бояд шароити корро дониста, ба он розӣ шавад);
— дар вақти таътил ё аз вақти таҳсил бояд озод бошад;
— дар шароити рӯзи кории нопурра (ҳафтае аз 12 соат зиёд набошад);
— барои иҷрои кори сабук (дар як вақт набояд бори аз 4,1 кг зиёдро бардорад).

**Аз 16-сола то 18-солагӣ:**

— бо розигии хаттии яке аз волидайн;
— дар шароити рӯзи кории нопурра (ҳафтае набояд аз 24 соат зиёд бошад);
— барои иҷрои кори сабук (дар як вақт набояд бори аз 4,1 кг зиёдро бардоштан).

## КАФОЛАТ ВА ИМТИЁЗҲОИ ИЛОВАГӢ ҲАНГОМИ ҚАБУЛ БА КОР

— Вақти кори шахсони аз 16-сола то 18-сола агар бо корҳои фақат бо даст бардоштан ва кашонидани бор вобаста иборат бошад, мезони боркашонии онҳо набояд аз 4,1 кг вазнин бошад, инчунин онҳо барои кашонидани бор бо ёрии аробача ва вагонетка бояд ҷалб карда нашаванд.

— Агар аз се як қисми вақти кории ноболиғони то 16-сола бо кори бардоштану кашонидани бор бо даст вобаста бошад, мезони боркашонӣ бо даст барои писарбачаҳо 6,5 кг, барои духтарбачаҳо аз 3,5 кг набояд вазнин бошад.

— Агар вақти кории ноболиғони то 16-сола фақат аз бардоштан ва кашонидани бор бо даст вобаста бошад, барои онҳо мезони бардоштан ва кашонидани бор аз 2 кг набояд зиёд бошад.

— Ба ноболиғони то 16-сола ба кашонидани бор бо ёрии аробача ва вагонетка рухсат дода намешавад.

*Низом «Дар бораи мезони меъёри бардоштан ва кашонидани бори вазнин барои шахсони ҳаждаҳ солро пур накарда»*

## МАСЛИҲАТИ МО

### КОР МЕҶӮЯМ

Ба таҷрибаи амалӣ соҳиб нашуда, кори мувофиқи табъи дил ва зиёда аз он аз рӯи ихтисосатон кори хеле мушкил. Лекин ин ҳолат маънои «шумо то ёфтани кор бемалол шинед»-ро надорад. Агар дар саросари Ўзбекистон набошад, лоақал дар мавзеъе, ки шумо зиндагӣ мекунед, дар бораи кор ҷустанатон эълон диҳед.

— эълонро (барои ин ҷойҳои махсус мешавад) часпонида бароед;

— дар бораи будани кор ба корхонаҳои давлатӣ ва хусусӣ муроҷиат намоед;

— ба биржаи кори ноҳия равед;

— эълонҳои рўзномаҳоро дида истед.

Аз коре, ки шартҳои аҷоибу ғароиб дораду имзо шудани шартномаро пешниҳод намекунад, рад кардан маъқултар аст. Зеро дар аксар ҳолатҳо ин гуна шакли «қабул ба кор» бе додани музди кор дар якчанд муддат, бо сабабу баҳона бо холӣ шудан аз кор анҷом меёбад.

 

**Донишатонро санҷед!**

1. Сарчашмаҳои асосии ҳуқуқи меҳнатро номбар кунед.
2. Хусусиятҳои ба худ хоси ҳуқуқи меҳнат аз чӣ иборат аст?
3. Муносибатҳои меҳнатӣ бар асоси кадом тамоилҳо ба вуҷуд меоянд?
4. Дар соҳаи муносибатҳои меҳнатӣ манфиати ходимонро кадом ташкилотҳо ҳимоя мекунанд?
5. Зери мафҳуми «меҳнати маҷбурӣ» чиро мефаҳмед ва дар кадом ҳолатҳо ин гуна меҳнат манъ нашудааст?
6. Ба мафҳуми «шартномаи меҳнатӣ» эзоҳ диҳед. Он дар кадом шакл тартиб дода мешавад?
7. Оё шартномаи меҳнатиро даҳонӣ бастан мумкин аст?
8. Байни «шартномаи меҳнатӣ» ва «контракт» чӣ фарқ ҳаст?
9. Шартномаи меҳнатӣ чаро имзо карда мешавад?
10. Ба матни шартномаи меҳнатӣ кадом шартҳоро дохил кардан мумкин?
11. Аз чандсолагӣ ба кор қабул карда мешавад?

# § 23. РАСМӢ КАРДАНИ ҲУҶҶАТҲО ҲАНГОМИ ҚАБУЛ БА КОР

## ҲУҶҶАТҲОИ ЗАРУР БАРОИ БА КОР ДАРОМАДАН

Рӯихати муайяни маҷмӯи ҳуҷҷатҳо дар асоси санадҳои қонунии меҳнат барои ба кор қабул кардан аз тарафи маъмурият муайян карда шудааст. Ба кордиҳанда ба талаб кардани ҳуҷҷатҳое, ки дар қонун пешбинӣ нашудааст, қатъиян рухсат дода намешавад.

Қабул шудан ба кор бо амри маъмурият расмӣ кунонида, амр албатта ба ходим маълум карда, аз ин хусус забонхат гирифта мешавад. Дар амр бояд номи аниқи лавозими ходими ба кор қабулшуда мувофиқи ҷадвали штат нишон дода шавад. Бино ба амр ин ҳолат дар дафтарчаи меҳнатӣ низ сабт мешавад. Оғози кор одатан аз тартиб додани шартномаи меҳнатӣ ба асоси қарордод бо маъмурият муқаррар мегардад. Аммо сарфи назар аз эълони амр ва расмӣ кардани шартномаи меҳнатӣ ба кор баромадан аз оғози иҷрои вазифаи меҳнатӣ ҳисоб мешавад.

Ҳамин тариқ, кордиҳанда аз ходим ҳуҷҷатҳои зеринро бояд талаб намояд:

**Аз 15 то 16-сола:**

— розигии хаттии яке аз волидайн ё шахси васӣ;
— маълумотномаи ҷои таҳсил (дар бораи донишомӯзи ягон мактаб будани вай, бо шарти қайди вақти дарс);
— шаҳодатнома оид ба таваллуд ва маълумотнома аз ҷои зист;
— маълумотнома оид ба ҳолати саломатӣ

**Аз 16-сола то 18-сола:**

— маълумотнома аз ҷои зист ё шиноснома (паспорт) (бо сабти қайди доимӣ ё муваққатӣ);
— гувоҳномаи қайди ба хизмати ҳарбӣ ҷалбшаванда (дар шӯъбаи мудофиа);
— ҳуҷҷат оид ба маълумот ё ихтисос;
— маълумотнома оид ба ҳолати саломатӣ.

**Аз 18-сола боло:**

— паспорт (ба сабти қайди доимӣ ё муваққатӣ, ё дар бораи ба қайд дар ҷои зист);

— дафтарчаи меҳнатӣ (агар бори аввал ба кор даромаданӣ бошед, маълумотнома аз ҷои зист оид ба шуғли охирин);
— билети ҳарбӣ ё қайди гувоҳнома (барои ононе, ки ба хизмати ҳарбӣ маҷбуранд ё ҷалб мешаванд);
— диплом оид ба итмоми мактаби олӣ ё миёнаи махсус, ё гувоҳнома оид ба ҳуқуқи иҷрои кори муайян.

Ҳангоми қабул ба кор талаб намудани ҳуҷҷатҳое, ки дар санадҳои қонунӣ қайд нашудаанд, аз шахси ба кор дароянда манъ карда мешавад.

**Кодекси меҳнати Республикаи Ўзбекистон, моддаи 80**

Наврасон пешакӣ аз муоинаи тиббӣ гузашта, ба кор қабул карда мешаванд, баъдтар онҳо то 18-солагӣ ҳар сол ин гуна муоинаи (назорати) тиббиро мегузаранд. Ин ба зарурияти санҷидани таъсири манфии эҳтимолӣ ба саломатӣ вобаста аст. Ходимони ба воя расидагӣ агар дар шароити вазнин ё зарарнок, ё хавфнок меҳнат карда истода бошанд, ҳар сол муоинаи маҷбурии тиббӣ мегузаранд.

Муоинаи тиббӣ барои онҳое, ки бо маҳсулоти озуқаворӣ, давои инсонҳо, тарбияи бачаҳо ва таълим машғуланд, маҷбурӣ аст. Ҳамин тавр, онҳо бехавфии миҷозонро кафолат медиҳанд. Кормандон барои гузаштан аз муоинаи тиббӣ хароҷотро ба дўш намегиранд.

Кордиҳанда маҷбур аст, ки аз тоифаи зерини ходимон оиди ҳолати саломатиашон маълумотнома талаб кунад:
— 18-солро пур накарда;
— мардони 60-сола, занони 55-сола;
— ногиронҳо;
— дар шароити номусоиди меҳнат, инчунин бо наклиёт вобаста кор кунандагон;
— ононе, ки ба муолиҷаи бачаҳо, тарбия ва таълим машғуланд.

Дар ҳолатҳои мазкур кордиҳанда барои қабули шахсони аз муоинаи тиббӣ нагузашта, шахси ба кор дароянда барои аз он нагузаштан ҳақ надоранд.

## ДАФТАРЧАИ МЕҲНАТӢ

Дафтарчаи меҳнатӣ ҳуҷҷати асосии тасдиққунандаи стажи кории ходим аст.

Дафтарчаи меҳнатӣ:

— барои ононе, ки бори аввал ба кор медароянд—баъди ба кор сар кардан 5 рӯз нагузашта пур карда мешавад;

— агар гум карда шавад, нусхааш навишта дода мешавад ( баъдтар сабтҳои пешина барқарор карда мешавад).

Ба он ин сабтҳо дохил карда мешаванд: санаи қабул ба кор, ихтисос, лавозим, рағбатнок карданҳо, санаи аз кор озод шудан, мувофиқи кадом моддаи Кодекси меҳнат озод шудан қайд мегардад.



## МУДДАТИ ОЗМОИШ

Бино ба қарори кордиҳанда барои санҷидани лаёқати ходим дар кори супурдашуда онро ҳангоми қабул ба кор бо шарти озмоиш расмӣ кардан мумкин. Дар ин асно муддати озмоиш қайд мешавад. Ҳуҷҷатҳои қонун муддати дарозтарини озмоишро то 3 моҳ муқаррар кардааст. Ононе, ки ба озмоиш бардошт накарданд, аз кор сабукдӯш карда мешаванд. Агар ходим аз бастани шартнома бо шарти гузаштани муддати озмоиш сар тобад, кордиҳанда ҳақ дорад оид ба қабули кор ҷавоби рад диҳад.

Муддати озмоиш на фақат барои санҷидани лаёқати ходим ба кори супурдашуда, балки имкон медиҳад, ки ходим барои ба ин кор муносиб буданаш боварӣ ҳосил намояд. Агар ӯ фаҳмад, ки ин кор ба вай мақбул нест, он вақт бо ташаббуси шахсиаш се рӯз пеш кордиҳандаро хаттӣ огоҳ намуда, корро бозмедорад.

Мувофиқи сарсатри 3-юми моддаи 84-уми Кодекси меҳнати Республикаи Ӯзбекистон ба кордиҳанда ба шахсони мансуб ба тоифаи зерин муқаррар намудани муддати озмоишро манъ мекунад:

— занони ҳомиладор;
— ба заноне, ки фарзандашон се солро пур накардааст;
— ба шахсоне, ки барои корхона ба дигар ҷо фиристода мешаванд;
— агар дастпарварони муассисаҳои миёнаи махсус, касбу ҳунар ва муассисаҳои таҳсилоти олиро тамом карда бори аввал ба кор қабул шуда бошанд, дар давоми се сол;
— агар бо ходимон барои шаш моҳ шартномаи меҳнатӣ имзо шуда бошад.

Даври ба меҳнати муваққатӣ белаёқат будан ва бо сабабҳои узрнок ба кор набаромадани ходим, даврҳои дигар ба муддати озмоиши нахустин намедароянд.

Агар то анҷоми муддати озмоиш яке аз тарафҳо шартномаи меҳнатиро бекор накунад, шартномаи меҳнатӣ минбаъд ҳам амал хоҳад кард ва пас аз он ба бекоркунии он ба асосҳои умумӣ роҳ дода мешавад.

**Супориши 1-ум.**

**Вазъияти зеринро дида баромада, барои ҳалли он бар асоси меъёрҳои қонунҳои меҳнат кӯшиш кунед.**

**Вазъият.**

С.-ро бо муддати 2 моҳи озмоиш ба сифати тарҷумон ба кор қабул карданд. То охири муддати озмоиш ду рӯз монда буд, ки маъмурият нисбат ба ӯ муддати озмоиш боз ба як моҳ дароз шуданашро маълум кард.

Баъд аз ду ҳафта ба корхона ходими дигар ба сифати тарҷумон қабул шуд. Ба С. гуфтанд, ки барои ба муддати озмоиш тоб наовардан аз кор сабукдӯш гардидааст.

**Дар ин ҳолат оё қонуни меҳнат вайрон шуд? Аз ин кор сабукдӯш шудани С. оё шикастани ҳуқуқи вай нест? Агар ин тавр бошад, С. ҳуқуқҳояшро чӣ гуна ҳимоя карда метавонад?**

**Донишатонро санҷед!**

1. Ба наврасони аз 14-сола то 15-сола иҷрои кадом корҳо манъ карда мешавад?
2. Барои ба кор даромадан ба маъмурият кадом ҳуҷҷатҳоро бояд тақдим намуд:
   1) аз 15- сола; 2) аз 16- сола то 18-сола; 3) аз 18-сола боло?
3. Ноболиғонро бар асоси кадом шартҳо ба кор қабул кардан мумкин аст:
   1) Аз 15-солагӣ; 2) аз 16-солагӣ; 3) аз 17 то 18-солагӣ?
4. Ҳангоми ба кор қабул кардан муддати озмоиш ба кадом мақсад муқаррар карда шудааст?
5. Кордиҳанда ҳангоми ба кор қабул кардан талаб кардани маълумотнома оид ба саломатӣ оё шарт аст?
6. Дар кадом ҳолатҳо ба кор қабул карданро рад кардан мумкин?

# § 24. ДОДАНИ МУЗД ВА ИНТИЗОМИ МЕҲНАТ

## МУҚАРРАР КАРДАНИ МУЗДИ МЕҲНАТ

Мувофиқи шартҳои шартнома ва қонунҳои меҳнат маоши меҳнати ходим ба саҳми меҳнати шахсӣ ва ба сифати кори он вобаста аст. Дар ин бобат ба ҷинс, синну сол, нажод, миллат ва монанди инҳо нигоҳ карда миқдори муздро кам кардан манъ карда мешавад.

Малакаи ходим ё лавозими вай ҳиссаи аниқи онро пурра ифода карда наметавонад. Аз ин сабаб миқдори индивидуалии аниқи мукофотҳо барои меҳнат бо ёрии системаи гуногуни вақти кор маълум карда мешавад.



**Музди кор** — суммаи пулест, ки ба ходим барои иҷрои кор ё дар шартномаи меҳнат қайдшуда ба сифати мукофот мунтазам пардохта мешавад.

Дар Республикаи Ўзбекистон ду тарзи асосии музди меҳнат—вақтбайъ ва корбайъ истифода мешавад.

Аз тарзи вақтбайъ аксаран музди кор аз вақти корӣ ва ҳангоми арзёбӣ намудани меҳнати хизматчиён аз рўи маоши лавозим истифода мебаранд.

Тарзи корбайъ дар арзёбӣ кардани меҳнати коргарон ба сифати маҳсулоти тайёркардааш нигоҳ карда, пардохтани музд аст.

Миқдори музди меҳнат дар асоси қарори байни кордиҳанда ва ходим муайян карда мешавад. Зимнан ҳақи меҳнати ходим барои як даври муайян ва иҷрои пурраи вазифаҳои меҳнатӣ аз миқдори ҳаддалақали (камтарини) маош набояд кам бошад ва миқдори бисёртарини он дар ягон тарз маҳдуд карда нашудааст.

Муддатҳои додани музди кор ҳангоми имзои шартномаи меҳнатӣ муқаррар мешавад, лекин дар ҳар як ним моҳ аз як маротиба набояд кам бошад.

Ба музди кор пардохти иловагии миқдори камтарин ва дигар мукофотҳою рағбатпулиҳо дохил намешавад.



Ба ходимони ҳаждаҳ солро пур накарда музди меҳнати вақти кориаш ихтисоршуда баробари музди кори он тоифаи ходимоне, ки вақти рӯзонаи кориашон пурра аст, дода мешавад.

Ба меҳнати донишомӯзоне, ки дар вақти холӣ аз дарс дар корхонаҳо кор мекунанд, ба вақти коркардаашон мутаносибан ё ба маҳсулоти истеҳсол кардаашон нигоҳ карда музд дода мешавад.

**Кодекси меҳнати Республикаи Ӯзбекистон, моддаи 243-юм**



**Супориши 2-юм.**

Ҷадвалро кӯчонед. Ба кадом касб тартиби музди корбайъ ва ба кадом ихтисос маоши вақтбайъ фоиданок аст, пур кунед. Фикри худатонро бо далелҳо асоснок намоед.

| № | Ихтисос | Низоми додани музд | | Далелҳо |
|---|---|---|---|---|
| | | вақтбайъ | корбайъ | |
| 1 | Муаллим | | | |
| 2 | Пешхизмат | | | |
| 3 | Бинокор | | | |
| 4 | Посбон | | | |
| 5 | Лётчик | | | |
| 6 | Тадбиркор | | | |
| 7 | Раҳбари корхона | | | |
| 8 | Ошпази ресторан | | | |
| 9 | Корманди корҳои дохилӣ | | | |

## ХУСУСИЯТҲОИ ДОДАНИ МУЗД БАРОИ КОРҲОИ БЕРУН АЗ ВАҚТИ КОР ВА РӮЗҲОИ ИСТИРОҲАТ, РӮЗҲОИ ҶАШН

Бино ба қонунҳои оид ба меҳнат кор кардан дар рӯзҳои ҷашн қатъиян манъ аст. Аммо барои ба кор ҷалб кардани ходимон дар вақти берун аз кор, рӯзҳои истироҳат ва идҳо вобаста ба вазъият зарурат ҳам пайдо мешавад. Масалан, зарурати пешгирӣ ё бартараф кардани офатҳои табиӣ ё фалокати истеҳсолотӣ; ҷилавгирӣ аз ҳодисаҳои нохуш ё гум шудани молу мулк; зудтар иҷро намудани кор барои ояндаи корхона, масалан, ҳангоми канда шудани сими барқ, зарурати дигаркунии электротрансформатор, қубури нефт ё сӯрох шудани қубури газ, афтидани санг ба роҳ ва ҳоказо.



**Музди кор дар ҳолатҳои зерин ба миқдори ду ҳисса дода мешавад:**

— берун аз вақти кор;
— рӯзҳои истироҳат;
— рӯзҳои ҷашн;
— ё додани рӯзи истироҳат (отгул) дар дигар вақт.

## ИНТИЗОМИ МЕҲНАТ

Яке аз шартҳои зарурии таъмини интизоми меҳнат дар корхона ҷорӣ карда шудани тартиби аниқи меҳнат бар асосии Қоидаҳои тартиби дохилӣ, ки ҷамоаи меҳнатӣ тасдиқ кардааст, ба ҳисоб меравад. Бинобар он ҳар як ходим пеш аз оғози кор бо ҳуқуқу ӯҳдадориҳояш бояд шинос шавад.

Интизоми меҳнат аслан ба муносибати бошуурона нисбат ба меҳнат бунёд мешавад, аммо дар ҳуҷҷатҳои қонунӣ нисбат ба ходимони ноинсоф зарурати кор бурдани чораҳои таъсирноки интизомӣ дар назар дошта шудааст.

Барои вайронкунии интизом кордиҳанда ҳақ дорад чораҳои ҷазоро истифода кунад. Пеш аз истифодаи ҷазо аз ходим баённомаи хаттӣ талаб кардан лозим аст. Ҷазои интизомӣ бевосита баъди аниқ сохтани рафтори ношоям, аммо ин рафтор аз вақти аниқшуда эътиборан дераш дар тӯли 1 моҳ бояд истифода шавад. Бино ба тафтиш ва санҷидани фаъолияти молиявию хоҷагӣ ҷазо аз рӯзи содир шудани камбудӣ то ду сол эътибор дорад.

Амр дар бораи додани ҷазои интизомӣ ба ходим маълум карда, аз он забонхат гирифта мешавад.

Бино ба моддаи 181-уми Кодекси меҳнати Республикаи Ўзбекистон барои вайронкунии интизоми меҳнат чунин намудҳои ҷазо пешбинӣ шудааст:

— ҳайфи ту;
— ҷарима – на кам аз 30 фоизи маоши миёнаи моҳона (бино ба қоидаҳои тартиби дохилӣ аз ин ҳам ҷаримаи калон мумкин, лекин бояд аз 50 фоизи маоши моҳона зиёд набошад)
— бекор кардани шартномаи меҳнатӣ.

## МУДДАТИ АМАЛИ ҶАЗОИ ИНТИЗОМӢ

Муддати амали ҷазои интизомӣ аз рӯзи истифодаи ҷазо бояд аз як сол нагузарад. Агар ходим дар давоми як сол бори дигар ба ҷазои интизомӣ кашида нашавад, ӯ ҷазои интизомӣ нагирифта ҳисоб мешавад.

— Муддати амал кардани ҷазо—1 сол (баъди гузаштани як сол худ аз худ гирифта партофта мешавад);
— ҷазоро пеш аз муддат бекор кардан мумкин;
— ҷазо ба дафтарчаи меҳнатӣ ва карточкаи шахсии ходим сабт намешавад;
— барои як рафтори ношоям баъди муайян кардани ин гуна ҳаракат дар давоми як моҳ як маротиба дода мешавад;
— амр оид ба истифодаи ҷазои интизомӣ ба ходим маълум карда мешавад, забонхат гирифтан шарт аст.

Ҷазои интизомӣ дар дафтарчаи меҳнатӣ қайд намешавад, агар аз кор сабукдӯш шавад, ба ҳуҷҷати шахсие, ки ба ҷои нави кор дода намешавад, қайд мегардад. Кордиҳанда ҳақ дорад, ки бо ташаббуси худ дар як сол бино ба илтимоси ходим ё ҷамоаи меҳнатӣ ҷазои интизомиро бекор намояд.



Истифодаи ҷазоҳое, ки дар Кодекси меҳнат дар назар дошта нашудааст, манъ карда мешавад.

**Кодекси меҳнати Республикаи Ўзбекистон, моддаи 181-ум.**

## ҶАВОБГАРИИ МОДДИИ ТАРАФҲОИ ШАРТНОМАИ МЕҲНАТӢ

Ходим дар ҳолатҳои зерин ба кордиҳанда барои расонидани зарар ба он товони зарарро пурра бояд пардохт намояд:

— дар асоси шартномаи хаттӣ барои таъмин накардани нигаҳдории чизҳои қиматбаҳо, ки ба вай бовар карда супурда шуда буд;
— барои таъмин накардани нигоҳ доштани чизҳои қиматбаҳо, ки бар асоси ҳуҷҷати як дафъагӣ қабул карда шудааст;
— агар зарар қасдан расонида шавад;
— аз таъсири нўшокии алкоголӣ ё моддаи токсикӣ (захрнок) маст шуда, зарар расонида бошад;
— агар дар натиҷаи рафтори ҷиноии ходим зарари расондааш бо ҳукми суд аниқ карда шуда бошад;
— агар сири тиҷоратӣ ошкор гардад.



Ходимони ҳанўз ҳаждаҳ солро пур накарда фақат барои қасдан зарари расондаашон, дар ҳолати мастӣ аз таъсири нўшокии алкогол, моддаи нашъамандӣ, ё захрнок, ё барои зарари расида бар оқибати ҷинояти содиршуда пурра ба ҷавобгарии моддӣ кашида мешаванд.

## РАҒБАТ БАРОИ МЕҲНАТ

Ба ходим барои муносибатҳои эҷодгаронааш ва нишондиҳандаҳои баланд чораҳои рағбатнок кардан истифода мешавад:

— эълони ташаккурнома;
— мукофот додан:
— бо тухфаҳои гаронбаҳо тақдир намудан;
— мукофати давлатӣ тақдим кардан;
— дигар намудҳои рағбатсозӣ, ки дар шартномаи меҳнатӣ қайд шудааст.

## МУКОФОТҲОИ ДАВЛАТӢ БАРОИ КОМЁБИҲО ДАР МЕҲНАТ



Шаҳрвандони Республикаи Ўзбекистон ва шахсоне, ки шаҳрванди Республикаи Ўзбекистон нестанд, барои бо меҳнати ҳалол расидан ба комёбиҳои баланд дар роҳи тараққии иқтисодиёт, илм ва маданияти республика, дар кори тарбияи насли ҷавон дар рўҳи ватанпарварӣ ва садоқат ба ғояҳои миллии истиқлол ва инкишофи иҷтимоӣ бо медали «Шухрат» мукофотонида мешаванд.

*Қонуни Республикаи Ўзбекистон*
*аз 5-уми майи соли 1994.*



Шаҳрвандони Республикаи Ўзбекистон барои кўмакашон дар бобати боло бурдани иқтисодиёт ва маданият, афзун намудани беҳбудии халқ, ҳифзи сулҳу барқарорӣ дар Ўзбекистон, хизматҳои бузурги меҳнатӣ бо ордени «Меҳнат шуҳрати» мукофотонида мешаванд.

*Қонуни Республикаи Ўзбекистон*
*аз 30–юми августи соли 1995*



**Вазифаҳоро тақсим намоед: ходим, усто, сардори сех, комиссияи низоъҳои меҳнат. Ба қонунӣ будани қарори ҳар як тараф онҳоро бовар кунонед.**

Бино ба рухсати усто коргар Н. баъди танаффуси нисфирўзӣ ба кор набаромад. Бригадаи истеҳсолие, ки он аъзо буд, супоришро иҷро накард. Бино ба амри сех Н. аз мукофоти моҳона маҳрум карда шуд.

**Дар ҳолати мазкур оё қонунҳои меҳнат вайрон шуд?**



**Донишатонро санҷед!**

1. Кадом тартиби асосии додани музди меҳнат дар Ўзбекистон мавҷуд аст? Онҳо аз якдигар чӣ фарқ доранд?
2. Дар муқаррар кардани маоши ҳаддалақал (минимал) кадом маҳдудиятҳо ҳастанд?
3. Ба кори рўзи истироҳат ва рўзҳои ид чӣ гуна музд дода мешавад?
4. Дар ҳуҷҷатҳои қонунии меҳнат барои меҳнат кадом рағбатҳо дар назар дошта шудаанд?
5. Дар ҳолати вайронкунии интизоми меҳнат ба ходим чӣ гуна ҷазоҳо дода мешавад?

## § 25. ВАҚТИ КОР ВА ВАҚТИ ИСТИРОҲАТ. ТАҒЙИР ДОДАН ВА БЕКОР КАРДАНИ ШАРТНОМАИ МЕҲНАТӢ

### ВАҚТИ КОР

Дар ҷамъияти ҳозира меҳнати коргарон ва хизматчиён бо мазмун ва мураккабиаш фарқ мекунад. Кори ҳамаи меҳнаткашонро чӣ гуна бо як мезон баҳо додан мумкин? Вақти кор яке аз ҳамон мезонҳо аст. Давлат онро ба тартиб андохта, ба натиҷаҳои меҳнат ва ба назардошти давомнокии вақти кор миқдори рағбатнок намуданро муайян мекунад ва ҳамин зайл ҳуқуқи истироҳатро, ки дар Конститутсия зикр шудааст, ҳаққонӣ таъмин менамояд.



Муддати муътадили вақти кор ҳафтае аз 40 соат бояд зиёд набошад.

**Кодекси меҳнати Республикаи Ўзбекистон, моддаи 115**

**Намудҳои ҳафтаҳои меҳнат:**

— панҷрўза—бо ду рўзи истироҳат;

— шашрўза—бо як рўзи истироҳат.

### ВАҚТИ КОР

— дар ҳафтаи шаш рўзи корӣ-- рўзе 7 соат;

— дар ҳафтаи панҷ рўзи корӣ-- рўзе 8 соат;

— барои шахсони аз 15-сола то 16-сола—ҳафтае дераш то 36 соат;

— корҳои берун аз вақти кор — мунтазам дар давоми ду рўз дераш то 4 соат;

— мунтазам ба ду смена (баст) ба кор ҷалб кардан манъ шудааст;

— дар корҳои шароити меҳнаташ номусоид—ҳафтае 36 соат (моддаи 117);

— дар арафаи рўзҳои ҷашн (ғайрикорӣ) муддати кор 1 соат кам карда мешавад (моддаи 121);

— кори шабона (аз соати 22.00 то 6.00) 1 соат кам карда мешавад (моддаи 122).

**Супориши 2-юм.**

Ҷамоаи меҳнатии корхона ҳафтае 5 рӯз кор мекунад. Ҷадвали кори онро дар арафаи ҷашн тартиб диҳед. Корхона 2 баст кор мекунад. Ҷамоа аз ходимони солашон гуногун иборат аст:

— то 15-сола — 5 нафар;
— то 16-сола — 1 нафар;
— то 18-сола — 12 нафар;
— аз 30-сола бола — 20 нафар.

## ВАҚТИ ИСТИРОҲАТ ВА РӮЗҲОИ ҶАШН

Бино ба Конститутсияи Республикаи Ӯзбекистон ҳуқуқи меҳнати шаҳрвандон бо ҳуқуқи истироҳат мукаммал карда мешавад. Зери мафҳуми «истироҳат» вақте фаҳмида мешавад, ки ходимон аз иҷрои вазифаи меҳнатиашон фориғ шуда, онро бо ихтиёри худ истифода бурданашон мумкин аст. Аз тарафи қонун ба ҳуқуқи истироҳат танаффусҳои дар давоми вақти кор (аз оғози кор дераш баъд аз 4 соат), истироҳати рӯзона (байни рӯзҳои кор ва баст), рӯзҳои истироҳати ҳафтагӣ, рӯзҳои ҷашн (ғайрикорӣ) ва таътил медароянд.

Вақти истироҳат вақтест, ки ходим аз иҷрои вазифаҳои меҳнатиаш фориғ буда, аз он бо ихтиёри худ истифода бурданаш мумкин.

**Кодекси меҳнати Республикаи Ӯзбекистон, моддаи 126.**

**Вақти истироҳат:**

— танаффуси барои истироҳат ва хӯрок хӯрдан (дераш то 2 соат);
— истироҳати рӯзона (камаш 12 соат);
— рӯзҳои истироҳат (дар ҳафтаи 5 рӯзи корӣ — ду рӯз, дар ҳафтаи 6 рӯзи корӣ — як рӯз);
— дар рӯзҳои истироҳат кор кардан манъ аст (агар ба ҷалби баъзе коргарон дар ҳолатҳои алоҳида рухсат дода шавад, музди меҳнат ду ҳисса дода мешавад);
— таътилҳои солона (камаш — 15, бештараш — 48 рӯзи корӣ);
— рӯзҳои ҷашн.

## РЎЗҲОИ (ҒАЙРИКОРӢ) ҶАШН:

— 1-уми январ — Соли нав;
— 8-уми март — Рўзи бонувон;
— 21-уми март — иди Наврўз;
— 9-уми май — Рўзи хотира ва қадр;
— 1-уми сентябр — Рўзи истиқлол;
— 1-уми октябр — Рўзи омўзгорон ва мураббиён;
— 8-уми декабр — Рўзи Конститутсия;
— Иди Рамазон (Ид-ал-фитр) — рўзи якуми ҷашни динӣ;
— Иди Қурбон (Ид-ал-Адҳо) — рўзи якуми ҷашни динӣ.

## ТАЪТИЛИ МЕҲНАТ



Соли аввали кор таътили асосии солона баъд аз шаш моҳи кор дода мешавад.

**Кодекси меҳнати Республикаи Ўзбекистон, моддаи 143-юм.**

Ба шахсони зерин бо назардошти синну сол ва ҳолати саломатиашон таътили асосии дарози солона дода мешавад:

— ба шахсони ҳаждаҳ солр пур накарда — сӣ рўзи тақвимӣ;

— ба ногиронҳои гурўҳи I ва II-юми коркунанда—сӣ рўзи тақвимӣ.

**Кодекси меҳнати Республикаи Ўзбекистон, моддаи 135-ум.**







**Масъалаҳои зеринро ҳал кунед. Дар ҳолати зерин ҳуқуқи корманд шикаста шудааст? Қонуни меҳнат чӣ?**

**Вазъяти 1-ум.**

Коргар А. аз сабаби он ки ба танаффуси нисфирӯзӣ набаромада кор кард, вале як соат пеш ба хона рафт. Маъмурияти корхона ба ӯ ҳайфи ту эълон карда, аз мукофот маҳрум намуд.

**Дар ин ҳолат оё ҳуқуқҳои коргар вайрон шуд?**

**Вазъияти 2-юм.**

Донишомӯз Н. вақти таътил ба кор қабул шуд. Мувофиқи аҳду паймон бо соҳиби устохонаи мошин ба кор қабул шудани вай расмӣ карда нашуд. Фақат дар бораи музди кори якмоҳа аҳд намуданд. Дар давоми се моҳ, аз он ҷумла рӯзҳои ҷашн ва истироҳат Н. ба дараҷаи калонсолон кор кард.

**Оё ҳуқуқи меҳнати Н. вайрон гардид?**

**Вазъияти 3-юм.**

Коргар А. ба мактаб-литсейи рақами 50-ум ба сифати ёрдамчии коргар қабул шуда буд. Дере нагузашта дар бораи бесабаб ба кор наомадани ӯ ва аз кор сабукдӯш шуданаш амри директори мактаб баромад. А. ба суд муроҷиат кард. Суд дар давоми кор аниқ кард, ки А. ба сифати ёрдамчии коргар қабул шудаасту лекин вазифаи посбониро иҷро кардааст. Ба вай баъди смена ду рӯзи истироҳат додан зарур буд.

**Дар ин ҳолат қонунҳои оид ба меҳнат нисбат ба А. оё шикаста шуд?**

## БЕКОР ШУДАНИ ШАРТНОМАИ МЕҲНАТӢ

Бино ба Кодекси меҳнат (моддаи 99, қ. 1.) ходим ҳақ дорад, ки шартномаи меҳнатии ба муддати номуайян имзошударо, шартномаи муддатии ба охир нарасидаро бо усули аз ин хусус ду ҳафта пеш хаттӣ огоҳ кардани маъмурият бекор кунад. Баъди гузаштани муддати огоҳкунӣ ходим корро боздошта метавонад, кордиҳанда бояд ба ходим дафтарчаи меҳнатиашро дода, бо ӯ ҳисобу китоб намояд. Агар дар шартнома ҳангоми пеш аз муддат бекор кардан ҳар ду тараф ӯҳдадориро бар дӯш гирифта, пардохта-

ни неустойка қайд шуда бошад, пас кордиҳанда аз ходим суммаи пули дар шартнома қайдшударо талаб карданаш мумкин.

**Неустойка (ҷарима)** — суммаи пуле, ки дар қонун ё шартнома муайян карда шуда, онро қарздор ба кредитор барои иҷро накардани маҷбурияташ баргашта доданаш шарт аст.

Муддати хатти огоҳӣ дар бораи бекор кардани шартномаи меҳнатӣ баъд аз як рӯзи супурдани он ҳисоб мешавад. Муддати огоҳкунӣ на аз ҳисоби рӯзи корӣ, балки аз ҳисоби тақвим ҳисоб карда мешавад, яъне ду ҳафта, иборат аз 14 рӯз.

Агар баъди муддати огоҳкунӣ ходим корро давом диҳад, дар ин асно ариза дар бораи бекор кардани шартномаи меҳнатӣ эътибори худро гум мекунад. Ҳамин тариқ, ходим дар давоми муддати огоҳкунӣ аризаи додаашро, аз ҷумла рӯзи охирини кор баргардонида гирифтанаш мумкин, кордиҳанда барои рад кардан ҳақ надорад.

Барои бекор кардани шартномаи меҳнатӣ ҳолатҳои зерин асос мешаванд:

— бо ихтиёри худ;
— баробари ба охир расидани муддати шартнома;
— ба хизмати ҳарбӣ (муқобил) ҷалб шудани ходим ё хизматчӣ;
— бо ташаббуси маъмурият бекор шудани шартнома;
— бо розигии ходим ӯро ба дигар корхона гузаронидан;
— ба лавозими интихобии идораи давлатӣ гузаштани ходим;
— эътибор пайдо кардани ҳукми суд.

Бекор кардани шартномаи меҳнатӣ бо амри маъмурияти корхона расмӣ кунонида мешавад.

Кордиҳанда ҳамон рӯзи бекор шудани шартномаи меҳнатӣ дафтарчаи меҳнатӣ ва нусхаи амрро оид ба бекор кардани шартнома бояд ба ходим диҳад.

## БО ТАШАББУСИ КОРДИҲАНДА БЕКОР КАРДАНИ ШАРТНОМАИ МЕҲНАТӢ

Бино ба Кодекси меҳнат (моддаи 100, қ.2.) бар заминаи сабабҳои зерин шартномаи меҳнатиро бекор кардан мумкин:

— туфайли ихтисоршавии ҳаҷми кор шумораи ходимон дигар шавад;
— малакаи ходимон кифоя набошад ё бино ба саломатиаш ба кор лаёқат надошта бошад;
— ходим вазифаҳои меҳнатиашро мунтазам вайрон кунад;
— як маротиба дағал вайрон карда шудани вазифаи меҳнатӣ аз тарафи ходим (рӯихати ин гуна вайронкуниҳо дар ҳар як корхона мешавад);
— бекор кардани шартнома ба муносибати ба кор гирифтани ходиме, ки дар ду ҷой кор намекунад, ба ҷои ходиме, ки дар ду ҷой кор мекунад;
— бино ба сабаби дигар шудани мулкдор шартномаи меҳнатие, ки бо раҳбари корхона имзо шуда буд, бекор мешавад (масалан, корхона аз мулки давлат ба мулки ҷамоавӣ ё хусусӣ гузарад);
— агар ходим ба синни нафақа расида бошад, бино ба ҳуҷҷатҳои қонунӣ вай ҳуқуқи ба нафақа баромадан дорад.
— агар кордиҳанда бо дигар сабабҳо шартномаи меҳнатиро бекор кунад, ин амал ғайриқонунист.



**Бо вазъиятҳои зерин шинос шавед, оид ба роҳҳои баргардонидани ҳуқуқи вайроншуда пешниҳоди худро гӯед.**

**Вазъияти 1-ум.**

Донишомӯзи синфи 9-ум А. ба заводи шир ба сифати боркашон қабул шуд. Ҳангоми бардоштани қуттии ширдор он афтид ва дар натиҷа шишаҳои шир шикастанд. Маъмурияти заводи шир қимати зарари расидаро аз музди кори А. баровард. Падару модари А. баргардонидани пул ва дафтарчаи меҳнатиро бо қайд оид ба сабукдӯш кардани писарашон талаб карданд. Дар шуъбаи кадрҳо ин талабро рад намуда, «А. ҳоло ноболиғ, аз ин сабаб дафтарчаи меҳнатӣ кушодан мумкин нест», гуфтанд.

**Хӯш, кӣ ҳақ аст? Дар ин ҳолат қонунҳои меҳнат чӣ гуна вайрон карда шудааст?**

**Вазъияти 2-юм.**

Коргари 16-сола У. дар корхона нақшаи муқарраршударо мунтазам иҷро накард. Аз ин рӯ, маъмурият дар назди ташкилоти иттифоқҳои касаба масъалаи аз кор холӣ кардани А.-ро гузошт. Маҷлиси иттифоқҳои касаба оид ба сабукдӯш кардани ӯ аз кор қарор баровард ва бино ба амри маъмурияти корхона аз кор холӣ шуд.

**Дар ин ҳолат оё қонунҳои оиди меҳнат шикаста шуд?**

**Вазъияти 3-юм.**

Маъмурияти пойгоҳи меваю сабзавот дар мавсими ҷамъоварии ҳосил барои бор кардану фуровардани маҳсулот рӯзҳои истироҳат С.-и ба воя нарасидаро ба кор ҷалб намуд. Якшанбеи сеюм С. ба кор набаромад ва барои бесабаб гузоштани кор аз кор холӣ карда шуд.

**Дар ин ҳолат оё ба вайронкунии қонунҳои меҳнат роҳ дода шуд? Агар роҳ дода шуда бошад, кадом қоидаҳои он вайрон шудааст?**

**Донишатонро санҷед!**

1. Ба мафҳуми «вақти кор» ва «вақти истироҳат» чиҳо мансубанд?
2. Дар ҳафтаҳои панҷрӯзӣ ва шашрӯзии кор вақти кор чанд соатро ташкил мекунад?
3. Хусусияти кори ноболиғон аз чиҳо иборат аст?
4. Дар республика кадом рӯзҳо рӯзҳои ҷашн мебошанд?
5. Вақти истироҳати рӯзона чанд соатро бояд ташкил кунад?
6. Таътили навбатии меҳнатӣ баъд аз чанд моҳи кор дода мешавад?
7. Хусусияти таътили меҳнати ноболиғон аз чиҳо иборат аст?
8. Дар кадом ҳолатҳо ходимро бидуни розигии вай ба дигар кор гузаронидан мумкин аст?
9. Барои бекор кардани шартномаи меҳнатӣ чиҳо асос шуда метавонанд?
10. Хусусияти аз кор сабукдӯш кардани шахсони ба воя нарасида чист?

## § 26. НИЗОЪҲОИ МЕҲНАТӢ ВА ТАРТИБИ ҲАЛЛИ ОНҲО

### ТАРАФҲО ВА МАЗМУНИ НИЗОЪҲОИ АЛОҲИДАИ МЕҲНАТӢ

**Низоъҳои меҳнатӣ** зиддиятҳое, ки ҳангоми истифодаи санадҳои қонунии оид ба меҳнат байни ходимон ва кордиҳандагон рӯй медиҳад.

Низоъҳои меҳнатиро ба хусусӣ ва ҷамоавӣ ҷудо кардан мумкин аст. Дар низоъҳои хусусӣ ҳуқуқҳо, манфиатҳои қонунии ходими муайян боиси баҳс ва ҳимоя мешавад. Дар низоъҳои ҷамоавӣ ҳуқуқҳо, манфиатҳо ва ваколатҳои ҷамоаи том ё як қисми он ҳимоя карда мешавад.

Шахсе, ки бо мақсади барқарор кардан ё ҳимояи ҳуқуқи меҳнати вайроншуда аз рӯи низои меҳнат кор (парванда) боз кардааст, шахси даъвогар ба ҳисоб меравад. Ҷавобгар шахси аз рӯи даъво ба ҷавобгарӣ кашидашаванда аст.

### КОМИССИЯҲОИ НИЗОЪҲОИ МЕҲНАТИРО ҲАЛКУНАНДА

Ҳамаи корҳои хусусӣ аввал дар маҷлиси муштараки комиссияҳои низоъҳои меҳнатӣ (КНМ) ва кумитаи иттифоқҳои касаба дида баромада мешаванд. Агар қарори КНМ зиддиятро бартараф накунад, пас аз рӯи қарор ба суд шикоят карда мешавад. Даъвогар арзи даъворо хаттӣ ба суди ноҳия (шаҳр) медиҳад. Дар муддати 10 рӯз аз болои қарори суд ба суди зинаи боло шикоят кардан мумкин. Қонун дарҳол иҷро шудани қарорро талаб мекунад. Маъмурият қарори судро дар муддати 3 рӯз бояд иҷро кунад.

### ТАРТИБИ ДИДА БАРОМАДАНИ НИЗОЪҲОИ МЕҲНАТӢ

Дар ҳолати ба вуҷуд омадани зиддиятҳо байни кордиҳанда ва ҷамоаи меҳнатии корхона тарафҳо бо иштироки вакилони худ комиссия ташкил мекунанд, агар дар ин асно ба муросо наоянд, кор дар суд дида баромада мешавад.

Тартиби дида баромадани низоъҳои меҳнатии хусусӣ бо Кодекси меҳнат ба тартиб дароварда мешавад, тартиби дида баромадани корҳо оид ба низоъҳои меҳнатӣ дар суди ноҳия (шаҳр) амалӣ мегардад ва бо Кодекси мурофиавии шаҳрвандӣ муқаррар мешавад.

Дар ҳуҷҷатҳои қонунии Республикаи Ўзбекистон барои вайрон кардани ҳуқуқҳои меҳнати ходимон ҷавобгар шудани кордиҳанда ва шахсони мансабдори корхона дар назар дошта шудааст. Ба кордиҳанда барои расо-

нидани зарар ба ходим фақат ҷавобгарии моддӣ гузоштан мумкин. Шахсони мансабдори корхона ба ҷавобгарии интизомӣ, моддӣ, маъмурӣ, дар ҳолатҳои алоҳида ба ҷавобгарии ҷиноӣ кашида мешаванд.

**Супориш.**

Бо материалҳои оид ба ҳалли низоъҳои меҳнатӣ, ки ба суд дода шудаанд, шинос шавед, маҷлиси комиссияи низои меҳнатиро гузаронед ва қарор қабул кунед. Мувофиқи схемае (нақшае), ки дар боло оварда шуд, маҷлиси судро гузаронидан мумкин.

Донишомӯзони синфи 10-ум Н. ва С. ҳангоми таътили тобистона ба участкаи муассисаи сохтмон ба сифати ёрдамчии коргар ба кор қабул шуданд. Дере нагузашта бино ба паст шудани самараи меҳнат ва вайрон кардани интизом онҳо аз кор сабукдӯш гардиданд. Ба онҳо фаҳмонданд, ки корро бояд зуд анҷом дод, вагарна бетони сохтмон дар майдонча дарҳол хушк мешавад, зиёда аз ин онҳо ҳар рӯз, аз ҷумла, шанбе ва якшанбе аз кор ду соат пеш рафтанашон таъкид шуд.

Ҳол он ки дар шартномаи меҳнатии бо онҳо имзошуда розигиашон оид ба рӯзи пурраи корӣ қайд шуда буд. Шартнома бо имзоҳои Н. ва С. инчунин падару модарони онҳо тасдиқ шудааст.

Волидайни Н. ва С. ба кор баргаштани онҳоро талаб намуданд. Оид ба кирдори раҳбарияти муассисаи сохтмон ба комиссияи низоъҳои меҳнатӣ аризаи шикоят доданд.

**Ҳамин тариқ, материалҳои кор омӯхта, аз донишҳоятон оид ба асосҳои қонунҳои меҳнат истифода намуда, барои ҳалли муаммо кӯшед. Кӣ ҳақ? Маъмурият? Ё падару модарони донишомӯзон? Ҷавобатонро асоснок кунед.**

**Ҳангоми гузаронидани маҷлиси комиссияи низоъҳои меҳнатӣ ба далелҳои дар кори суд баёншуда такя намоед.**

## ВАЗИФАҲОИ ИШТИРОКЧИЁНИ КОМИССИЯҲОИ НИЗОЪҲОИ МЕҲНАТӢ

**Раиси комиссия:**

— маҷлисро идора мекунад;

— моҳияти корро маълум менамояд;

— аз даъвогар ва ҷавобгар доир ба кор вазъиятҳои иловагиро муайян мекунад;
— гувоҳонро мепурсад;
— қонунҳои оид ба меҳнат ва фикри  тарафҳоро ба ҳисоб мегирад.

**Котиб:**

— баённомаи маҷлисро  менависад;
— ба маҷлиси комиссияи низоъҳои меҳнатӣ омадан ё наомадани иштирокчиёнро тафтиш мекунад.

**Даъвогар:**

— доир ба моҳияти низоъ нишондодҳо медиҳад;
— оиди ба роҳ мондани ҳуқуқи меҳнати вайроншудааш талабҳо мегузорад.

**Ҷавобгар:**

— маҷбур  аст, ки барои қарор ёфтани ҳақиқат монеъгӣ накунад;
— оид ба моҳияти низоъ ва доир ба ҳалли қонунии низои сарзада нуқтаи назари худро баён мекунад.

**Адвокат:**

— ба иштирокчиёни ҷараён саволҳо медиҳад;
— барои муайян кардани ҳақиқат ва ҳалли одилонаи низоъ аз ҳамаи воситаҳои қонунӣ истифода мебарад;
— то дида баромадани кор ва дар давоми он ба даъвогар ёрии зарурии юридикӣ мерасонад;
— агар далелҳо сохта бошанд, барои рафтори ғайриқонунӣ ба ҷавобгарии ҷиноӣ кашида мешавад.

**Эксперт:**

— ӯ маҷбур аст, ки оид ба масъалаи дар наздаш гузошта хулосаи хаттӣ диҳад.

**Раҳбари ҷамоаи меҳнатӣ:**

— дар суд  оид ба низои мазкур фикри ҷамоаро баён мекунад;
— барои рӯшан сохтани вазъияти кор кӯмак мерасонад.

## ХУЛОСАБАРОРӢ

Баъд аз дида баромадани кори низоъ оид ба саволҳои зерин дарси муҳокимавӣ гузаронед:

Худатонро ба ҷои... (даъвогар, ҷавобгар, адвокат ва ҳоказо) чӣ қадар боҷуръат ҳис кардед? Донишҳои дар дарс гирифтаатон аз нуқтаи назари қонунҳои меҳнат барои ҷавоб додан ба саволҳои тарафи муқобил оё кифоя буд?

Ба фикри шумо оё мувофиқи қонунҳои оид ба меҳнат қарор қабул шуд?

**Донишатонро санҷед!**

1. Шартномаи меҳнат ба кадом муддат баста мешавад?
2. Аз чандсолагӣ барои ба кор қабул кардан роҳ дода мешавад?
3. Дафтарчаи меҳнатӣ барои ходим кай кушода мешавад?
4. Барои баровардани амр доир ба қабул ба кор чӣ асос мешавад?
5. Ходим аз хусуси сабукдӯш шудан аз кор маъмуриятро чанд рӯз пеш бояд огоҳ намояд?
6. Шартномаи меҳнатӣ дар кадом ҳолатҳо бекор шуданаш мумкин?
7. Ба ходими аз кор рафта дафтарчаи меҳнатӣ ва нусхаи амр кай дода мешавад?
8. Муддати оптималии вақти кор чӣ қадар аст?
9. Муддати ихтисоршудаи вақти кор барои киҳо муқаррар мешавад?
10. Коргарони шароити меҳнаташон номусоид ҳафтае чанд соат бояд кор кунанд?
11. Кадом вақт вақти шабона ҳисоб мешавад?
12. Барои кори берун аз вақти корӣ чӣ қадар муддат пешбинӣ шудааст?
13. Рӯзҳои ҷашнро номбар кунед.
14. Таътили меҳнати солонаи камтарин ва бисёртарин чӣ қадар аст?
15. Нисбат ба ходим кадом чораҳои ҷазо истифода бурдан мумкин аст?

## §§ 27-28. ТАКРОРИ ХОТИМАВӢ

**Ҳангоми омӯхтани китоби дарсии «Асосҳои давлат ва ҳуқуқ» чӣ гуна аз бар намудани истилоҳҳои (терминҳои) юридикиро санҷед. Агар дар ҷавобаш мушкилӣ пеш ояд, ба матни саҳифааш қайдшуда бори дигар муроҷиат кунед.**


Аксепт кардан 67
Апатрид 30
Ба тартиб даровардани ҳуқуқи меҳнат 98
Баёнияи умумиҷаҳонии ҳуқуқи инсон 19
Бунёди бачаҳои СММ 20
Вазифаҳои қонунҳо оид ба меҳнат 100
Вақти кор 122
Дафтарчаи меҳнатӣ 113
Давлати ҳуқуқӣ 30
Интизоми меҳнатӣ 118
Истеъмолгар 74
Конвенсия оид ба лаёқати муомила 61
Конститутсия 10
Лаёқати ҳуқуқӣ 57
Маданияти ҳуқуқӣ 7
Мақсади ҷазои маъмурӣ 50
Маҷбурсозии маъмурӣ 48
Муддати озмоиш 114
Музди кор 116
Мулк 63
Мулки интеллектуалӣ 85
Муносибатҳои меҳнатӣ 99
Муносибатҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва принсипҳои онҳо 15
Муносибатҳои байналмилалӣ 12
Намояндагӣ (вакилӣ) 61
Оферта 67
Принсипи инсонпарварӣ 37
Рағбат барои меҳнат 120
Сарчашмаҳои ҳуқуқи шаҳрвандӣ 54
Стратегияи ҳаракатҳо 15
Сертификати мувофиқат 76
Созмони Милали Муттаҳид 17
Созишномаҳо 60
Сохтори Конститутсияи Республикаи Ӯзбекистон 33
Сохти конститутсиявӣ 32
Субъектҳои ҳуқуқи маъмурӣ 43
Субъектҳои муносибатҳои меҳнатӣ 101
Таътили меҳнатӣ 124
Усулиятҳои конститутсиявӣ 33
Функсияи ҳуқуқи байналмилалӣ 11
Хайру эҳсон 69

Хусусиятҳои қабул ба кор 108
Шартномаи байналмилалӣ 10
Шартномаи муаллифӣ 89
Шартномаи меҳнатӣ 104
Шартҳои шартномаи меҳнатӣ 105
Шаҳрвандӣ 22
Шуури ҳуқуқӣ 7
Ӯҳдадориҳои шаҳрвандон 39
Ҳаракати норавои маъмурӣ 48
Ҳақиқӣ набудани созишномаҳо 60
Ҳокимияти халқ 37
Ҳуқуқи байналмилалӣ 10
Ҳуқуқи бачаҳо 24
Ҳуқуқи инсон 20, 26
Ҳуқуқи конститутсиявӣ 32
Ҳуқуқи маъмурӣ 42
Ҳуқуқи меҳнат 99
Ҳуқуқи муаллифӣ 88
Ҳуқуқи мулк 63
Ҳуқуқи оилавӣ 14
Ҳуқуқҳои сиёсӣ ва ӯҳдадориҳо 38
Ҳуқуқи оммавии байналмилалӣ 13
Ҳимояи ҳуқуқи истеъмолгарон 81
Ҳуқуқи шаҳрвандӣ 54
Ҳуқуқи шахсӣ 13
Ҷазои интизомӣ 119
Ҷазои маъмурӣ 49

## ЛУҒАТИ ИСТИЛОҲҲОИ ҲУҚУҚӢ

**Адвокат —** шаҳрвандест, ки ба шахсони ҳуқуқӣ ва ҷисмонӣ ёрии касбии ҳуқуқӣ мерасонад.

**Айбдоршаванда** — мувофиқи қонун шахсе, ки нисбат ба ӯ қарор дар бораи ба ҷавобгарӣ кашидан қабул карда мешавад. Ҳангоми суд айбдоршаванда судшаванда буда, баъди баромадани ҳукм ӯ маҳкум ном мегирад.

**Амнистия** (юнонӣ — *amnestia* — бахшидан, фаромӯш кардан) — озод кардани содиркунандагони ҷиноят аз ҷазо ё онро фаромӯш кардан.

**Апатридҳо** (а…+ юнонӣ *patris* (ватан) — беватан) — шахсони шаҳрвандӣ надошта, ғайритабаа.

**Аппелятсия** — яке аз шаклҳои шикоят аз болои қарори суд, зимни он корро (парвандаро) инстансияи (зинаи) дуюми суд бино ба шикоят дида мебарояд.

**Аффект** (лот. *affectus* — туғёни қалб, эҳтирос) — ҳолати кӯтоҳмуддати ғазабомези шахс, пастравии назорат нисбат ба ҳаракати худ бино ба эҳтироси чуқур.

**Ашё** — дар ҳуқуқи шаҳрвандӣ — объекти мулк.

**Ба воя нарасида (ноболиғ)** — мувофиқи ҳуҷҷатҳои қонунии Республикаи Ӯзбекистон шахсони ҳанӯз ба синни 18 нарасида.

**Боздошт, ҳабс** — чораи кӯтоҳмуддати маҷбурӣ нисбати шахси гумонбаршуда дар содир намудани ҷиноят, дастгир кардани шахс барои муайян сохтани иштироки ӯ дар ҷиноят ва ҳалли масъалаи онро ба ҳабс гирифтан, аз 72 соат зиёд давом намекунад.

**Бекорон** — шаҳрвандони қобилияти меҳнатӣ доштае, ки кор ва музди кор надоранд, бо мақсади пайдо кардани кори ба худаш он маъқул дар хизмати шуғл ба қайд гирифта шудаанд ва ба кор тайёр ҳастанд.

**Вандализм** — бешафқатона несту нобуд кардани сарватҳои моддию маданӣ, иншоотҳои ҷамъиятиро хароб намудан, мулкро аз кор баровардан ва ҳоказо.

**Васият** — ба фарзандон ё дигарон додан, мерос гузоштани мулк бо назардошти вафот, мувофиқи тартиби қонун амалӣ мегардад.

**Виза** (лот. *viz* — аз назар гузаронида) — нишона дар паспорт, рухсат барои даромадан ба давлате, ё гузаштан аз ҳудуде.

**Гуреза** — шахси шаҳрвандӣ надоштае, ки барои истифодаи зӯрӣ нисбат ба он ё хавфи рӯ ба рӯ омадан ба зӯрӣ ҷои зисти доимиро тарк карда, дар ҳудуди дигар давлат зиндагӣ мекунад.

**Гувоҳ** — шахсе, ки барои муайян кардани ҳолатҳои зарурии парванда (кор) ягон чиз борояш маълум аст.

**Даъвогар** — шахсе, ки (ҳуқуқӣ ё ҷисмонӣ) — ба суд дар бобати ҳимояи ҳуқуқи вайроншуда ё талошкардааш муроҷиат кардааст.

**Декларатсия** (лот. *declaratio* — эълон, баёнот) — 1) ҳуҷҷати ҳуқуқие, ки эътибори тавсияро дорад; 2) декларатсияи гумрук (боҷхона) — рӯихати тартибдодаи чизҳо (қиматбаҳо) ҳангоми гузаштан аз сарҳад; 3) декларатсияи андоз — баёноте, ки шахс оид ба миқдори даромади худ барои супурдани андоз медиҳад.

**Дискриминатсия** (лот. *diskrimminatio* — фарқ кунонидан) — паст задан, таҳқир намудани ҳуқуқҳои давлат, шахсони ҳуқуқӣ ё ҷисмонӣ.

**Интизом** — тартиби муайяни рафтори инсонҳо мувофиқи меъёрҳои ахлоқ ва ҳуқуқи дар ҷамъият ташаккулёфта.

**Иммунитет** (лот. *immunitas* — аз ягон чиз озод кардан) — ҳуқуқи мутлақе, ки дар давлат ба баъзе шахсони мавқеи алоҳида дошта (депутатӣ, дипломатӣ) барои ба баъзе қонунҳои умумӣ итоат накардан дода мешавад.

**Мулки интеллектуалӣ** — маҷмӯи ҳуқуқҳои махсус вобаста ба натиҷаҳои фаъолияти эҷодӣ.

**Кассатсия** — шикоят намудан аз болои қарор ё ҳукми суд, ки ҳоло эътибор пайдо накардааст.

**Кофтуков** — ҳаракати муфаттишӣ (тергав) барои пайдо намудани исботу далели ҷиноят.

**Компенсатсия** (лот. *compensatio* — пардохтан) — пардохтани (ҷуброни) зарарҳо (гум шудани чиз, молро дар вақташ нарасонидан ва ҳоказо), ки дар оқибати вайрон шудани ӯҳдадориҳои шаҳрвандию ҳуқуқӣ рӯй медиҳад.

**Конвенсия** (лот. *conventio* — ба ҳам омадан, созиш) — яке аз номҳои шартномаҳои байналмилалие, ки дар сатҳи ҳукуматҳо ба имзо мерасад.

**Консенсус** (лот. *convensus* — розигӣ, якдилӣ) — барои қабули матни қарор ё шартнома, ки дар асоси розигии умум, бе гузаронидани овоздиҳӣ қабул мешавад.

**Коррупсия** — фаъолияти ҷиноӣ дар соҳаи сиёсат ва идоракунии давлатӣ: истифода шудани ҳуқуқҳо аз тарафи шахсони мансабдор ба манфиатҳои шахсӣ (порахӯрон, сӯиистеъмол кардани мавқеи хизмат.

**Лаёқати ҳуқуқӣ** — лаёқати ифода карда тавонистани ҳуқуқу ӯҳдадориҳои шаҳрвандӣ, ки ҳуқуқи мамлакат барои шахс роҳ медиҳад.

**Лаёқати муомила** — гирифтан ва ба амал баровардани ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ бо ҳаракатҳои худ, лаёқати офаридани ӯҳдадориҳои шаҳрвандӣ барои худ ва амалӣ намудани онҳо.

**Молу мулк** — сарватҳо (боигариҳо)-и мулкии ягон шахс.

**Мулкро ба ҳабс гирифтан** — ба рӯйхат гирифтан молу мулк ва манъ кардан барои тасарруф намудани он.

**Меъёри ҳуқуқ** — қоидаҳои умумимаҷбурии ҳаракатҳое, ки давлат муқаррар намуда, иҷрои он бо ёрии идораҳои ҳокимият (суд, милитсия) таъмин мешавад.

**Норасоии ақл** — ҳолати бемории рӯҳӣ ё заифии ақл, ба ҳаракати худ баҳо дода натавонистани шахс ё дар содир намудани кирдори хавфноки иҷтимоӣ онро идора накардан.

**Натурализатсия** — қабул намудани шахси хориҷӣ ба шаҳрвандӣ бино ба аризааш;

**Ошкороии бурдани кори судӣ** — қоидаи бурдани корҳои судӣ, ошкоро бурдани мурофиаҳо дар судҳо дар назар дошта шудааст.

**Оферта** (лот.ofertus — таклифшуда) — пешниҳоди расмӣ оид ба имзои созишнома бо шахси муайян, дар он шартҳои зарурӣ нишон дода мешавад.

**Парваришшаванда** — шахсе, ки аз дигар шахс (ё шахсон) таъминоти моддии пурра ё ёрии доимии моддӣ мегирад.

**Презумпсияи беайбӣ** — қоидаест, ки то дар суд исбот шудани айби шахсе вай шахси беайби айбордоршаванда ё судшаванда ҳисоб мешавад.

**Пурсиш (истинтоқ)** — яке аз шаклҳои тафтиши аввалини ҷиноятҳо (баробари тергави аввалин).

**Расогии ақл** — ҳолати муқаррарии инсони рӯҳан солим, ба ҳаракати худ баҳо дода, онро идора карда тавонистан аз тарафи шахс.

**Суверинитет** (фр. *souverainet* — ҳокимияти олӣ) — устувории дохилии кишвар ва мустақилии он дар муносибатҳои хориҷӣ, соҳибихтиёрӣ.

**Тороҷгарӣ** — ошкоро тороҷ намудани молу мулк.

**Таомул, одат** — шакли ҳаракатҳое, ки муддати тӯлонӣ дар ҳаёти иҷтимоӣ ташаккул ёфтааст. Баробари пайдоиши давлат таомул ба манбаи ҳуқуқ табдил шудааст ва риоя намудан ба он аз тарафи давлат маҷбур карда мешавад.

**Таҳдид** — яке аз намудҳои зӯрии рӯҳӣ ба инсонҳо.

**Терроризм** (лот. *terror* — тарс, даҳшат) — маҷмӯи ҳаракатҳои зидди ҳуқуқӣ бо мақсади расидан ба ягон мақсад (қотилиҳо, диверсияҳо ва монанди инҳо).

**Тамаъгарӣ** — бо таҳдид ва зӯрӣ талаб кардани молу мулк (ё ҳуқуқ ба молу мулк), рэкети, як навъи ҷиноят.

**Туҳмат** — ба мақсади бадном кардани шахсе паҳн сохтани гапҳои дурӯғ.

**Фиребгарӣ** — яке аз шаклҳои ба зӯрӣ асосёфтаи дуздӣ, тамаъгарӣ.

**Холис** — шахсе, ки дар асоси ҳуҷҷатҳои қонунӣ ҳангоми гузаронидани муоина, тафтиш, гирифта мондан, ёфтан ва дигар ҳаракатҳо таклиф карда мешавад.

**Шахси ҷисмонӣ** — шаҳрванди алоҳидае, ки ба сифати субъекти ҳуқуқи шаҳрвандӣ гирифта шудааст.

**Эмансипатсия** –пурра қобили лаёқат донистани ба воя нарасидагон.

**Шахси ҳуқуқӣ (юридикӣ)** — ташкилоте, ки соҳиби мулки алоҳидаи хусусӣ буда, ӯҳдадориҳои худро бо ҳамин мулк ҷавоб медиҳад.

**Юриспруденсия** (лот. *Jurus*) — ҳуқуқшиносӣ, маҷмӯи фанҳо оид ба ҳуқуқи қарор баровардани идораҳои суд, фаъолияти амалии ҳуқуқшиносӣ.

**Қасд** — фаҳмидани хавфнокии иҷтимоии ҳаракат ва зид будан ба ҳуқуқ.

**Ҳуҷҷати дорои эътибори қонунӣ** — ҳуҷҷати ҳуқуқии идораҳои ҳокимияти давлатии, нисбат ба қонун кам, лекин эътибори қонунӣ дошта.

**Ҳақорат** — ҷиноятe, ки дар шакли қасдан паст задани шаън ва қадру қимати шахс дар шакли беодобӣ ифода карда мешавад.

**Ҳукм** — қарори суд дар бораи айбдор ё беайб будани судшаванда, ё қароре, ки нисбат ба ӯ қарори истифода кардан ё накардани ҷазо бароварда шудааст.

**Ҳуқуқ** — системаи меъёрҳои умумимаҷбурие, ки дар миқёси ҷамъият аз тарафи давлат муҳофизат карда мешавад.

**Ҳуқуқи афзалият** — ҳуқуқи мутлақи нисбат ба ягон идораи давлатӣ ё мансабдор додашуда.

**Ҳуқуқшиканӣ** — ҳар гуна ҳаракате, ки ба вайрон шудани меъёрҳои ягон ҳуқуқ оварда расондааст.

**Ҳуқуқҳои инсон** — мафҳумест, ки аҳволи ҳуқуқии инсонро нисбат ба давлат муайян мекунад, имкониятҳои он дар соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва мадании ҳаёт.

**Ҷабрдида** — шахсе, ки дар оқибати ҷиноят зарари маънавӣ, ҷисмонӣ ё мулкӣ дидааст.

# МУНДАРИЧА

Ба донишомӯзон ........ 3

## ФАСЛИ 1. РЕСПУБЛИКАИ ЎЗБЕКИСТОН—СУБЪЕКТИ ҲУҚУҚИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

§ 1. Ҳуқуқ—асоси мустаҳками муносибатҳои шахс ва давлат ........ 4
§ 2. Ҳуқуқи байналмилалӣ ........ 10
§ 3. Мақсад ва вазифаҳои Созмони Милали Муттаҳид ........ 17
§ 4. Шаҳрвандии Республикаи Ўзбекистон ........ 22
§ 5. Механизми ҳимоя кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ........ 25

## ФАСЛИ II. ҲУҚУҚИ КОНСТИТУТСИЯВӢ

§ 6. Бартарияти қонун дар давлат ........ 28
§ 7. Асосҳои сохти Конститутсиявии Республикаи Ўзбекистон ........ 31
§ 8. Усулияти инсонпарварӣ — асоси сохтори Конститутсиявии Республикаи Ўзбекистон ........ 36

## ФАСЛИ III. АСОСҲОИ ҲУҚУҚИ МАЪМУРӢ

§ 9. Ҳуқуқи маъмурӣ дар Республикаи Ўзбекистон ........ 41
§ 10. Ҳуқуқшиканиии маъмурӣ ва ҷавобгарии маъмурӣ ........ 46
§ 11. Ҷазои маъмурӣ ва намудҳои он ........ 49

## ФАСЛИ IV. АСОСҲОИ ҲУҚУҚИ ШАҲРВАНДӢ

§ 12. Ҳуқуқи шаҳрвандӣ дар Республикаи Ўзбекистон ........ 53
§ 13. Талабҳо нисбати созишномаҳо ва намояндагӣ ........ 59
§ 14. Ҳуқуқи мулк ва дигар ҳуқуқҳои ашёвӣ ........ 63
§ 15. Шартҳои шартномаҳои шаҳрвандию ҳуқуқӣ ........ 66
§ 16. Ҳуқуқҳо ва ўҳдадориҳои истеъмолгарон ........ 74

§ 17. Кафолате, ки аз тарафи истеҳсолкунанда ба сифати мол дода мешавад ........ 79
§ 18. Ҳуқуқи мулки интеллектуалӣ ........ 85
§ 19. Марҳилаҳои дар суд дида баромадани кори шаҳрвандӣ ........ 91

## ФАСЛИ V. АСОСҲОИ ҲУҚУҚИ МЕҲНАТ

§ 20. Муносибатҳои ҳуқуқӣ ........ 97
§ 21. Қабул ба кор ........ 104
§ 22. Муҳофизати меҳнат ........ 108
§ 23. Расмӣ кардани ҳуҷҷатҳо ҳангоми қабул ба кор ........ 111
§ 24. Додани музд ва интизоми меҳнат ........ 116
§ 25. Вақти кор ва вақти истироҳат. Тағйир додан ва бекор кардани шартномаи меҳнатӣ ........ 122
§ 26. Низоъҳои меҳнатӣ ва тартиби ҳалли онҳо ........ 129

§§ 27-28. Такрори хотимавӣ ........ 133
Луғати истилоҳҳои ҳуқуқӣ ........ 135

Kostetskiy Vasiliy Anufrievich

O‘quv nashri

# «Davlat va huquq asoslari»

O‘rta ta’lim muassasalarining 10-sinfi uchun darslik

(Tojik tilida)

Birinchi nashr

Тошканд – «Yangiyo‘l poligraf servis» – 2017
Литсензияи нашриёт AI №185, 10.05.2011.

Тарҷумон – Ш. Салимов
Муҳаррир – Х. Саъдуллоҳ
Муҳаррири техникӣ – М. Рихсиев
Мусаввир – Ж. Азимов

Аз оригинал-макет ба чоп 13.12.2017 иҷозат дода шуд.
Андозаи 70x90 $^{1}/_{16}$. Гарнитураи «Times New Roman».
Бо усули офсет чоп шуд.
Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 9,0. Ҷузъи чопии шартӣ 10,53.
Теъдоди нашр 7648 нусха. Супориши № 4957.

Дар матбааи Ширкати саҳҳомии табъу нашри «Sharq»,
100000, шаҳри Тошканд, хиёбони Буюк Тӯрон, 41 чоп шудааст.

## Ҷадвали нишондиҳандаи ҳолати китоби ба иҷора додашуда

| № | Ному насаби хонанда | Соли хониш | Ҳолати китоб ҳангоми гирифтан | Имзои раҳбари синф | Ҳолати китоб ҳангоми супоридан | Имзои раҳбари синф |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | | | | | | |
| 2. | | | | | | |
| 3. | | | | | | |
| 4. | | | | | | |
| 5. | | | | | | |

**Ба ҷадвали боло ҳангоми ба иҷора додан ва қабули китоб аз тарафи раҳбари синф дар охири соли хониш аз рӯи меъёрҳои зерин баҳо гузошта мешавад:**

| Нав | Ҳолати китоб ҳангоми бори аввал супоридан. |
|---|---|
| Хуб | Муқовааш комил, аз қисми асосии китоб ҷудо нашудааст. Ҳамаи варақҳояш ҳаст, надаридааст, ҷудо нашудааст, дар саҳифаҳо навиштаҳо ва хатҳо нест. |
| Қаноатбахш | Муқова қаҷ шудааст, канорҳояш коҳида, якчанд хатҳо кашида шудаанд, ҳолати аз қисми асосӣ ҷудошавӣ дорад, аз тарафи истифодабаранда қаноатбахш таъмир шудааст. Варақҳои ҷудошуда аз нав таъмир гаштааст, дар баъзе саҳифаҳо хат кашида шудааст. |
| Ғайриқаноатбахш | Муқова хат кашида шудааст, даридааст, аз қисми асосӣ ҷудо шудааст ё ки умуман нест, ғайриқаноатбахш таъмир шудааст. Саҳифаҳо дарида, варақҳо намерасанд, хат кашида, ранголуд шудааст, китоб барқарор карда намешавад. |